**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ МАСЪАЛАҲОИ ОБ, ГИДРОЭНЕРГЕТИКА ВА ЭКОЛОГИЯ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

*ВБД – 338.48 (575.3)*
*ТКБ – 75.81*
*Р – 42*

**РАҲИМЗОДА БАХТИЁР АБДУЛАҲАД**

# ШАРОИТҲОИ ГЕОЭКОЛОГӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҲУДУДИ «РЕЗЕРВАТИ БИОСФЕРИИ РОМИТ»

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география)

Роҳбари илмӣ:
д.и.б., профессор Мамадризохонов А.А.

**Душанбе – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО**.....................................................................4
Муқаддима…………………………………………………………………………......................5
**БОБИ 1. АСОСНОКУНИИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ УСТУВОРИ ИСТИФОДАБАРИИ ТАБИАТ**
1.1. Тамоюлоти ҷаҳонӣ ва нақшаи дурнамои рушди сайёҳии экологӣ...........14
1.2. Сайёҳии экологӣ – ҳамчун шакли асосии истифодабарии самаранокии табиат.....................................................................................................32
1.3. Роҳҳои геоэкологии таҳқиқоти фаъолияти сайёҳӣ-рекреактсионӣ дар марзи ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда............................................39
**Хулосаи боби якум**........................................................................................50
**БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ГЕОЭКОЛОГИИ ТАРКИБҲОИ САЙЁҲӢ–РЕКРЕАТСИОНИИ ҲУДУДИ *«РЕЗЕРВАТИ БИОСФЕРИИ РОМИТ»***
2.1. Маълумоти муқаддимавӣ.............................................................................51
2.2. Маълумоти умумӣ дар бораи *«Резервати биосферии Ромит»*..................53
2.3. Тавсифоти хусусиятҳои табиӣ - геоэкологӣ.............................................62
2.3.1. Зонаҳои табиӣ ва шароитҳои геологӣ - геоморфологӣ……....................62
2.3.2. Шароитҳои иқлимӣ.....................................................................................67
2.3.3. Қабати хокӣ..................................................................................................72
2.3.4. Олами наботот ва ҳайвонот.........................................................................74
**Хулосаи боби дуюм**........................................................................................86
**БОБИ 3. ХАРИТАИ РОҲБАЛАДИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҲУДУДИ *«РЕЗЕРВАТИ БИОСФЕРИИ РОМИТ»***
3.1. Таҳлили авзои соҳаи экологӣ дар ҳудуди резерват ..................................87
3.2. Ҷанбаҳои асосии пешбурди фаъолияти сайёҳии экологӣ ........................90
3.3. Ташаккули механизми танзими устувори раванди истифодабарии захираҳои сайёҳии экологӣ...........................................................................97
3.4. Роҳҳои ба нақшагирии самаранокии фаъолияти сайёҳӣ ва модели

вусъатбахши соҳа барои ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»*..................110
**Хулосаи боби сеюм**......................................................................................123
**БОБИ 4. ДУРНАМОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҲУДУДИ *«РЕЗЕРВАТИ БИОСФЕРИИ РОМИТ»***
4.1. Мушкилоти асосии соҳа ..........................................................................126
4.2. Самтҳои афзалиятноки сайёҳии экологӣ..................................................130
4.3. Дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»*............................................................................................................138
**Хулосаи боби чорум** ....................................................................................147
**Хулосаи умумӣ**.............................................................................................149
**Тавсияҳо оиди амалан истифодабарии натиҷаҳо** ......................................151
**Рӯйхати адабиёт (Маъхазҳо)** .......................................................................155
**Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи олмӣ** ............................174

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ВМИ ҶТ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИБҲМЗ – Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи муҳити зист

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ММД – Маҷмӯъи маҳсулоти дохилӣ

МРС – Минтақаҳои рекреатсионии сайёҳӣ

“РБР” – “Резервати биосферии Ромит”

СИГ – Системаҳои иттилоотии географӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СЭ – Сайёҳии экологӣ

ТБС – Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ

ҲТММ – Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда

ШБА – Шоҳроҳи бузурги абрешим

ШСУ – Шурои сайёҳии умумиҷаҳонӣ

WTO – World Tourism Organization

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар ҷаҳони муосир соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои ташаккулёфтаи иқтисодиёти ҷаҳон ба шумор меравад, ки дар тараққиёти интегралӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатҳо ва минтақаҳои чаҳон нақши муҳимро мебозад.

Сарватҳои бойи сайёҳӣ ва шароити мусоиди табиӣ-экологӣ ва географии табиати мамлакатро ба инобат гирифта, роҳбарияти мамлакат, таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон диққати ҷиддиро ба рушди соҳаи сайёҳӣ равона намудааст. Эълон намудани соли 2018 «Соли рушди соҳаи сайёҳӣ»; солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва фароҳам овардани имтиёзҳо барои пеш бурдани фаъолияти соҳаи сайёҳӣ таъсиргузор мебошад, ки ин бори дигар ғамхории роҳбарияти ҷумҳуриро нисбати рушди соҳаи сайёҳӣ исбот месозад [3].

Дар баробари ин, таҳлилҳои соҳавӣ нишон медиҳад, ки дар замони муоссир минтақаҳои ҷумҳурӣ захираҳои сайёҳии худро бесамарона истифода мебаранд (15-18%). Маълум гардид, ки шумораи зиёди объектҳои сайёҳии ҷумҳурӣ (ба монанди объектҳои табиӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ) бо сабабҳои гуногун дар самти истифодабарии сайёҳӣ-рекреактсионии табиат дастнорас мондаанд.

Яке аз мавзеъҳои ҷолиби ҷумҳурӣ, ки дар солҳои охир ҳар чи бештар объекти таваҷҷӯҳи сайёҳон мегардад - ин ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит» (“РБР”)* мебошад. Таҳқиқи шароити табиӣ-геоэкологии ин мавзеи ҳифзшаванда ва арзёбии зарфияти он имконияти идоракунии самараноки табиатистифодабарии сайёҳии мавзеъро таъмин намуда он ба таври объективӣ ҷавобгӯй ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологии мамлакат мебошад.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Таҳқиқот ба корҳои илмии бунёдии мутахассисони бонуфуз дар соҳаи экология ва сайеҳӣ такя мекунад. Як қатор ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии марбут ба масъалаҳои

сайеҳии экологӣ ва рекреатсиониро дар корҳои муҳаққиқони русия ва хориҷӣ равшании ҳамаҷониба пайдо намуданд.

Дар байни муҳаққиқони кишварҳои ИДМ, ки дар омӯзиши ин масъала саҳми назаррас гузоштаанд: Ю. А. Веденин [1969, 1973, 1982], Л. А. Багров [1977], И. В. Зорина [1985, 2005], Е. В. Колотова [1998], А. Ю. Александров ва ғ. [2004], М. Б. Биржакова [2004 л. Ю. мажара [2009], Д. А. Верхотурова [2011], А. Н. Дунса [2011], В. А. Квартальнова [2013] ва дигарон. Ҷанбаҳои васеи фаъолияти сайеҳӣ-рекреатсионӣ дар асарҳои муҳаққиқон, ба монанди: Д. А. Дирин [2007, 2010], А. И. Зырянов [2010, 2012], В. В. Храбовченко [2004] ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд..

Дар байни муҳаққиқони хориҷӣ дар омӯзиши ташаккули сайёҳии рукреатсиони олимон ба монанди: P. Hasslacher (Швейтсария), J. Krippendorf (Олмон), N. Ward, E. Boo, D. McLaren (ИМА), H. Ceballos-Lascurain (Мексика), I. Mose (Олмон) ва P. Valentine (Австралия) ва дигарон саҳми назаррас гузоштанд.

Хусусиятҳои ҳудудии фаъолияти истифодаи табиати сайеҳӣ ва рекреатсионии минтақаҳои Тоҷикистон дар асарҳои илмии: М. Собирова [2017], Х. Абророва [2013, 2018], М.А. Амонатова [2018], У.И. Муртазаев ва З.Р. Бегматов [2015], Д.М. Ганиев [2016], Ёр-Ахмад Лайло [2015], Е.К. Курбоншо [2011, 2012], А. Мамадризохонов [2013, 2016], Ш. Гадоев [2020], Ш.Ф. Валиев [2021], Х. Карамхудоев [2021], А. Симоилбеков [2023], Р. Ибрагимов [2023], Н.Д. Бобоева [2024] ва дигарон тадқиқотчиен иникос гардидаанд. Аммо таҳлили маъхазҳои илмӣ нишон медиҳад, ки як қатор ҷанбаҳои ин мавзӯъ ба таври кофӣ коркард нашудаанд, алахусус дар заминаи асосҳои ҳудудии истифодаи устувори табиат, рушди сайеҳӣ ва инчунин арзебии ҳамаҷонибаи иқтидори сайеҳӣ-рекреатсионӣ.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи илмӣ аз тарафи унвонҷӯ дар давоми солҳои 2020 - 2024 мустақилона иҷро гардида, мавзӯи рисола ба нақшаи кории Лабораторияи сифати об ва эклогияи Института масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ, инчунин маводҳои расмии маркази Ҳудудҳои табиии махсус

муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: “Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2020”; “Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” ва Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 алоқамандии зич дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Дар асоси омӯзиши шароитҳои геоэкологӣ ва иқтидори захиравии *«Резервати биосферии Ромит»* коркарди механизми истифодабарии устувори онҳо тавассути рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои мазкур назди мо омӯзиши вазифаҳои зерин вогузор гардидаанд:

1. Омӯзиши таҷрибаҳои андӯхта, асосҳои назариявӣ, принсипҳо ва методҳои баҳогузории захираҳои сайёҳӣ ва ташкили ҳудудии пешбурди фаъолияти сайёҳии экологӣ;
2. Омӯзиши шароитҳои табиӣ-геоэкологию иқтидори захиравии *«Резервати биосферии Ромит»* ва баҳогузории он ҳамчун сарчашмаи рушди сайёҳии экологӣ;
3. Дар асоси таҳлили вазъияти соҳаи сайёҳӣ коркард намудани механизми баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои сайёҳии резервати биосферӣ дар сайёҳии экологӣ;
4. Коркарди модели мукаммали рушди устувори сайёҳии экологӣ, ҷиҳати босамар ҷорӣ намудани он дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»*;
5. Муайян намудани мушкилоти асосӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»*;
6. Муайян сохтани роҳҳои манфиатбахши рушди сайёҳии экологӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологии ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»*.

**Объекти таҳқиқот.** Ба ҳайси объекти таҳқиқ нерӯи сайёҳии экологии ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* интихоб карда шудааст.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи асосии таҳқиқотро омӯзиши омилҳои асосии геоэкологӣ, иқтидори захиравӣ ва фарқияти ҳудудии *«Резервати биосферии Ромит»,* ки дараҷаи истифодабарии ҳудудиро барои рушди сайёҳии экологӣ дар бар мегирад, фарогир аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Дар рисола бори аввал тавсифи шароитҳои табиӣ-геоэкологӣ ва иқтидори захиравии *«Резервати биосферии Ромит»* таҳқиқ гардида, баҳодиҳӣ ба он ҳамчун сарчашмаи рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ нишон дода шудааст. Механизми баланд бардоштани самаранокии иқтидори захиравии резервати биосферӣ ва намунаи (модел) пурраю мусоиди рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ, барои ворид намудан ба ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* коркард карда шудааст. Мушкилоти асосии соҳа муайян гардида, афзалиятҳои рушди босуботи фаъолияти сайёҳии экологӣ бо назардошти хусусиятҳои хосашон асоснок карда шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он ба фаҳмиши амиқи равандҳои истифодаи сайёҳии экологӣ дар табиат ва минтақаҳои ҳифзшуда – аз нигоҳ доштани шаклҳои анъанавии истифода то ташаккули шароити рушди устувор мусоидат мекунанд. Ин равандҳо на танҳо ба ташкили сайеҳӣ, балки ба соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳаёти аҳолии маҳаллӣ ва умуман ҷомеа низ таъсир мерасонанд. Тадқиқоти гузаронидашуда бо муносибати комплексӣ фарқ мекунад, ки дар он тағйирот ҳам дар муҳити беруна ва ҳам дар муҳити дохилии фаъолияти ташкилот баррасӣ карда мешавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба дастовардашуда, хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар самтҳои зерин роҳандозӣ шаванд:

– ҳангоми баҳодиҳии шароитҳои табиӣ ва ҳудуди ландшафтии мавзеи ҳифзшаванда бо мақсадҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ барои доираи васеъи аҳолӣ ҳамчун асоси илмӣ-амалӣ хизмат кунанд;

– барои ҳалли масъалаҳои экологӣ ва ҷойгиршавии нақшаи объектҳои экологӣ-рекреатсионӣ дар ҳудуди ҳифзшаванда ва гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ба кор бурда шавад;

– натиҷаҳои ба дастовардашуда метавонанд барои таҳқиқи минбаъдаи ташкил намудани фаъолияти ҳудудии сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар марзи ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳудудҳои ҳамсарҳад, инчунин таҳияи базаҳои методологӣ барои асоснокии илмии стратегияи рушди минтақавӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода бурда шаванд. Ҳамзамон, қисматҳои ҷудогонаи диссертатсия метавонад аз ҷониби мутахассисони *«Резервати биосферии Ромит»* ва бахшҳои ноҳиявӣ оид ба сайёҳӣ, инчунин кормандони ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми коркарди стратегияи устувори истифодабарии табиати ҲТММ мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

- Истифодабарии сайёҳии табиати ҳудуди *“РБР”* ба дараҷаи зарурӣ инкишоф наёфтааст. Барои таъмин намудани мувозинати ҳифзи табиат, иқтисодёт ва иҷтимоиёт, дар заминаи асоснокии нави илмӣ истифодабарии устувори табиат ва таъсири мултипликативӣ ба тамоми самтҳои ҷамъиятӣ ва системаи ҳифзи муҳити зист зарур мебошад;
- Механизми ташаккулёфта ва пешниҳодҳои феҳристи корҳои ба анҷомрасонидашуда, дурнамо ва афзалияти ташаккули фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар заминаи баҳогузорӣ намудани нерӯи захиравии ҳудудӣ, барои ҳалли мушкилоти ташкили фаъолияти СЭ дар ҳудуди *“РБР”* асос шуда метавонанд;
- Модели комплексии таҳияшудаи рушди устувори фаъолияти СЭ, ҳамчун намунаи таъсирбахши идоракунии самараноки истифодабарии табиат дар фаъолияти СЭ маҳсуб меёбад. Модели мазкур аз маҷмуи меъёрҳои фаъолияти иқтисодӣ, экологӣ-таълимӣ ва муайян сохтани вазифаҳои қисмҳои

алоҳидаи он: нуфузи ташкилотӣ, идоракунӣ, табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ иборат буда, то ҳадди ақкал кам намудани таъсири антропогенро ба комплексҳои табиӣ, муҳофизати гуногуннамудии биологӣ ва ландшафтҳо мусоидат менамояд.

- Бартараф намудани мушкилот дар самти пешбурди фаъолияти СЭ дар ҳудуди *“РБР”* ба воситаи ташкил намудани силсила-чорабиниҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва ташаккули пешбурди фаъолияти муосири сайёҳӣ - рекреатсионӣ пешбинӣ мешавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Саҳеҳияти натиҷаҳои ба дастовардашудаи тадқиқот, тариқи истифодаи воситаҳои муосир коркард шуда, бо таҳлили маводҳо ва роҳи системавии омӯзиши объект муайян гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои бандҳои 1.10; 1.16 ва 1.17-и шиносномаи тахассуси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракуниии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – соҳаи илмҳои география) мутобиқат менамояд:

1.10. Коркарди асосҳои илмии истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об, ҳаво, замин, рекреатсионӣ, маъданӣ ва энергетикии Замин;

1.16. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо;

1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар таҳқиқи рисола аз иштироки бевосита дар таҳқиқоти саҳроӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили адабиёт ва маводҳои экспедитсионӣ-саҳроӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* ва ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии сайёҳии экологӣ дар ҳудуди ҳифзшаванда иборат мебошад. Саҳми муаллиф, инчунини, дар омӯзиши маълумоти ибтидоии оморӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, мазмуни илмӣ, коркарди тавсияҳои амалӣ ва хулосаҳоро дар бар мегирад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар муассисаҳои таълимӣ).** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар Шуроҳои илмӣ ва конференсияҳои илмӣ-назариявии солонаи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2020 – 2024) дар шакли маърӯзаҳои илмӣ ироа гардидаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар кори конференсияҳо вобаста ба мавзӯъҳои: “Масоили ҷаҳонии экобиологӣ ва таъири он ба муносибатҳои байналмилалӣ ва раванди глобазатсионӣ” (Душанбе, 2021); “Нақши системаи маориф дар ҳалли самараноки мушкилоти ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиии Помир” (Хоруғ, 2021); “Заминаҳои асосии рушди сайёҳӣ ва нақши он дар инфрасохтори минтақа” (Хоруғ, 2023); “Проблемаҳои инкишофи сайёҳии дохилӣ дар замони муосир” (Душанбе, 2023); “Проблемаҳои географии рушди устувори саноатикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе, 2024); «Масъалаҳои ҳифз ва ҳимояи пиряхҳо ва таъмини аҳолии сайёра бо оби нӯшокӣ» (Душанбе, 2024) ва “Шароитҳои гидрологии Тоҷикистон ва ҳифзи манбаъҳои обӣ омили таъмини рушди иқтисоди сабз дар минтақа” (Кӯлоб, 2025) баррасӣ ва муҳокима гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 4 боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии рисола аз 176 саҳифаи чопи компютерӣ, аз ҷумла 22 расм ва 13 ҷадвал иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 173 ададро ташкил медиҳад.

## Қисмҳои асосии таҳқиқот

Дар муқаддима асоснокунии мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, методология ва методҳои гузаронидани таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуҳои диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби аввал «**Асоснокунии назариявӣ-методологии сайёҳии экологӣ ҳамчун шакли устувори истифодабарии табиат»** тамоюлоти ҷаҳонӣ ва роҳҳои рушди сайёҳии экологӣ таҳлил гардида, дар он моҳияти сайёҳии экологӣ ҳамчун шакли оқилонаи истифодабарии табиат, роҳҳои геоэкологии омӯзиши фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар марзи ҲТММ ошкор гардиданд.

Дар боби дуввум «**Хусусиятҳои геоэкологии таркибҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»*** маълумоти муқаддимавӣ дар бораи резерват оварда шуда, тавсифи табиии минтақаҳои геосистемавӣ, шароитҳои геологӣ - геоморфологӣ, шароитҳои иқлимӣ, қабати хоки ҳудуди резерват, инчунин дигар, маълумот оид ба олами наботот ва ҳайвоноти табиати мавзеъ гирд оварда шудааст.

Дар боби савум «**Харитаи роҳбаладии рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»*** масъалаи омӯзиши вазъи соҳаи сайёҳии ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* таҳлил карда шуда, дар он ҷанбаҳои асосии фаъолияти сайёҳии экологӣ, механизми идоракунии устувори танзими раванди истифодабарии захираҳои сайёҳии экологӣ оварда шудааст. Ҳамзамон, моҳияти модели комплексии таҳиягардидаи рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ барои шароити резерват мусоид ҷорӣ ва асоснок карда шуда, нақши элементҳои алоҳидаи он, аз қабили: ташкилотӣ, идоракунӣ, табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва омилҳои таърихӣ-фарҳангӣ таҳлил карда шудааст.

Дар боби чаҳорум «**Дурнамои рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»*** самтҳои афзалиятноки фаъолияти

сайёҳии экологӣ пешниҳод гардида, мушкилоти асосии соҳа нишон дода шудааст. Инчунин, механизми таъсисёбӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ, мехнизмҳои иттилоотии нави он ва самтҳои афзалиятноки сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* пешниҳод карда шудааст.

Дар **хулосаи** кори диссертатсионӣ ҷамъбасти натиҷаҳои асосии рисола оварда шудааст.

# БОБИ 1. АСОСНОКУНИИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ УСТУВОРИ ИСТИФОДАБАРИИ ТАБИАТ

## 1.1 Тамоюлоти ҷаҳонӣ ва нақшаи дурнамои рушди сайёҳии экологӣ

Тамоюлоти ҷаҳонии рушди сайёҳии экологӣ аз ҷониби Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ (ТБС) назорат карда мешаванд. Тибқи пешгӯиҳои ташкилоти мазкур, сайёҳии экологӣ ба қатори панҷ стратегияи асосии самти рушд барои то солҳои 2030 дохил мешавад [16].

Ба ақидаи бештаре аз коршиносон фаъолияти сайёҳӣ дар солҳои охир ҳарчи бештар характери устувор (сабз) гирифта истодааст, зеро шумораи афзояндаи сайёҳон ба масъалаҳои тозагии экологии минтақаҳои сайёҳӣ - рекреатсионӣ ва ҷанбаҳои ҳифзи маҷмааҳои табиӣ диққати хоса зоҳир мешавад [107, 108, 116]. Аз ин лиҳоз, шумораи сайёҳон ва рекреантҳое, ки барои амалӣ гардонидани фаъолияти сайру гашт ва истироҳат дар минтақаҳои дастнораси табиие, ки мавриди истифодаи фаъолияти хоҷагидорӣ қарор нагирифтаанд, сол то сол афзоиш ёфта истодааст.

Дар замони муосир сайёҳии экологӣ яке аз намудҳои фаъолияти сайёҳии «масъулиятнок» – ро дар табиат ифода менамояд. Дар навбати худ фаъолияти ин намуди сайёҳӣ ба муҳити зист таъсири нисбатан кам мерасонад ва ба ин васила сатҳи зиндагонӣ ва некӯаҳволии маҳаллро беҳтар гардонида, фаъолияти маърифатиро дар соҳаи экология ва ҳифзи муҳити зист барои сайёҳон ва ҳайати кадрии ҲТММ ва аҳолии маҳалл пурзур намуда истодааст. Ҳадафи асосии сайёҳии экологӣ нигоҳ доштани якпорчагии экосистемаҳои табиӣ ва ба даст овардани хусусиятҳои табиию фарҳангӣ-этнографии қаламрави ин ё он минтақа ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар баробари фароҳам овардани шароити иқтисодӣ, ки дар он фаъолияти экологӣ барои аҳолии маҳалл фоиданок мегардад, фаҳмида мешавад [25].

Тамоюлоти рушди соҳа ва талаботи аҳолӣ ба сайёҳии экологӣ сол то сол зиёд шуда истодааст. Ин зуҳурот на танҳо ба талаботи воқеии аҳолӣ барои омӯзиши минтақаҳои азхуднашуда, ёдгориҳои табиӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, расму анъанаи мардумони мухталиф алоқамандӣ дорад, балки бо

зиёд гардидани шумораи истироҳаткунандагон ва таъсироти мусбӣ расонидан ба табиат, объектҳои таърихӣ-фарҳангӣ, табиӣ - сайёҳӣ ва номусоидии вазъияти муҳити атроф дар шаҳру ноҳияҳо вобастагӣ дорад [25, 105, 106]. Коҳиш ва нобуд гаштани захираҳои табиӣ, аз намояндагони гуногунии биологӣ, истифодаи ноокилона ва бенизоми захираҳои табиӣ иттиҳодияи ҷаҳониро маҷбур сохт, ки ба масъалаҳои экологӣ ва ҳифзи захираҳои табиат таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намоянд. Бояд тазаккур дод, ки таъсири ҳавасманднокӣ нисбати эътироф намудани афзалиятнокии рушди сайёҳии экологӣ, ин пеш аз ҳама аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани муҳиммияти накши сайёҳии экологӣ дар консепсияи рушди устувор ба ҳисоб меравад. Тибқи таҳлилгарони ТБС, сайёҳии экологӣ 20% аз ҳаҷми умумии сайёҳии ҷаҳониро ташкил медиҳад [112]. Даромад аз фаъолияти сайёҳии экологӣ дар як рӯз ба 1 млрд доллар мерасад [130]. Дар баробари ин, оморҳои дигаре нишон медиҳанд, ки дар тамоми ҷаҳон зиёда аз 8 млрд. нафар ба марзи ҲТММ ташриф меоранд [97].

Фаъолияти ин намуди сайёҳӣ дар солҳои охир босуръат афзоиш ёфта, дар шароити кунунӣ он ба яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушдёбандаи тиҷорати сайёҳии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Бояд қайд кард, ки ҳангоми ташкил намудани сайёҳати экологӣ, сайёҳон бояд қоидаҳои муайянгардида ва вазифаҳои таъингардидаро дар рафтори худ риоя намуда, ихтиёран ӯҳдадориҳоро нисбат ба ҳудудҳои сайёҳӣ, омӯзондани мардум, дӯст доштану арҷ гузоштан ба табиат, эътироф кардани принсипҳои он, бошуурона ва эҳтиёткорона муносибат кардан ба онро қабул намоянд [22, 25].

Тибқи баҳодиҳии таҳлилгарон ҳар сол хушбахтона шумораи аҳолие, ки таваҷҷуҳҳашон нисбат ба ғамхории табиат зоҳир мегардад, зиёд шуда истодааст. Тавре маълум гардид, дар миқёси ҷаҳон ҷараёни асосии экосайёҳонро бештар аҳолии кишварҳои пешрафтаи саноатӣ ташкил медиҳанд. Имрӯз таваҷҷӯҳи бештари сайёҳон ба муҳити табиии тозаи экологии дастнораси сайёра, биосенозҳо ва ғайра равона шудааст [14, 25].

Бо ин мақсад диққати асосӣ бештар ба табиати экзотикӣ ва фарҳанги аҳолии мамоликҳои Африқо, Осиё, Амрикои Марказӣ дода шудааст. Дар ин самт мамлакатҳои Кения, Танзания, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, Хитой, Тайланд, Эквадор, Коста-Рико, Зеландияи Нав ва Австралия пешсаф дониста шудаанд [18, 48]. Дар солҳои охир доираи сайёҳии экологӣ нисбатан васеъ гардида, айни замон бозори сайёҳӣ ҳудудҳои Арктика ва Антарктикаро низ фаро гирифтааст, ки ин имкониятҳои нави рушди соҳаи сайёҳӣ ва хатарҳои навро ба вуҷуд оварда истодааст. Рушди соҳа масъалаҳои зиёди назариявӣ-консептуалиро дар бар мегирад, ки дар ҳалли босуботи ин масъалаҳо фаҳмиши аниқи вазифа, ӯҳдадориҳо, муҳиммият ва мавқеи сайёҳии экологӣ ҳамчун сегменти хизматрасонии сайёҳӣ монеа мегарданд [152].

Дар байни мавзеъҳои экологӣ, саёҳат ба минтақаҳое, ки табиати дастнорас доранд, бахусус барои амрикоиҳо таваҷҷуҳи зиёд доранд. Бо ин мақсад саёҳат ба марзи ҲТММ дар байни ахолии Амрико торафт маъмул гардида истодааст.

Агар ба таърих назар афканем, аввалин ақидаҳо дар бораи рушди сайёҳии экологӣ дар солҳои 70-уми асри XIX дар асари Жерардо Будовски аз Донишгоҳи Йели ИМА оварда шудаанд. Худи мафҳуми «сайёҳии экологӣ» ё «сайёҳии табиӣ», ки имрӯз ба намуди фаъолияти аҷоиби сайёҳии рекреатсионӣ табдил ёфтааст, бори нахуст соли 1983 аз тарафи иқтисодчӣ-табиатшиноси мехикоӣ Гектор, ки ба коркарди лоиҳаҳои «сабз» барои шаҳрҳои калон машғул буд, истифода шудааст [48]. Пайдо шудани чунин намуди фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун як аксуламали ҷамъиятӣ ба таъсироти манфии сайёҳии оммавӣ ба муҳити атроф маҳсуб меёфт.

Дар солҳои 70-уми асри гузашта дар байни сокинони шаҳрҳои калон, ки аз роҳҳои мумфарш ва васоити нақлиётӣ хаста шуда буданд, истироҳат дар фазои табиат машҳур гардид. Оммавӣ гардидани ин намуди истироҳат бо мурури вақт ба муҳити табиати гирду атроф зарари ислоҳнопазир расонид, яъне дар ҷойҳои дастнорас меҳмонхонаҳои бузург сохта шуда, минтақаҳои мазкур ба мавзеъҳои сайёҳӣ табдил дода шуданд. Барои ҳалли масалаҳои

ҳифзи муҳити табиат Себалос Ласкурайн як равишеро, ки аз лиҳози экологӣ тоза нисбат ба сайёҳӣ буд, пешниҳод намуд, ки моҳияти он дар ташкили як намуди истироҳат дар табиат, ки барои эҳё ва шукуфоии он мусоидат менамояд, маҳсуб меёфт [165]. Яке аз нуқтаҳои экологии усули пешниҳодшуда, ин рад кардани истироҳат бар ивази нигоҳ доштани тозагии муҳити гирду атроф мебошад. Ин ғояро дар баробари ташкилоти ҳифзи муҳити зист, инчунини дигар ташкилотҳои сайёҳӣ низ дастгирӣ намуданд. Барои ҳалли ин масъала, дар соли 1990 Ҷамъияти байналхалқии сайёҳии экологӣ ташкил карда шуд [172]. Вазифаҳои ин ташкилоти сайёҳии экологӣ дар ташкил намудани «сайёҳат дар ҳудудҳои табиие, ки барои муҳофизати табиат мусоидат намуда, некуаҳволии мардуми муқимиро беҳбуд месозад» зоҳир мегардад [163].

Дар натиҷа ҳамаи қоидаҳо ва талаботи сайёҳии экологӣ, ки аз тарафи Ҷамъияти байналмилалии сайёҳии экологӣ (TIES) коркард карда шудаанд, ҳамчун асоси консепсияи рушди устувори сайёҳӣ дар асри XXI аз тарафи ТБС қабул гардид [117, 33].

Дар доираи амалишавии консепсияи нави сайёҳӣ, фаъолияти ин намуди нави сайёҳӣ (сайёҳии экологӣ) ба якчанд талабот бояд ҷавобгӯ бошад:

– ин сайёҳат ба минтақаҳои дорои табиати ваҳшӣ, ки дар он анъанаҳои антиқа нигаҳ дошта шудаанд;

– мақсади асосии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ (экологӣ), хариди мол ва истироҳат дар соҳили баҳр набуда, балки шиносоӣ бо табиат, фарҳанг ва анъанаҳои мардумӣ мебошад.

Дар ин намуди фаъолият (сайёҳии экологӣ) ба экосистемаи маҳаллӣ ва муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ таъсири манфӣ расонида намешавад. Манфиатҳои мардуми маҳаллӣ поймол намегарданд, баръакс фаъолияти он бояд барои онҳо даромадро таъмин намуда, шавқи онҳоро бахри ҳифз намудани мавзеъҳои худӣ дар шакли экологӣ тоза ва мусоид бедор созад [4, 67]. Албатта, дар марҳилаи аввал таъмин намудани чунин тартибот ва риояи ҳамаи ин шароитҳо осон набуда, бо шарофати фаъолнокии дустдорони

табиат, шумораи сайёҳон аз лиҳози экологӣ огоҳидошта, сол то сол афзоиш меёфт. Ҳамаи ин рӯйдодҳо боиси ба вуҷудоӣ ва рушди намудҳои гуногуни инфрасохтори сайёҳӣ, пеш аз ҳама дар ҳудуди минтақаҳои гуногуни ҳифзшаванда гардиданд. Ин омил ба меҳмонон имконият фароҳам овард, то ин ки равандҳои ҳаётиро дар табиат мушоҳида намуда, дар табиати вуҳуш саёҳат кунанд. Ҳамзамон, барои дараҷаҳои гуногуни сайёҳон муносибатҳои сайру гашти бехатари экологӣ, пайраҳаҳои экологӣ, пайраҳаҳои сохташуда бо рӯйпӯши фаршҳои чӯбин барои сайру гашт дар бешазорҳо, ҷангалзорҳо, ботлоқзорҳо ва сайругашт бо либосҳои сабук шароит фароҳам овард [22].

Дар баробари ин шароитҳои ҷойгиркунонии сайёҳон низ тағйир ёфт. Ба ҷои урдугоҳҳои хаймавӣ-эколоҷҳо (хонаҳои экологӣ) бо хизматрасониҳои замонавӣ, ба монанди меҳмонхонаҳои сатҳи миёна дошта, инчунин дигар глэмпингҳо бо шароитҳои мусоид (бо ҳоҷҷатхонаҳои муваққатӣ ва кати хоби дунафара) пайдо шуданд [50].

Дар шароити кунунӣ ширкатҳои сайёҳӣ дар мувофиқа бо талаботҳои муосири сайёҳӣ, сайёҳатҳои гуногуни экологӣ, аз ҷумла сайёҳӣ-экскурсионии экологиро пешниҳод менамояд. Мардуми маҳаллӣ бошанд ҳамагуна маҳсулотҳои сайёҳиро ба сифати хизматрасониҳои асосӣ ва иловагӣ бо назардошти шартҳои ҳатмии технологияи сабз риоя мекунад. Дар баробари ин дар баъзе мамлакатҳо ва мавзеҳои сайёҳӣ корҳои махсуси тадқиқотӣ дар масъалаи муайян намудани таъсири фаъолияти сайёҳии экологӣ ба самтҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ, омӯзиши хусусиятҳо ва ҷузъҳои таркибии он, таҳия намудани консепсияи назариявии пешбурди фаъолияти сайёҳии экологӣ ва инчунин муайян намудани нақши ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар нигаҳдории гуногуннамудии биологӣ ва табиӣ гузаронида мешавад [47]. Дар соли 1990 аз тарафи мутахассисони Фонди байнамилалии табиати вуҳуш (WWF) китобе нашр гардид, ки он яке аз аввалин асарҳо бахшида ба сайёҳии экологӣ маҳсуб меёбад. Дар ин асар бори аввал дар мавзӯи сайёҳии экологӣ натиҷаи таҳқиқот баррасӣ гардида таъсироти онро ба фаъолияти

иқтисодӣ  ва муҳити гирду атрофи мавзеи Америкаи Лотинӣ ва ҳавзаи баҳри Кариб  таҳлил карда мешавад [119].

Китоби дуюм бошад нисбатан ба сайёҳии экологӣ бахшида шудааст, ки он дар соли 1994 ба нашр расида буд. Дар китоби мазкур профессори Донишгоҳи давлатии тадқиқотии Гриффит (Австралия) аввалин маротиба дар услуби илмӣ-таҳқиқотӣ сохтори сайёҳии экологиро ба 4 элементи алоқамандноки сайёҳӣ бо муҳити атроф ҷудо намудааст:

- асоси самаранокии фаъолитя сайёҳӣ ва мавзеъҳои диданибоб;
- идоракунии фаъолияти амалиёти экологӣ бо мақсади кам намудани таъсироти манфи ба табиати атроф;
- нақши иқтисодии фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳифз намудани муҳити табиат;
- муносибати сайёҳон ба муҳити табиат ва такмил додани  донишҳои экологӣ бо мақсади пеш бурдани фаъолияти операторони сайёҳӣ [120].

Дар асари худ профессори Донишгоҳи технологии Окленд (Зеландияи Нав)   M.B. Orams   [145],  сайёҳати экологиро чун зуҳуроти породоксалӣ тасвир намудаст, ки фаъолияти он дар байн ду ҳолати мухолифи якдигар меистанд. Ақидаи худро олим чунин шарҳ додааст, ки ҳангоми ин амал аз як тараф ягон намуди фаъолияти сайёҳӣ-экологӣ вуҷуд надорад, чунки сайёҳон дар ҳар маврид имконият доранд, ки  ба системаи экологӣ ва гуногуннамудии биологии  табиати гирду атроф  таъсири манфии худро расонанд. Аз тарафи дигар ӯ чунин ақидаеро пешниҳод мекунад, ки инсон ҳамчун мавҷудоти зинда қодир нест, ки  ғайритабиӣ ё «ғайриэкосайёҳӣ» амал намояд, ки ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки  ҳар як намуди фаъолияти сайёҳӣ, ин сайёҳии экологӣ мебошад. Дар китоби профессор Димитриос Диамантис "*The ecotourism equation: Measuring the impacts*" (Идоракунии сайёҳии экологӣ: Санҷиши дараҷаи таъсирот) таҳқиқоти нисбатан дуруст аз лиҳози баҳодиҳӣ ба таъсироти сайёҳии экологӣ ба мамнӯъгоҳҳои табиӣ дар минтақаи Америкаи Лотинӣ ва Африқо ва ба популятсияи олами ҳайвонот дар ҳудуди  "Парки миллии Тикал" баррасӣ карда шуда, дар асоси он ба ӯ

имконият фароҳам оварда мешавад, ки аввалин асосҳои ҳуқуқии идоракунии сайёҳии экологӣ омӯхта шавад [129, 139]. Дар асари Д. Диамантис дар асоси натиҷаи тадқиқотҳои маркази сайёҳии байнамилалии идоракунии меҳмонхонаҳои Ле Рош (Шветсария), се элементи хоси муайянкунандаи фаъолияти сайёҳии экологӣ ҷудо карда мешавад:

– *қисмати табиӣ* - он ҳам минтақаҳои ҳифзшаванда ва ҳифзнашавандаро дар бар мегирад, ки дар ҳудуди он такшил намудани фаъолияти сайёҳии экологӣ имконпазир аст;

– *қисмати идоракунии устувор* - ин банд*,* ба огоҳикунонии сайёҳон ва ҳифзи табиат характернок мебошад;

– *қисмати таълимӣ* - ин қисмат тафовути айёниро дар байни ҷанбаҳои назариявии донишҳои экологӣ ва методҳои дар амал татбиқшавандаро нишон медиҳад.

Нақши асосиро дар рушди сайёҳии экологӣ нашри «Энсиклопедияи сайёҳии экологӣ» (англ.“*The encyclopedia of ecotourism”)* бозӣ намуд, ки он дар соли 2001 аз чоп баромадааст. Ин китоби ҳаҷман калон (668 саҳ.) буда, ҳамчун таҳқиқоти мукаммал ва пешакӣ барои тадқиқоти хусусиятҳои сайёҳии экологии минтақавӣ бахшида шуда, консепсияҳои нави то ин давра номаълумро дар бар мегирад.

Омӯзиши мундариҷавии фаъолияти сайёҳии экологӣ аз тарафи олими австралиёгӣ Рассел Блейми гузаронида шудааст. Мувофиқи ақидаи олим ба қатори муҳимтарин принсипҳои сайёҳии экологӣ омилҳои зерин дохил мешаванд:

- истифодаи оқилонаи захираҳои сайёҳӣ;
- муҳофизати гуногунии табиӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;
- коҳиш додани сатҳи истифодабарии сарватҳои табиати атроф ва кам кардани миқдори партовҳо, ки баъди фаъолияти сайёҳӣ боқи мемонанд;
- дастгирӣ намудани фаъолияти сайёҳӣ ва иқтисодиёти маҳаллӣ аз тарафи давлат;

- ҳамгироии соҳаи сайёҳӣ дар нақшаҳои стратегии рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ;
- таъмини бозомӯзии мунтазами кормандони соҳа ва такмил додани малакаи тахассусии онҳо;
- ҷалби аҳолии маҳаллӣ ва ташкилотҳои тахассусӣ ба амали намудани барномаҳои сайёҳӣ;
- танзими мунтазами фаъолияти сайёҳон дар самти баланд бардоштани дараҷаи эҳтиромнокӣ ба арзишҳои табиат, таърихию фарҳангӣ, дестинатсияи иҷтимоӣ ва муҳити табиати атроф;
- мунтазам ташкил намудани машваратҳо бо тарафҳои манфиатҷӯӣ ва доираи васеи ҷамъиятӣ;
- танзими фаъолияти мониторинги захираҳои сайёҳӣ ва ҳолати табиати атроф ва ба роҳ мондани корҳои тадқиқотии соҳаи сайёҳӣ.

Аз давраи пайдоиши фаъолияти сайёҳии экологӣ, нуқтаҳои назари зиёде оид ба намудҳои ин фаъолияти сайёҳӣ пайдо шуданд. Дар асарҳои худ олими машҳури соҳа профессор Орамс намудҳои эҳтимолии сайёҳии экологиро дар доираи табиӣ ва ҳам ғайритабиӣ тасвир намудааст, ки он аз нуқтаи назари амали сайёҳон, рағбати онҳо нисбат ба ҷолибиятҳои табиӣ ва дараҷаи таъсиррасонии физиологӣ дар давоми сайёҳат амалӣ гардонида мешавад. Ба қатори фаъолиятҳои нисбатан наздики сайёҳии табиӣ намудҳои дигари сайёҳӣ, аз қабили сайёҳии кӯҳӣ, қутбӣ, баҳрӣ, ҷазиравӣ ва ғайраро дохил менамоянд [146].

Баъди пайдо шудани маълумоти аввалини илмӣ ва амалӣ оид ба сайёҳии экологӣ, моделҳои ҷадид ва баъзан шаклҳои ба таври назаррас фарққунандаи таъсири мутақобилаи сайёҳӣ ва табиат, рушд ва пешбурди саёҳати экологӣ ва таъсири он ба ҷомеаи маҳаллӣ ба вуҷуд омаданд [121, 149, 156]. Сатҳи ҷаззобияти муҳити табиатро дар рушди сайёҳии экологӣ ба инобат гирифта, аз соли 2015 ба сифати объекти таҳқиқоти экологӣ ва таҷрибаи гузаронидани сайёҳатҳои экологӣ мамлакатҳои Африка ва Осиё интихоб гардиданд [118, 122, 127, 136, 140, 141, 148, 151]. Дар баробари ин,

таваҷҷӯҳ ба рушди сайёҳии экологӣ дар марзи ҲТММ ҷалб гардид, ки то ин давра сайёҳии экологӣ дар ҳамаи онҳо рушд ёфта, имконияти рушди сайёҳии экологиро дар мамлакати худ дар асоси принсипҳои экологӣ ба роҳ мемонданд.

Бо назардошти нишонаҳои ғунҷоиши интиҳоии имконпазир дар марзи ҳудудҳои гуногуни ҳифзшаванда, таҳқиқотҳо оғоз гардида, дар баробари он дигар масъалаҳои таъсири фаъолияти сайёҳон ба ҳифзи муҳити табиӣ ва биологии намудҳои гуногуни марзи ҲТММ дар давоми фаъолияти сайёҳати экологӣ таҳқиқ ва таҳлил гардидаанд [125, 128, 147, 154, 157].

Дар натиҷаи таҳлили маъхазҳои илмӣ метавон ба чунин хулоса омад, ки қисми бештари асарҳое, ки ба сайёҳии экологӣ бахшида шудааст аз ҷониби олимон ва мутахассисони хориҷа интишор гардиданд. Корҳои нашргардидаи олимони тоҷик ва олимони мамолики ИДМ бештар ба масъалаҳои дурнамо ва имкониятҳои рушди сайёҳии экологӣ дар марзи ҳудудҳои минтақаҳои гуногун ва нишон додани бартарияти иқтисодиву иҷтимоии соҳа дар иқтисодиёти миллӣ ва маҳаллӣ (минтақавӣ) бахшида шудаанд. Ба ин гурӯҳи асарҳо китоби профессор А.А. Мамадризохонов дохил мешавад, ки дар он шакли хусусиятҳои рушди сайёҳии экологӣ дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон тасвир ёфтаанд [28]. Муҳаққиқони дигар ҳам дар худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ИДМ дар тадқиқоташон ба чунин ҷанбаҳои сайёҳии экологӣ такя намудаанд: маҳдудияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инкишофи сусти инфрасохтори муҳими сайёҳӣ, масъалаҳои ҷалби ҷамоаҳои маҳаллӣ ва амалисозии самараҳои сайёҳӣ, сатҳи пасти маданияти сайёҳӣ ва шуурнокии аҳолии маҳаллӣ ва ғайра [115, 131, 132, 134].

Мутаассифона, маълумоти аниқ оид ба саёҳатҳои сайёҳии экологӣ дар марзи ҲТММ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо ҳудудҳои муҳофизатшавандаи Руссия дарёфт нагардида, маълумотҳо оид ба марзҳои ҳифзшавандаи Руссия ва муқоисаи онҳо бо ҳудудҳои ҳифзшавандаи ҷаҳонӣ дастрас гардиданд (*расми 1.1*).

Маълумотҳои дар расми 1.1. нишондодашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳудуди Руссия саёҳат ба марзи ҲТММ дар муқоиса бо саёҳатҳои

объектҳои табиии дигар мамлакатҳо назаррас мебошад. Агар дар соли 2019 дар ҳудуди Руссия шумораи сайёҳони экологӣ дар марзи ҲТММ ба 8,3 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, дар марзи  боғи миллии Йеллоустонӣ ИМА, ин нишондод дар соли 2019  4,02 млн. нафарро ташкил дод *(Расми 1.1.)*.

Ғайр аз ин, чи тавре, ки аз таҳлилоти коршиносони соҳа бар меояд,  дар ҳудуди Руссия сайёҳии экологӣ манфиатбахш буда, фаъолияти чараёни рекреатсионии сайёҳӣ на он қадар диққатҷалбкунанда мебошад




*Расми 1.1. Баҳодиҳии муқоисавии ташриф ба марзи ҲТММ-и Руссия ва боғи миллии Йеллоустон (ИМА)*

Мувофиқи натиҷаи тадқиқоти коршиносӣ ташкилоти “Ecological Footprint”, Руссия дар қатори дигар малакатҳои қисмати ҷанубии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ  ба қатори давлатҳое дохил мешавад, ки дар ҳудуди он сарватҳои экологии зарфияти биологӣ то кунун маҳфуз мебошад [41]. Чунин натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки экосистемаи ин мамолик  имконияти хуби барқароршавӣ дошта,  аҳолиро  бо хизматрасонии экосистемавии зарурӣ таъмин намояд. Дар асоси чунин баҳогузориҳо мувофиқи  индекси глобалии сайёҳат ба ҷойҳои табиии дастнорас, ки аз тарафи ташкилоти сайёҳии “*True Luxury Travel*” кор кард гардидааст, дар соли 2019 Федератсияи Руссия дар байни 107 кишвари ҷаҳон мавқеи  14-умро дастрас гардид [167]. Мутаасифона, чунин маълумот нисбати дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз он ҷумла нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда

нашудааст. Чунин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки ин мамлакат барои рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ заминаи муайян дорад. Мувофиқи натиҷаи тадқиқоти дигар ташкилоти бонуфузи ҷаҳонӣ- Маркази сиёсати экологӣ ва ҳуқуқи назди донишгоҳи Йели дар байни 180 мамлакати дунё, Руссия ҷойи 112-ум ва Тоҷикистон бошад ҷойи 117-умро ишғол менамояд [168]. Дар рейтинги байналхалқӣ, ин мамолик дар чунин самтҳои муҳим, ба монанди: идоракунии партовҳо (Waste Management/Controlled Solid Waste), хизматрасонии экосистемавӣ (Ecosystem Services), идоракунии захираҳои обӣ ва тоза кардани обҳои нӯшокӣ (Water Resources/ Wastewater Treatment), захираҳои моҳӣ (Fisheries), инчунини дигар масъалаҳо вобаста ба тағйироти иқлим (Climate Change) аз сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ хеле ақиб мондааст. Дар чунин вазъият мамлакатҳои дигари ИДМ, аз он ҷумла Тоҷикистон низ қарор дорад.

Дар байни мамлакатҳои Осиёи Миёна диққати ҷиддӣ ба рушди сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон равона гардидааст. Дар ин ҷо, дар давраи соҳибистиқлолӣ таҳти роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи олимони шинохтаи қирғиз на ин, ки мактаби шинохтаи умумиҷаҳонӣ, балки пояи амалии рушди сайёҳии экологӣ таъсис дода шуд [6, 10]. Масъалаҳои рушди сайёҳии экологӣ дар корҳои илмии олимон: Э.Н. Толонов [110], К.А. Атышов [7], С.Ж. Артыкбаева [70], П.К. Апишева [69], А.Г. Низамиев [102], С.Ж. Артыкбаева [71] ва М.Г. Кайыргалиева [90] муфассал таҳқиқ шудаанд.

Дар Узбекистон ба захираҳои бойи сайёҳии экологӣ нигоҳ накарда, системаи экосайёҳӣ дар самти илмӣ ва амалӣ нисбатан суст инкишоф ёфтааст. Дар ин самт корҳои илмии мутахассисон: А.Р. Исломов [23] ва Э.М. Ахтамов [73]-ро метавон номбар кард.

Ҳалли масъалаҳои рушди сайёҳии экологии Қазоқистон дар корҳои илмии Д.Е. Байканов [74], К.А. Кирдасинов [92], Е.А. Вечкинзова [77], Д.Д. Гребенюк [80], И.В. Денисов [82], И.В. Денисов ва дигарон [83], К.Ж. Даубаев ва дигарон [81] оварда шудаанд.

Дар Туркманистон масъалаҳои рушди сайёҳии экологӣ аз тарафи олимон В.В. Бартолд [9], Н. Гаджиоглу [15], М.А. Мамедов ва дигарон [30],

И.Б. Суханов [46], А. Оразметов [105], П.Д. Бердиев [12], Н.А. Башимов [11], А.И. Батыров [10], П.Д. Гелдиев ва дигарон [16] омӯхта шудааст. Ин корҳо асосан ба таҳлили аҳамияти сайёҳии экологӣ барои кишвар ва ҷанбаҳои алоҳидаи экологӣ ва иқтисодии сайёҳии экологӣ бахшида шудаанд. Рушди сайёҳии экологӣ дар Туркманистон нисбатан хеле суст ба роҳ монда шудааст. Ҳангоми таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ба мо муяссар шуд, ки танҳо корҳои алоҳидаеро дастрас намоем, ки чунин омил аз камдиққатӣ зоҳир намудан ба ин соҳаи хоҷагии халқ шаҳодат медиҳад [12].

Мувофиқи радабандии интишоргардидаи Global Wildlife Travel Index, ки натиҷаҳояшон дар асоси баҳогузорӣ, тариқи таҳқиқи туризми экологӣ дар 107 мамлакати дунё ба роҳ монда шудааст, инчунин бо назардошти шумораи боғҳои миллӣ, кӯшишҳои давлат барои ҳифзи муҳити табиат, гуногунии биологӣ, хатарҳои аз байн рафтани намояндагони олами набототу ҳайвонот ва ғайра, 10 кишвари беҳтарине, ки дар онҳо фаъолияти сайёҳӣ хубтар ба роҳ монда шудааст, муайян гардидаанд:

Финландия; Шветсия; Бразилия; Канада; ИМА; Норвегия; Испания; Олмон; Лаҳистон ва Словения.

Дар ҷадвали баҳодиҳӣ мавқеи аввалро давлати Финландия ишғол менамояд, ки дар ҳудуди худ 39 боғи миллӣ дошта, 73 % - и ҳудуди онро ҷангалзорҳо иҳота менамоянд. Боиси қайд аст, ки Финландия аз рӯйи дигар нишондиҳандаҳо низ бартарият дошта, дар радабандӣ ин мамлакат мунтазам дар ҷойи аввал меистад *(Расми 1.2.).*

Ҳамин тариқ, дар соли 2020 давлати Финландия дар байни мамлакатҳои Аврупои шимолӣ ҷойи аввалро ишғол намуда, ҳамчун кишвари аз ҳама хушбахтарин эътироф гардидааст.




*Расми 1.2.Мамлакатҳоие, ки дорои шароитҳои нисбатан хуби рушди сайёҳии экологиро доранд* [168].

Дар баробари ин коршиносон кишварҳоеро низ муайян намуданд, ки шароити начандон хуби сайёҳии экологиро доранд. Ба ин гурӯҳ давлатҳои: Уругвай, Мавритания, Қатар, Молдова ва Салвадор дохил мешаванд, ки дар охири ҷадвали радабандӣ қарор гирифтаанд [123, 125].

Инчунин, дигар мамлакатҳое низ муайян карда шудаанд, ки дар онҳо сайёҳон маблағи зиёдро сарф мекунанд *(Расми 1.3.).*




*Расми. 1.3. Харитаи кишварҳое, ки сайёҳон дар он маблағи зиёдро масраф мекунанд* [169].

Мувофиқи натиҷаи тадқиқоти Фонди ғайришартномавии Green Destinations, ки яке аз ташкилоти бонуфузи экспертии донишкадаҳои академикиро дар бар мегирад, дар соли 2020 ба рӯйхати мамлакатҳои пешсафи дестинатсияи сайёҳӣ, чунин мамлакатҳо дохил гардиданд: Австралия, Чилӣ, Бразилия, Канада, Чехия, Хорватия, Кипр, Эквадор, Финландия, Эстония, Олмон, Британияи Кабир, ИМА. Малта, Ҷопон, Зеландияи Нав, Перу, Намибия, Нидерландия, Тайланд, Словакия, Филиппин, Руанда, Туркия, Ҷумҳурии Конго, Руминия, Сейшел, Словения, Испания, Шветсия, Тайван, Танзания, Португалия ва Черногория.

Ҷараёни нишондиҳандаҳои рушди сайёҳии экологӣ нишон медиҳад, ки рушди ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар солҳои охир бо суръати баланд амалӣ шуда истодаанд.

Пешравии ҳамасолаи соҳа тибқи маълумоти А.Ю. Александров [68] 10-12 % - ро ташкил медиҳад. Чӣ тавре, ки маълум гардид, сабаби рушди босуръати соҳа, ин баландшавии шуурнокии экологии мардум мебошад. Бо назардошти омилҳое, ки муҳити атроф тадриҷан мавриди таназзул қарор ёфтааст, ифлосшавии муҳити гирду атроф зиёд гардида, дар баробари ин бо вуҷуди афзоиши мушкилоти экологӣ, эҳтиёҷот нисбат ба сайёҳии экологӣ босуръат зиёд гардида истодааст.

Чӣ тавре, ки маълум гардид, дар миқёси ҷаҳонӣ гурӯҳи асосии сайёҳони экологиро намояндагони кишварҳое, ки аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта мебошанд ва табиати гуногунрангу мавзеъҳои дастнорас доранд, ташкил медиҳанд. Осиё, Африқо ва Америкаи Марказӣ дар байни қитъаҳои ҷаҳон таваҷҷӯҳро бо гуногуни табиати экзотикӣ ва фарҳангии худ ҷалб мекунанд. Ин минтақаҳо бо манзараҳои зебо, анъанаҳо ва расму оинҳои хоссаашон, амиқтарин таҷрибаи фарҳангӣ ва экологиро пешниҳод мекунанд, ки барои сайёҳон ва муҳаққиқон ҷолиб аст.

Дар самти муносибатҳои давлатӣ бошад, таваҷҷӯҳи бештарро дар байни экосайёҳон давлатҳои Кения, Танзания, Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ, Тайланд, Хитой, Коста-Рико, Эквадор, Зеландияи Нав, инчунин Австралия

дар бар мегиранд. Таваҷҷӯҳи бештар дар байни экосайёҳон ин табиати дастнорас ва нотакрори ҳудуд баҳисоб мераванд, ки онҳо хусусияти ҷолибиятнокиро доранд. Шаклҳои маъмули сайёҳии экологӣ, барои амрикоиҳо ин саёҳат дар боғҳои миллии маҳаллӣ, барои аврупоиҳо бошад, саёҳат дар мавзеъҳои минтақаҳои дастнораси бокираи скандинавӣ хос мебошанд [135].

Дар расми 1.4 сохтори ташрифи паркҳои миллии мамлакатҳои гуногун нишон дода шудааст.

Тибқи маълумоти дар расми 1.4 интишоргардида дар ин масъала ҷойи аввалро мамлакати Австралия (27 %), баъдан ИМА (16 %), Зеландияи Нав (19 %), Канада (11 %), Ҷопон (9), Танзания (6), Норвегия (5,5) ва Аргентина (5) ишғол менамоянд *(Расми 1.4).*




*Расми 1.4 Сохтори ташрифи сайёҳон дар боғҳои миллии кишварҳои гуногун дар соли 2014.*

Аз лиҳози даромаднокӣ аз фаъолияти саёҳати экологӣ ба қатори мамлакатҳои пешсаф - ИМА бо даромади 14 млн. долл. дар як сол ҷои аввалро ишғол намуда, мавқеъҳои баъдинаро мамлакатҳои Австралия, Зеландияи Нав ва Танзания ишғол менамоянд *(Расми 1.5).*




*Расми 1.5. Сохтори даромади кишварҳои мухталиф аз ҳисоби фаъолияти саёҳии экологӣ дар як сол* [170].

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои зиёд рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ хусусияти худфаъолиятиро касб кардааст. Танҳо, баъди эълон шудани соҳибистиқлолии мамлакат ва сиёсати мақсаднок ва пайгиронаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муносибат ба соҳаи сайёҳӣ комилан тағйир ёфт, ки дар солҳои охир тамоюли ташаккули ин намуди фаъолияти сайёҳӣ дар сатҳи мамлакат ва минтақавӣ ба таври назаррас боло рафт.

Дар бисёр минтақаҳо (Варзоб, Ромит, Балҷувон, Рашт, НТМ, ВМКБ), инчунин муассисаҳои минтақавӣ (мавзеъҳои ҲТММ) фаъолияти сайёҳии экологӣ имконияти ҳамчун алтернативаи рақобатпазири соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ, ки ба несткунии муҳити табиат равона шудаанд, табдил ёбад.

Дар баробари ин маълум гардид, ки амалишавии фаъолияти устувори сайёҳии экологӣ муносибати махсусро талаб мекунад. Дар сурати инкор ё вайрон кардани қоидаҳои он, ин фаъолият на ин, ки ба нест шудани сохтори сайёҳии экологӣ оварда мерасонад, балки азбайнравии раванди ҳифзи муҳити табиатро тақозо менамояд. Натиҷаи он ба иҷтимоиёт, иқтисодиёт, маънавиёт ва дигар қисматҳои таркибии сайёҳии экологӣ таъсири калони манфӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми ташаккул ва рушди босуботи саёҳати

экологӣ аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи танзими боэътимод ва дурусти соҳа диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Дар замони муосир танзими фаъолияти сайёҳии экологӣ дар се сатҳ сурат гирифта, қисматҳои зеринро дар бар мегирад: *дар сатҳи глобалӣ, байнидавлатӣ* ва *миллӣ-минтақавӣ.*

Дар сатҳи чаҳонӣ раванди танзими соҳа тавассути фондҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад. Нақши муҳимро дар фаъолияти ин соҳа Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) бозида, саҳми арзандаро дар пешбурди нуқтаҳои сайёҳии экологӣ комиссияи ТБС гузоштааст. Дар пешрафт ва рушди сайёҳии экологӣ нақши чунин ташкилотҳои бонуфуз, ба монанди: ЮНЕСКО – Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (иловатан барномаи «Инсон ва биосфера»); ЮНЕП (Барномаи СММ оид ба муҳити атроф) – барномаи СММ оид ба масъалаҳои муҳити гирду атроф; ПРООН – Барномаи рушди СММ; ИБҲТ – Иттиҳодияи байналмиллалии ҳифзи табиат ва ғайраҳо доранд.

Фаъолияти ин ташкилотҳо ба омӯзиши масъалаҳои ҳифзи муҳити табиат ва мониторинги гуногуннамудии биологӣ, ташкил намудани системаи истифодаи оқилонаи захираҳои табиат, интегратсияи қувваҳои экологӣ, таърихӣ - фарҳангӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар чаҳорчубаи рушди ғояҳои саёҳати экологӣ бахшида шудааст.

Дар амали намудани ин лоиҳаҳо ва барномаҳо чунин ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ саҳми арзандаро гузоштаанд:

- Бонки умумиҷаҳонӣ – Бонки байнамиллалии рушд ва таҷдид;
- Фонди умумиҷаҳонии табиати ваҳшӣ;
- Фонди глобалии экологӣ ва ғ.

Тамоми фаъолияте, ки бо рушди сайёҳии ҷаҳонӣ алоқаманд мебошад, аз тарафи *Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ* танзим карда мешавад.

*Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ* муассисаи байнидавлатии махсуси сохтори СММ мебошад, ки бо ташаббуси TDM дар соли 1975 таъсис дода шудааст. Ташкилоти мазкур 158 мамлакат ва 6 ассотсиатсияи ҳудудиро муттаҳид намуда, ду қаламрав дар кори он бо мақоми назоратчӣ ва зиёда аз

500 ташкилот оид ба пешбурди фаъолияти сайёҳии бомасъулият, устувор ва оммавӣ ҷавобгар мебошанд [85, 18].

Дар доираи фаъолияти хеш аз тарафи коршиносони ин ташкилот бо мақсади муайян сохтани дурнамои бозорҳои сайёҳии экологии Олмон, ИМА, Британияи Кабир, Канада, Испания, Фаронса ва дигар мамлакатҳо, ки дар самти сайёҳии экологӣ пешсаф мебошанд, дар соли 2002 таҳқиқоти махсус барои баҳогузорӣ кардан ба сегменти бозори операторони сайёҳии Олмон гузаронида шудаанд [58]. Чӣ тавре, ки натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, бозори глобалии сайёҳӣ дар Олмон ба рушди устувор тамоюл дорад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар соли 1972 шумораи умумии сайёҳон дар давлати Олмон 24,8 млн. нафарро ташкил додааст. Пас аз 10 сол – дар соли 1982 ин шумора ба 31,1 млн. ва дар соли 2000 ин шумора ба 62,2 млн. нафар рост омадааст. Инчунин, маълум гардид, ки сайёҳии дохилӣ дар ин мамлакат тамоюл ба камшавӣ дорад (аз 47 % дар соли 1972 то 29,3 % дар соли 2000). Дар ин муддат шумораи саёҳатҳо ба хориҷи кишвар нисбатан зиёд гардида буд. Дар раванди таҳқиқот маълум гардид, ки барои олмониён марказҳои сайёҳии Аврупоӣ қобили қабул буда, саёҳат ба мамлакатҳои Испания – 14,2 %, Италиё – 9,3 %, Австрия – 6,6 %-ро ташкил медиҳад. Дар солҳои охир саёҳат дар давлати Туркия машҳурияти зиёдро пайдо намуда, ҳар сол тамоюли зиёдшавии саёҳатҳои сайёҳӣ ба дигар мамолик ва мавзеъҳои дар масофаи дур ба қайд гирифташуда, меафзояд. Ҳамин тариқ, дар соли 2010 аз шумораи умумии сайёҳони олмонӣ (44 млн.) ба хориҷи кишвар 2,3 % (1,4 млн.) ба Амрикои Шимолӣ; 2,0 % (1,3 млн.) – ба ҷазираҳои ҳавзаи Кариб, Амрикои Ҷанубӣ ва Марказӣ; ва 5,4% (3,4 млн.) ва саёҳат ба дигар самтҳои сайёҳии ғайриаврупоиро дар бар гирифта буд [173].

Сайёҳии экологӣ омилҳои зиёди мусбиро дар худ доро мебошад, ки аз нигоҳи мо дар миёни онҳо муҳимтаринаш ин ҳифзи устувори экологии муҳити атроф маҳсуб меёбад. Фаъолияти он имкониятҳои ҷалб намудани сармоя барои ҳаллу фасли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва дастгирии аҳолии маҳалро доро мебошад. Ҷанбаи асосии сайёҳии экологӣ ин мақсаднок

баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии мардум дар соҳаи экология ва маърифатнокии экологӣ ифода мегардад [27].

Албатта, фаъолияти онро ба пуррагӣ ҳамчун фаъолияти тараққикарда арзёбӣ кардан мумкин нест, зеро ҳангоми дар амал татбиқ намудани он, дар аксар мавридҳо натиҷаи самарабахши принсипҳои алоҳидаи он ба назар мерасанд. Аз ин лиҳоз, вобаста аз як қатор омилҳои дохилӣ ва берунӣ фаъолияти консепсияи мухталифи сайёҳии экологӣ дигаргун мешавад. Бинобар ин, дар ҳар як мавриди алоҳидагӣ (дар сатҳи давлатӣ, минтақавӣ ё ҳудудӣ) даровардани ислоҳот ва аз нав кор кардан ва мукаммал сохтани элементҳои алоҳидаи он талаб карда мешавад.

## 1.2. Сайёҳии экологӣ – ҳамчун шакли асосии истифодабарии самаранокии табиат

Дар шароити тезу тунд гардидани масъалаҳои экологӣ бо мақсади таъсири мутақобилаи оқилона ва эҳтиёткоронаи инсон ба табиат, ҷанбаи экологӣ дар фаъолияти сайёҳӣ аҳамияти муҳимро пайдо намуданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳангоми рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ алоқаи бевоситаи инсон бо муҳити гирду атроф, ки бештар характери манфӣ дорад, сурат мегирад. Вобаста ба ин, барои аз байн бурдани натиҷаҳои манфӣ, дар мадди аввал бояд ба нақшагирии босамари истифодаи манбаъҳои табиӣ дар раванди фаъолияти сайёҳӣ бе таназзулёбии онҳо ба роҳ монда, идоракунии моҳиронаи ҷараёни сайёҳон ва таъсири воқеии онҳоро нисбат ба муҳити атроф бояд назорат намуд [158].

Сайёҳии экологӣ, ки дар солҳои охир машҳур гардида, яке аз шаклҳои сайёҳии алтернативии ҳифзи табиат ба ҳисоб рафта, таъсири манфиро ба табиат ҷилавгирӣ менамояд. Барои сайёҳон ва кормандони соҳаи сайёҳӣ ҷиҳати ташкил намудани чорабиниҳои ҳифзи муҳити табиат ва рушди ичтимоӣ-иқтисодии ҳудуд дар маҷмӯъ мусоидат мекунад.

Аз таҳлили сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, ки ҳангоми идоракунии моҳирона ва ба нақшагирии амиқи фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ, сайёҳии экологӣ метавонад яке аз омиҳои муҳофизаткунандаи муҳити гирду атроф

хизмат кунад [84]. Моҳияти ин намуди фаъолияти истифодабарии табиат аз он иборат аст, ки бо мақсади сайёҳӣ бояд таъсири «*нарм*» ба муҳити зист расонида шавад ва ба ин васила барои иштироки фаъолонаи иҷтимоию иқтисодӣ ва гирифтани фоидаи аҳолии маҳаллӣ аз ин фаъолиятҳо мусоидат намояд [13, 28].

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде, ки корҳои амалӣ доир ба сайёҳии экологӣ суст ба роҳ монда шуда бошанд ҳам, лекин чорабиниҳои таълимӣ тариқи гузаронидани семинарҳо, курсҳои омӯзишӣ, конференсияҳои илмӣ-таълимӣ ва ғайраҳо мунтазам ба роҳ монда шудаанд.

Дар минтақаҳо, ҳудудҳои алоҳида чун дар сатҳи ҷумҳуриявӣ корҳои илмӣ-тадқиқотии зиёд ба роҳ монда шудаанд. Ҳамасола, даҳҳо рисолаи илмӣ ҳимоя гардида, чандин китобҳои илмӣ ва таълимӣ, садҳо мақолаи илмӣ дар нашрияи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ нашр шуда истодаанд [57, 61]. Махсусан саҳми олимони зерини тоҷик дар пешрафти соҳаи сайёҳии экологӣ назаррас мебошад: Х.М. Мухаббатов, Р.Д. Диловаров, У.И. Муртазаев, А.А. Мамадризохонов, М.И. Қодирова, Д.Н. Ёров, Ш.Д. Гадоев, Х.Е. Карамхудоев, А. Холмамадов, Х.М. Мирзоев ва ғайра. Инчунин, асарҳои илмию таълимии мутахассисони машҳури хориҷии зерин: Браймер Ф., Котлер Х., Монтанер Т., Монтехано Х., Годфри Д., Уокер Р. ва дигарон тарҷума шудаанд.

Дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ якчанд лоиҳа оид ба рушди сайёҳии экологӣ амалӣ гардидаанд. Ба рушди босуръати ин самт нигоҳ накарда, дар замони муосир омилҳои объективии манфӣ мавҷуданд, ки ба рушди самараноки соҳаи сайёҳии экологӣ дар ҷумҳурӣ мамоният мерасонанд.

Новобаста аз ин, тамоюли рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки дар ин ҷо суръати рушди ин намуди фаъолияти сайёҳӣ гарчанде суст бошад ҳам, бо мурури замон он рушд ёфта истодааст. Аз нуқтаи назари мутахассисони соҳа ин самти фаъолияти сайёҳӣ омили стратегии дурнамои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ шуда метавонад.

Дар тараққиёти соҳаи сайёҳии экологии Тоҷикистон саҳми калонро чунин ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, ба монандӣ:  Бонки рушди Осиё (БРО), Фонди умумиҷаҳонии табиати ваҳшӣ (WWF), Фонди байналмиллаллии олами наботот ва ҳайвонот (Fauna & Flora International, FFI), Иттиҳодияи олмонии мубодилаи академики Олмон, Фонди Оғохон дар Тоҷикистон, Фонди Авруосиё, Осиёи Миёна, Akted, Институти «Ҷамъияти кушод» (Фонди Сорос), Сафоратхонаҳои ИМА, Олмон, Лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Рушди иқтисодиёти деҳот» ва ғайраҳо, доранд.

Дар солҳои 90-ум, баъди пароканда шудани давлати тавонои  Иттиҳоди Шуравӣ,  аз тарафи як қатор ташкилотҳои байналмиллалӣ дар ҳудуди малакатҳои Иттиҳоди Шуравӣ як қатор лоиҳаҳои рушди фаъолияти сайёҳиро маблағгузорӣ намуданд, ки дар байнашон лоиҳаҳое, ки  ба ҳадафи ташкили фаъолияти сайёҳии экологӣ доштанд,  низ буданд.

Ба қатори чунин ташкилотҳои байналмиллалӣ: Агентии амрикоии рушди байналмиллалӣ (USAID), маҷмуи лоиҳаҳои Институти Иттиҳодияҳои устувор (ISC), лоиҳаҳои TACIS ва WWF, лоиҳаҳои экологии ISC ва USAID, Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид (UNDP) ва ғайраҳо дохил мешуданд.

Дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ва минтақаи Олтой-Саян фаъолияти онҳо аз соли 1998 оғоз гардидааст. Дар Урал (Руссия) бошад фаъолияти онҳо дар соли 1999 ва аз соли 2000 дар Қавқоз ва даштҳои Даур оғоз ёфтааст [6, 35]. Маҳз дар натиҷаи чунин фаъолиятҳо заминаҳои аввалин барои рушди сайёҳии экологӣ, махсусан дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуданд. Оид ба ин масъала профессор А.В. Дроздова [19], дуруст қайд карда аст, ки дар замони муосир дар бисёрии минтақаҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сайёҳии экологӣ шуҳрати хосае пайдо намудааст, ки фаъолияти он бо чунин роҳҳо зоҳир мегардад:

1) зиёд шудани шумораи корхонаҳои хурди соҳибкорӣ (ширкатҳои хурди сайёҳӣ, ки сайёҳии экологиро муаррифӣ менамоянд);

2) намудҳои зиёди меҳмонхонаҳо, пансионатҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва муассисаҳои тандурустӣ, ки барои муштариён хизматрасониҳои гуногунро пешниҳод менамоянд;

3) беҳтар намудани вазъияти экологӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи амнияти экологӣ;

4) дар доираи барномаҳои давлати ва байналмилалӣ васеъ гардидани имкониятҳои сайёҳии экологӣ;

5) тағйир ёфтани муносибати давлат ва ҷамъият ба худи мафҳуми «сайёҳии экологӣ» ва дарк намудани моҳияти он ҳамчун фаъолияти ҳифзи табиати атроф, инчунин ҳамчун воситаи соҳибкорӣ баҳри беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ [22].

Тибқи баҳогузории таҳлилгарони байналхалқӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон дар солҳои охир шумораи аҳолии ба табиат эҳтиёҷотдошта босуръат зиёд шуда истодааст. Дар вазъи ногувори баамаломадаи экологӣ мардум ҳаматарафа кӯшиш мекунанд, ки саҳми худро дар ҷараёни ҳифзи муҳити табиат гузоранд. Баъзе одамон кӯшиш мекунанд, ки муносибати худро ба олами гирду атроф дигаргун созанд, дигарон кӯшиш мекунанд дар ҳимояи муҳити табиат ва захираҳои он саҳмгузор бошанд, гурӯҳи сеюм барои барқарорсозӣ ва ҳифзи муҳити табиат кӯшиш ба харҷ медиҳанд [94, 96].
Сохтори умумии сайёҳии экологӣ одатан аз гурӯҳи омилҳои зерин ташакул меёбад:

1) мавҷудияти ҲТММ;

2) гуногуннамудӣ ва ҷолибиятнокии экосистемаҳо ва ландшафтҳои ҳудуд, инчунин сатҳи шароити мусоиди экологӣ ва биоиқлимӣ;

3) дастрасии нақлиёт ва таъминоти инфрасохтор;

4) машҳур ва оммавӣ будани минтақа, хатсайрҳо ва дараҷаи таҷҳизонидашавии онҳо.

Агар аз нуқтаи омилҳои номбаргардида, имконоти сайёҳии экологии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаро баҳогузорӣ кунем, пас барои ба роҳ мондани фаъолияти хуби он корҳои зиёдеро бояд ба анҷом расонид. Табиати

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷанбаи экологии кишвар мусоид буда, дар самти омилҳои дигари қайдгардида на он қадар муваффақ мебошад. Аз нуқтаи назари таҳлили иқтидори захиравӣ метавон гуфт, ки имконоти табиии ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ нисбатан бой буда, имконоти бузурги воқеиро барои рушди сайёҳии экологӣ фароҳам меоварад.

Дар ин ҷо тамоми шароитҳои зарурӣ барои рушди самаранокии соҳа мавҷуданд, ба монанди шумораи зиёди ҳудудҳои табиии ҳифзшаванда (беш аз 22 % ҳудуди ҷумҳурӣ), иқтидори баланди иҷтимоӣ, мероси бойи табиӣ ва фарҳангӣ, гуногунии минтақавӣ, анъанаҳои бойи мардумӣ ва ғайра имконият медиҳад, ки ҷумҳурии мо ба яке аз малакатҳои диққатҷалбкунандаи ҷаҳон барои оламиён муаррифӣ карда шавад.

Дар *ҷадвали 1.1.* номгӯйи тахминии муҳимтарин қисматҳои иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионӣ оварда мешавад, ки дар маҷмуъ бо мақсади баҳодиҳӣ ба он шарҳу эзоҳ дода мешаванд.

Ҷадвали 1.1. Қисматҳои иқтидорҳои ҳудудии сайёҳӣ-рекреатсионӣ

| **Манзараҳои табиӣ - фарҳангӣ ва қисматҳои он** | **Восита ва шароитҳо** |
|---|---|
| 1. Иқтидорҳои табиӣ (ҳудудҳо ва ёдгориҳои табиӣ, боғҳои ботаникӣ ва зоологӣ) | 1. Намудҳои нақлиёти экотехнологӣ |
| 2. Захираҳои табиӣ-таърихӣ (осорхонаҳо, ёдгориҳои табиӣ, ичунини дигар объектҳои шавқовар ва омӯзишӣ барои нишон додани принсипҳои экологӣ) | 2. Маҳсулоти тозаи экологӣ ва аксаран маҳаллӣ |
| 3. Манзараҳои фарҳангӣ бо арзишҳои эстетикиии он (арзишҳои фарҳангӣ-таърихӣ, манзараҳои табиат, маҷмааҳои экосистемавӣ ва ғайра) | 3. Мутахассисони баланди ихтисосӣ (роҳбаладҳо, роҳбарон, тарҷумонҳо ва ғ.) |
| | 4. Мусоидати экологии муҳит, аз ҷумла ҷанбаҳои ифлосшавӣ, вазъи санитарӣ-эпидемологӣ, хатари сар задании офатҳои табиӣ ва ғ. |
| | 5. Салоҳияти ҳудудӣ барои гузаронидани сайёҳатҳои ҳархела (ботаникӣ, зоологӣ, кӯҳӣ, спелеологӣ, фитодармонӣ ва ғ.) ва дастрасии он |

| | |
|---|---|
| | 6. Дараҷаи имконпазири иҷрои корҳои рекреатсионӣ |
| | 7. Ҳаҷми истифодабарии захираҳои сайёҳӣ (аз ҷумла обӣ, энергетикӣ ва ғайра) |
| | 8. Мӯҳлати сафар ва шаклҳои муносибат бо объекти назораткунанда |

Бояд қайд намуд, ки ба қатори ҷанбаҳои фарққунандаи сайёҳии экологӣ омилҳои хавф низ дохил мешаванд. Ин амал аз устувории иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакат, мавҷудияти инфрасохтори ба стандарти байналхалқӣ мувофиқбуда, маҳсулоти сайёҳии рақобатпазир, ва дастраси объектҳои тамошобоб, инчунин аз мавҷудияти мутахассисони соҳибихтисос вобастагии зич дорад. просесҳои хавфи сайёҳии экологӣ хусусияти мавсими дошта он асосан аз тағйирёбии шароитҳои иқлимии минтақаи сайёхӣ вобастагӣ дорад.

Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ (WTO) ва Шурои умумиҷаҳонӣ оид ба сайёҳӣ (WTTC) барои рушди самараноки соҳаи сайёҳии экологӣ чунин нишондиҳандаҳои индексҳоро муайян намудааст:

1) ҷолибияти сайёҳии мамлакат (минтақа);
2) иқтидори табиии мамлакат;
3) иқтидори инсонии мамлакат;
4) арзиши истироҳат;
5) экология;
6) мавҷудияти арзишҳои фарҳангӣ;
7) устувории сиёсии мамлакат;
8) таъминоти ҳуқуқӣ;
9) амнияти мамлакат дар маҷмуъ (сатҳи ҷиноят дар мамлакат);
10) таъмини бехатарӣ;
11) пешбурди мусоиди соҳибкорӣ;
12) нақши давлат дар рушди соҳаи туризма;
13) сатҳи рушди инфрасохтори сайёҳӣ.

Вобаста аз чунин нишондодҳо, ташкилоти байналхалқии ЮНЕСКО, аз рӯйи сатҳи рақобатпазирии соҳаи сайёҳӣ 133 мамлакатро муайян намудааст (Ҷадвали 1.2.) [162].

Ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни сайёҳии экологӣ чӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ва чӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҳудудӣ мо ба хулосае омадем, ки дар айни замон барои ба роҳ мондани кори босубот дар ин соҳа, мушкилотҳои калон дар самти мавҷудияти назариявӣ-методологӣ ва ташаккулу рушди стратегии сайёҳии экологӣ ба вуҷуд меояд.

Доир ба ин масъала муҳаққиқони забардасти соҳа М.Ю. Белозерова [55], И.С. Берлин [56], М.Р. Мельников [32], С.Д. Темиров [66] қайд намудаанд, ки рушди стратегии фаъолияти сайёҳии экологӣ бо бад шудани вазъи умумии экологӣ дар фазои умумиҷаҳонӣ алоқамандӣ дорад

Ҷадвали 1.2. Радабандии рақобатпазирии сайёҳии мамлакатҳои ҷаҳон

| **Мамлакат** | **Ҷойи ишғолгардида** |
|---|---|
| Швейсария | 1 |
| Австрия | 2 |
| Олмон | 3 |
| Фаронса | 4 |
| Канада | 5 |
| Испания | 6 |
| Шветсия | 7 |
| ИМА | 8 |
| Австралия | 9 |
| Сингапур | 10 |
| Бразилия | 45 |
| Хитой | 47 |
| Ҳиндустон | 62 |
| Руссия | 64 |
| Гурҷистон | 72 |
| Украина | 77 |
| Қазоқистон | 92 |

Ба ин қатор метавон омилҳои зеринро дохил кард: -кам шудани шумора ва ареалҳои намояндагони гуногунии биологии олами ҳайвонот ва наботот; таназулёбии таркиби хок; мушкилоти марбут ба тағийрёбии иқлим; тунук ё вайрон гардидани қабати озон; вазъи деомграфӣ (зийд шумораи аҳолӣ) дар як гуруҳи кишварҳо: Ҳиндустон, Хитой, Бразилия ва ғайра, паст рафтани

шумораи аҳолӣ дар мамоликҳои: Руссия, давлатҳои Аврупои Ғарбӣ; коҳиш ёфтани захираҳои табиӣ; ифлосшавии муҳити атроф; танқиси аз оби нушокка; бухрони коҳиш; тағйир ёфтани суръати просесҳои табиие, ки дар биосферӣ ва ғайраҳоро ёдовар шудан лозим аст.

Боиси қайд аст, ки просесҳои вайроншаваии муҳити зист босуръат меафзоянд ва ба саломатии некуаҳолии сайёраи мо бешубҳа таъсири манфӣ мепвсонад. Дар ҳалли ин масоилҳо рушди сайёҳии экологӣ, дар сатҳи микро ва мези ҷаҳони метавонад таъсири гузорад, ки ба афзоиши истифодаи захираҳои табиӣ нигаронида шудааст.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нисбат ба минтақаҳои рекреатсионӣ ва сайёҳии экологӣ нишон медиҳанд, ки экотуристони кунуниро асосан кишварҳои пешрафтаи саноати ташкил медиҳанд, ки ба табиати дастнораси минтақаҳои дурдаст таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд.

Стратегияи умумии рушди туризми экологӣ ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми маҳаллӣ ва маърифати экологии онҳо нигаронида шудааст. Ҳадафи стратегӣ таъмини устувории экологӣ барои наслҳои оянда, ки ҷузъи ҷудонашаванда ва гузариш ба иқтисоди сабз мебошд. Шароитҳои беҳтарини амалишавандаи босуботи чунин равияи стратегӣ, дар доираи ҲММТ баназар мерасанд.

### 1.3. Роҳҳои геоэкологии таҳқиқоти фаъолияти сайёҳӣ-рекреактсионӣ дар марзи ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда

Барои ташкил намудани фаъолияти ҳудудии сайёҳии экологӣ, элементи муҳим ва зарур ин муттасилии ақидаҳои илмӣ ва пешниҳодоти илмӣ оиди ҷо ба ҷокунии захираҳои сайёҳӣ дар ҳудуди объект, ташкил намудани ҷамъиятҳои маҳаллӣ ва системаи ҳудудии сайёҳӣ-рекреатсионӣ дониста шудааст.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар адабиёти муосири тоҷик ва хориҷи кишвар усулҳои зиёди муайян намудани ҳудудҳои манфиатбахш барои фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ, баланд бардоштани

даромаднокии соҳа ва паст намудани таъсироти манфӣ ба муҳити гирду атроф тасвир ёфтаанд. Дар баробари ин маълум гардид, ки рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ шумораи зиёди захираҳои инсонӣ ва молиявиро ҷалб намуда, тавсифи муайяни макониро дорост. Самаранокии танзими фаъолият дар ин самт аз дараҷаи коркард ва апробатсияи корҳои анҷомрасида вобастагӣ дорад.

Аз сарчашмаҳои илмӣ маълум гардид, ки айни замон дар ин соҳа якчанд самт вуҷуд дорад, ки дар заминаи равияҳои классикӣ – табиӣ, иҷтимоӣ ва географияи рекреатсионӣ ба вуҷуд меояд. Ин роҳҳо таъсири мутақобилаи инсонро бо табиат (экологияи рекреатсионӣ ва хусусиятҳои рекреатсионии муҳити табиат), таҳлили фазоӣ (аз зумраи топография ва катрографиякунонӣ, инчунин истифодаи СИГ технология), синтези минтақавӣ (минтақабандии рекреатсионӣ ва минтақабандӣ, ташкил намудани хатсайрҳои сайёҳ), ҷараёнҳои табиие, ки раванди сайёҳиро танзим менамояд, азхудкунии ҳудудҳои сайёҳӣ, истифодаи захираҳои рекреатсионӣ ва рушди устувори маҷмааҳои ҳудудиро муайян менамоянд [63].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон корҳои илмии муҳим ва иқтибосшавандаи асарҳои муҳаққиқони солҳои 80-уми асри гузашта зарур диниста шудаанд. Ба қатори онҳо асарҳои як гурӯҳи муҳаққиқон, ки дар онҳо марҳилаҳои рушди дестинатсияи сайёҳӣ ва таъсири фаъолияти сайёҳӣ ба таркиби иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва физиологӣ муҳокима карда мешаванд, дохил мешаванд [74, 155]. Маҳз ин намуди корҳо барои таҳқиқи муосири агроэкологӣ ва географӣ дар соҳаи сайёҳӣ асос гузоштаанд.

Дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба қатори чунин корҳо оид ба усули системанок ва муаррифии системаи ҳудудии рекреатсионии илмӣ, кори дастаҷамъонаи таҳририи В.С. Преображенский [38]. нашргардидаро метавон номбар намуд.

Дар доираи ин назария пешниҳодот доир ба таъсири мутақобилаи дохилисистемавии «*меҳмон-соҳибхона*» рушд ёфта, нақши захираҳои рекреатсионӣ ва талаботи рекреатсионӣ дар ташаккули сохтори функсионалии ҳудуди рекреатсионӣ алоқамандии соҳаи сайёҳӣ бо дигар

намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ хуб нишон дода шудааст [14, 89, 97, 98, 99, 115].

Нақши муҳимро дар омӯзиши усулҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ методи геосистемавии аз тарафи профессор В.Б. Сочава [44] пешниҳодкарда бози намуд. Ба шарофати ӯ дар илми сайёҳӣ мафҳуми нав - «*системаи ландшафтӣ-рекреатсионӣ*» ташаккул ёфт [88]. Моҳияти ин мафҳум - «*истифодабарии ландшафти ҳозиразамон ҳангоми таҳқиқотҳои фаъолияти сайёҳӣ - рекреасионӣ*» маҳсуб меёфт. Ин консепсия бо геосетризм, иерархия ва мундариҷаи итилоотӣ тавсиф карда мешавад, ки он барои таҳлили ҳамаҷонибаи захираҳои сайёҳӣ рекреатсионӣ ва ҳамкории онҳо бо муҳити зист имкон медиҳад [87, 103].

Истифодаи роҳҳои геосистемавӣ дар таҳқиқотҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ, аз нуқтаи назари устувории он ба таъсироти мутақобила ва муҳиммият барои фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ҳоло ҳам яке аз ҷойҳои намоёнро дар технологияи банақшагирии ланшафтӣ ишғол менамояд [51, 52, 53].

Рушди истифодаи методи геосистемавӣ дар фаъолияти сайёҳӣ ба зуҳуроти «императивии экологӣ» дар географияи рекреатсионӣ, ки доираи васеи истифодабариро дар роҳи ҳалли пурраи масъалаҳои эҳёи соҳаи сайёҳӣ-рекреатсионӣ мувофиқ ба консепсияи устувори рушди «императивии экологӣ» пайдо намудааст, зоҳир мегардад [84].

Рушди минбаъдаи илм дар бораи сайёҳӣ ва рекреатсия, ки ҳар лаҳза бо мушкилоти экологӣ-иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешавад, бо пайдошавии консепсияи хизматрасонии экосистемавӣ (натиҷаҳои фаъолияти экосистемаи муфид барои табиати гирду атроф ё инсон, ки аз экосистема гирифта мешаванд) ва хизматрасонии фарҳангӣ-экосистемавӣ (неъматҳои ғайримоддӣ, ки инсон аз экосистема ба даст меорад), дар доираи таҳқиқоти сайёҳӣ-рекреатсионӣ маънохои аввалиндараҷаро пайдо мекунад [54].

Чунин рафтор дар бисёр мавридҳо нишон медиҳад, ки шумораи зиёди неъматҳои фарҳангӣ ва манфиатҳое, ки бо сайёҳии экологӣ алоқаманданд, аз таҷрибаҳои фарҳангӣ ва муносибати мутақобилаи байни одамон ва фазои

экологии гирду атроф ба вуҷуд меоянд. Дар байни ин равандҳо консепсияи сайёҳии экологии ҲТММ бештар эътироф гардидааст [126, 142, 150].

Вобаста ба ин, фаъолияти сайёҳӣ ҳама сола шумораи зиёди одамон ва ҳудудҳоро ба тобеияти худ ҷалб намуда, ҳамчун олоти амаликунонии мақсадҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва воситаи муносибати байнифарҳангии давлатҳо донистa шудааст. Ин фаъолият ҳатман объекти идоракунӣ, танзими меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, назорати оморӣ ва масъалаҳои зиёди бо ин мушкилот вобастабуда метавонад, ки иҷроиши онҳо дар чаҳорчубаи усули пажуҳишӣ ҳаллу фасли худро талаб мекунад [78, 100,  111, 113].

Бо вуҷуди ин дар замони ҳозира оид ба интихоби метод ва роҳҳои ягона оид ба тадқиқоти мушкилоти мазкур дар байни мутахассисон фикри ягона вуҷуд надорад. Системаи сохтории сайёҳӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ даромаднок ва аз лиҳози экологӣ бехатар будани он олимони машҳури амрикоӣ, профессорон Р. Макинтош, Ч. Голднер, Б. Ритчи, В.А. Кварталнов, А.А. Романов, И.И. Пирожник истифодаи ҳамҷояи якчанд усулро тавсия медиҳанд [36, 42]:

1. <u>*Усули пажӯҳишӣ (институтсионалӣ)*</u> – омӯзиши пажӯҳишгоҳҳои гуногуни сайёҳӣ ва сохторҳои онҳо (меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, операторони сайёҳӣ, оҷонсии сайёҳӣ ва ғайра) - ро дар назар дорад. Дар чаҳорчубаи рафтори пажуҳишӣ объекти тадқиқотӣ сохтори системаи сайёҳӣ ва рекреатсия, инчунини мақоми он дар байни дигар пажӯҳишгоҳҳои ҷамъиятӣ шуда метавонад. Асоси ин рафтор аз мафҳуме бар меояд, ки сайёҳӣ маҷмӯи субъектҳо ва объектҳо мансуб ёфта, ҳамзамон, соҳаи муносибати мутақобилаи онҳоро дар соҳаи сайёҳӣ муттаҳид менамояд, ки дар ҷараёни истеҳсол ва истифодабари самараҳои сайёҳӣ ба вуҷуд меояд. Ин метод таъсири комили омӯзиши ҷараёни ташкилкунонӣ, методҳои оператсионӣ, муҳити иқтисодии соҳибкорӣ ва ғайраро талаб мекунад. Бартарии асосии рафтори пажуҳишӣ дар он зоҳир меградад, он омӯзиши муфассали механизмҳои амалкунандаи фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун пажӯҳишгоҳ, робитаи дутарафаи субъектҳои он нишон дода мешаванд. Камбудии ин амал – ба

хатоӣ роҳ додан дар омӯзиши фаъолияти одамон, ҳавасмандкунии сайёҳон ва рекреантон, рушди талаботи пешакии сайёҳӣ ва ғ. мебошад;

2. *<u>Усули истеҳсолӣ</u>* – ин муносибати маҷмӯӣ ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ мебошад, ки омӯзиши тамоми марҳалаҳои ба ҳам алоқаманд: таъсис додан, пешбарӣ ва фурӯши он дар бозори сайёҳӣ мебошад. Дар ин маврид, таҳти мафҳуми маҳсулоти сайёҳӣ маҷмуи хизматрасониҳо, корҳо ва маҳсулоти зарур барои қонеъ гардонидани талаботи сайёҳ ва амалӣ гардонидани таҷрибаҳои мувофиқи сайёҳӣ фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, элементҳои зиёд омӯхта мешаванд, ки омӯзиши онҳо дар доираи як таҳқиқот хеле мушкил мебошад. Омӯзиши фаъолияти ҳар яки ин элементҳо вақти зиёдро талаб намуда, маълумоти умумиро дар бораи сайёҳӣ ва рекреатсия пешниҳод менамояд. Методи мазкур омӯзиши батафсил ва таҳлили маҷмуи хизматрасониҳои сайёҳӣ-рекреатсиониро дар бар мегирад, ки барои мукаммалсозии пешниҳодоти сайёҳии таъминкунадагони гуногун бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад;

3. *<u>Усули таърихӣ</u>*. – дар асоси таҳлили фаъолияти сайёҳӣ дар заминаи таърихӣ ва таъсири навоварӣ ба рушди пажуҳишгоҳҳои сайёҳӣ пайдо шуда, дар ҷаҳони сайёҳӣ васеъ татбиқ нагардидааст, чун ки соҳаи сайёҳӣ солҳои охир характери оммавиро гирифтааст;

4. *<u>Усули идоракунӣ</u>* – истифодаи нисбатан васеъ ва афзалиятнок дар омӯзиши сайёҳӣ дорад, зеро он ба омӯзиши ширкатҳои ҷудогонаи сайёҳӣ равона гардида, характери микроиқтисодӣ дорад. Раванди ин усулро чунин намудҳои фаъолияти идоракунӣ муайян месозанд: банақшагирӣ, назорат, нархгузорӣ, таблиғ ва дигар ҷараёнҳои идоракунӣ, ки ба ташкилоти сайёҳӣ мегузаранд. Муҳиммият ва афзалияти ин усул дар он зоҳир мегардад, ки махсусан усули идоракунӣ хусусиятҳои системаи идоракуниро дар соҳаи сайёҳӣ ва фаъолияти субъектҳои идоракуниро муфассал меомӯзад. Бартарияти ин усул дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он имконияти муайян сохтани мақсадҳои идоракуниро дорад, ки тағйироти институтсионалӣ, механизми ченкунӣ бо назардошти тағйироти рӯйдиҳанда

дар соҳаи сайёҳӣ амалӣ мегарданд. Камбудии усули идоракунӣ дар он зуҳур мегардад, ки он маълумоти пурраро, бо сабаби дараҷаи пасти ҷалби таваҷҷуҳ ба сайёҳӣ намедиҳад ва афзалияти муштариёни маҳсулоти сайёҳиро дида намебарояд;

5. *Усули иқтисодӣ* – яке аз ҷанбаҳои марказии соҳаи сайёҳӣ маҳсуб ёфта, ба ташаккули эҳтиёҷот ва пешниҳодоти таъсири сайёҳӣ ба мувозинати пардохт ва дигар омилҳои иқтисодӣ равона гардидааст. Махсусан, бо усули иқтисодӣ рафтори одамон дар ҷараёни истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истифодабарии маҳсулоти сайёҳӣ ва рақобатпазирӣ дар истифодабарии онҳо муайян мегардад. Дар заминаи механизми амалкунандаи бозори сайёҳӣ қонунҳои иқтисод, фоиданокии эҳтиёҷот ва пешниҳод, рақобат, даромад ва ғайра пайдо шудааст, ки бо назардошти онҳо самарабахшии фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ҳам барои иқтисодиёти дохилӣ ва ҳам ҷаҳонӣ муайян мегардад. Камбудии ин усул дар он аст, ки новобаста аз зуҳуроти асосии иқтисодӣ будани соҳаи сайёҳӣ, он ба ҷамъият таъсири ғайрииқтисодӣ расонида, омӯзиши он дар ин усул ба роҳ монда намешавад;

6. *Усули сотсиологӣ (иҷтимоӣ)* – ба омӯзиши рафтори сайёҳони бартаридошта дар таҷрибаҳои сайёҳӣ ва таъсири он ба ҷамъият равона гардидааст. Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки сайёҳӣ фаъолияти ҷамиятӣ буда, хориқаи ҳаракати сайёҳӣ, масъалаҳои таснифи он ва шаклҳои махсуси мавҷудияти он дар ҷамъияти имрӯзаро дар бар мегирад. Вобаста ба ин, усули мазкур диққати ҷомеашиносонро ба омӯзиши рафтори фардӣ ва гурӯҳии сайёҳон ва таъсири сайёҳӣ ба ҷамъиятро ҷалб менамояд. Ин усул дар асоси гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, урфу одати ҳам сайёҳони хориҷ ва ҳам аҳолии мамлакати мизбон пайдо мешавад. Мутаасифона, то ин давра ба масъалаҳои ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар сайёҳӣ ва рекреатсия дар таҷрибаи сайёҳӣ диққати ҷиддӣ равона нагардидааст. Бо назардошти аҳамият ва зарурияти ин намуди маълумот дар бораи рушди бенуқсони фаъолияти сайёҳӣ, бозори сайёҳии муосир истифоди васеи усули иҷтимоиро талаб мекунад. Аҳамияти ин усул дар он зоҳир мегардад, ки ба воситаи он хусусияти хоси таҷрибаи сайёҳии ин ё он гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографӣ, шаклгирии манфиатҳои сайёҳӣ, эҳтиёҷот мувофиқи

сайёҳӣ-рекреатсионӣ, инчунин, дигар омилҳои иҷтимоие, ки ба маҳсулоти сайёҳӣ-рекреатсионӣ, вазифаҳо ва натиҷаҳои он таъсир мерасонанд, омӯхта мешаванд. Бартарияти ин усул дар он ифода мегардад, ки ҳангоми истифодабарии он соҳаи сайёҳӣ аз нуқтаи назари таъсиррасонии он ба ҷамъият омӯхта мешавад. Камбудии методи мазкур бо мушкилии таҳқиқи пурраи фаъолияти сайёҳӣ танҳо бо методҳои иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад [45];

7. *Усули географӣ* – яке қисматҳои калидии фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба ҳисоб меравад. Объекти географии сайёҳӣ системаҳои ҳудудии сайёҳӣ буда, предмети он омӯзиши ҷобаҷокунии фазоии онҳо мебошад. Ин усул ба омӯзиши ҷанбаҳои фазоии фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсия бахшида шудааст. Он аз ахбороти сайёҳӣ, ки аз минтақаҳои сайёҳӣ дастрас мешаванд, иборат буда, чунин ҷанбаҳои асосии сайёҳиро дар бар мегирад: сафарҳои зиёди сайёҳӣ ба ин мавзеъҳо, вазъи манзараҳои табиат (ландшафтҳо), шароитҳои иқлим ва муҳити гирду атроф, инчунин дигар ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии ҳудуди сайёҳӣ. Дар чаҳорчубаи ин усул объекти омӯзиши географияи рекреатсионӣ, ҷобаҷокунии маҳаллии захираҳои сайёҳӣ, таъсиррасонӣ ба рушди сайёҳӣ ва ташаккули намудҳои ҳудудии сайёҳӣ – минтақаҳо, ноҳияҳо ва марказҳо шуда метавонад [161]. Барои ташкил намудани фаъолияти босамари сайёҳӣ-рекреатсионӣ ҳамаи донишҳои географӣ муҳим дониста мешаванд. Ҳангоми ташаккул ва рушди системаи сайёҳӣ-рекреатсионӣ ин усул дар байни олимон ва мутахассисони соҳа васеъ паҳн гардидааст, ки он аз алоқамандии зич доштан бо илмҳои ҷомеашиносӣ-иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Бояд қайд кард, ки усули географӣ зарфияти омӯзиши минтақаҳои сайёҳиро на ин, ки дар алоқамандӣ бо дигар усулҳо меомӯзад, балки имконияти пешниҳод намудани маълумоти пурраро оид ба моҳият ва зуҳуроти сайёҳӣ ва рекреатсия дорад;

8. *Усули байнисоҳавӣ* – соҳаи сайёҳиро ҳамчун падидаи бисёртарафа дониста, он ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологиро тавъам намуда, қариб тамоми ҷанбаҳои ҳаётро дар бар мегирад.

Аз ин рӯ, ҷараёни рушд ва таъсири он ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ таҳқиқоти байнифанниро тақозо менамояд. Масалан, бо назардошти

он, ки фаъолияти сайёҳӣ тамоми мақсадҳо ва вазифаҳои гуногунро дар бар мегирад, зарурияти истифодабарии усули психологӣ ҳангоми риояи маркетинги ҳаракати маҳсулоти сайёҳӣ пеш меояд. Ҳангоми убури сарҳадҳои давлатӣ, ки қисмати асосии сайёҳӣ ба шумор меравад, ҷалб намудани институтҳои сиёсӣ, барои гирифтани раводид аз мақомоти дахлдор, ки тариқи донишҳои сиёсӣ сурат меёбад, муҳим диониста шудааст.

Ҳангоми рушди сайёҳии фарҳангӣ истифодаи усули антропологӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Барои рушди босуботи соҳа муҳим аст, ки органҳои ҳуқуқбарор базаи ҳуқуқии муайянро дар шакли қонунҳо дар бораи сайёҳӣ ва дигар қарорҳои меъёриро таъмин намоянд. Истифодаи усули байнифаннӣ барои муттаҳид сохтани муносибатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва байналмилалӣ мусоидат намуда, он ба ҳамаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дахолат мекунад.

Бо такя ба гуфтаҳои боло, истифодаи усули байнифаннӣ барои омӯзиши пурраи соҳаи сайёҳии ҳудудӣ бо назардошти тамоми омилҳо имконият дода шуда, омӯхтани донишҳо ва дастовардҳои амалиро дар фанҳои гуногун таъмин менамояд. Инчунин, имконияти истифодаи минбаъдаи онҳоро барои таҳлили фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ фароҳам меорад [160].

Ҳамин тариқ, мувофиқи назарияи идоракунӣ, ба роҳ мондани фаъолияти таъсирбахши сайёҳӣ-рекреатсионӣ фақат бо роҳи сохтани системаи ташаккулёфта имконпазир мебошад. Чуноне, ки таҷриба нишон медиҳад, системаи хуби ташаккулёфта аз элементҳои робитаи мутақобиладошта иборат мебошанд, ки барои расидан ба мақсадҳои умумии рушди сайёҳӣ ва рекреатсия амал мекунанд.

Аломатҳои асосии система чунинанд:

1) робитаи мутақобилаи элементҳо байни ҳамдигар – чунин маънӣ дорад, ки объекти омӯзиш ва идоракуниро на фақат элементҳо, балки робитаи байни онҳоро низ ташкил медиҳад;

2) вуҷуд доштани элементҳои зиёд;

3) кори элементҳо нишон медиҳад, ки ҳар яки онҳо системаи мустақил буда, дар алоҳидагӣ вазифаи муайяни худро иҷро мекунад;

4) мавҷудияти мақсади умумӣ бори дигар исбот месозад, ки он хусусиятҳои системаро чун ягонагӣ ва яклухт муайян месозад.

Боиси қайд аст, ки татбиқи усули ситемавӣ дар соҳаи сайёҳӣ бароиякҷояшавии дигар усулҳо дар як маҷмуа мусоидат намуда, ба воситаи онҳо фаъолияти соҳаи сайёҳӣ на ин ки дар сатҳи глобалӣ, балки дар сатҳи маҳдуд низ таҳлил кардан мумкин аст. Ин амал имконият медиҳад, ки фаъолияти тадқиқотии ширкатҳои сайёҳӣ дар муҳити рақобатпазир ва хизматрасонӣ, инчунин дигар муносибати мутақобилаи он бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, системаҳои дигари иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ омӯхта шавад.

Илова бар ин, маълум мешавад, ки ба роҳ мондани кори таъсирбахши фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ бо чунин ҷанбаҳои таҳкиқотӣ: *байнисоҳавӣ, системанокӣ* ва *иерархият* алоқаманд аст.

**Байнисоҳавӣ** – ин ақида ба доираи омузиши фаъолияти сайёҳӣ, дар аввали солҳои 80-уми қаринаи гузашта ба вуҷуд омада, ҳамгироии донишҳои соҳаҳои гуногуни илмро фаро мегирад. Ин модели мазкурро олим Ҷ. Ҷафарӣ якҷо бо ҷамъи ҳамкоронаш, кор карда баромадааст, ки номи он бо номи “Дайзи Ҷафарӣ” маъруф аст. Дар он равияи таҳқиқоти сайёҳӣ ва рекреатсия, дар намуди доира инъикос гардида, сайёҳиро ҳамчун як низоми мураккабе, ки дар маркази географи қарор дорад, муаррифӣ мекунад. Модели мазкур ҷараёнҳо ва зуҳуроти тарафҳои ҷудогонаи раванди сайёҳиро бо дигар илмҳо, аз қабили ҷомеашиносӣ, иқтисодӣ, психология ва ғайра таъкид намуда ба ин васила консепсияи ягонаи сайёҳӣ-рекреатсиониро дар заминаи географӣ ташкил медиҳанд [14, 133].

Мувофиқи ақидаи В.С. Преображенский [38] тадқиқоти соҳаи сайёҳӣ муносибати комплексиро, яъне муттаҳид намудани ҷидду ҷаҳди мутахассисони соҳаи гуногунро талаб мекунад. Илми география чун анъана дар муайян кардани хусусиятҳои фазоии омӯзиши сайёҳӣ нақши асосиро мебозад. Мувофиқи ақидаи баъзе олимон [74, 137, 138, 143, 144, 153]

география авалин илмест, ки ба омузиши масъалаҳо ва тарафҳои фаъолияти гуногуни сайёҳӣ ҷидди машғул мебошад. Муносибати байнисоҳавӣ имкон медиҳад, ки фаҳмиши амиқтари сайҳӣ ва таҳияи стратегияҳои муассири рушди он дастрас гардад.

Мафҳуми «сайёҳӣ» ва «география» бо ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ доранд, зеро география ҷараёнҳои табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодиро дар ифодаи маҳаллии онҳо нишон медиҳад. «Сайёҳӣ» бошад масъалаҳои ташкил намудани фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсияро дар ҳудудҳои сайёҳӣ мефаҳмонад [13, 21, 76].

Мавқеи муҳимро дар ин самт географияи рекреатсионӣ ишғол мекунад, ки фаъолияти он дар асоси принсипҳои байнисоҳавӣ ва дар маҷмуъ ба роҳ монда шуда, он «ба системаи донишҳои иҷтимоӣ-географӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ» дохил мешавад ва бо илмҳои ҷомеашиносӣ, география ва иқтисодӣ алоқамандии зич дорад [43].

**Системанокӣ** – дар асоси консепсияи умумиҷаҳонӣ, ақидаи тафаккур, мансуб ба методологияи маҷмуи қисматҳои равобити мутақобиладошта тасвир карда шуда, он дар асоси принсипҳои умумии асосҳои назариявии географияи рекреатсионӣ сохта мешавад [75, 164, 166].

Муносибати системаноки имконият медиҳад, ки сайёҳӣ ҳамчун системаи мураккаб, иборат аз унсурҳои ба ҳам алоқаманд барраси шавад.

**Иерархияят** (зинанизомӣ) – яке аз хусусиятҳои асосии системаи сайёҳӣ мебошад. Ин равиш, ки ба принсипҳои таҳлили система асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки илми сайёҳи дар сатҳҳои гуногун: аз глобалӣ то маҳаллӣ ташкил карда мешаванд. Ҳар як сатҳ хусусиятҳои худро дорад ва бо дигар сатҳҳо алоқаманд аст. Масалан, созмонҳои байналмилалии сайёёҳӣ бо сиёсати миллии сайёҳӣ таъсир мерасонанд ва ассотсиатсияҳои сайёҳии минтақавӣ фаъолиятҳоро дар сатҳи маҳаллӣ ҳамоҳанг мекунад.

Дар бахши хулоса метавон гуфт, ки истифодабарии методҳои муосири география таҳкиқи захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ҳудудҳои мушаххас, минтақа ё мамлакат аз ҳисоби воридоти технологияҳои нави иттилоотӣ ва

ташкил намудани заминаи бузурги ҳисоби омори байналмиллалӣ ва миллӣ рушд меёбанд.

Ин мушкилот аз ҳисоби амиқтар омӯхтани чунин шаклҳои ҳудудӣ ба монанди: кластер, дестинатсия, майдони сармоягузорӣ ва ҲТММ, ки барои рушди сайёҳии экологӣ хеле ҷолибанд, рушди минбаъда гирифтааст [159].

Ҳамин тариқ, таҳқиқи ҳудудии ташкили сайёҳӣ – рекреатсионӣ ва ташкили ҳудудии ҷамъиятҳо дар маҷмуъ, ба воситаи талаботи давраи пеш аз саноаткунонӣ, захираи донишҳо, рушди босуботи самти хизматрасонӣ, ки на танҳо ба ҳифзи саломатӣ, рушди физиологӣ ва эстетикии инсон, балки ба муҳити гирду атрофи он равона гардидааст, ташаккул меёбад. Аз ин лиҳоз, барои ташаккулёбӣ ва рушди босамари фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ, аз рӯйи хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ, эпидемологӣ ва дигар хусусиятҳои минтақаҳои сайёҳӣ усулҳоеро интихоб кардан муҳим аст, ки ба ҷанбаҳои ҳудудӣ ва байналмиллалӣ пурра мувофиқат карда тавонанд.

## Хулосаи боби якум

1. Кушишҳои глобалӣ ва дурнамои рушди экологӣ нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳӣ асосиро ба ин намуди сайёҳӣ (экосайёҳӣ), вазъи бади экологӣ дар ҷаҳон ва огоҳи аз вазъи ҳифзи табиат мебошад. Зиёдшавии талабот нисбат ба сайёҳии экологӣ дар бозори сайёҳӣ нишондиҳандаи тамоюли рушди он дар ояндаи наздик мебошад.

2. Барномаи экосайёҳӣ асоси идоракунии ҳифзи муҳити атроф ва рушди устувори он дар ҲММТ ҳамчун захираи бебаҳои рушди сайёҳии экологӣ иникос меёбад.

3. Муайян гардид, ки сайёҳии экологӣ аз рӯйи табиати худ шумораи зиёди қонунҳо, меъёрҳои ташкили он, ки дараҷаи масъулиятнокии онро дар ҳудуди муҳити гирду атроф муайян месозад, дар бар мегирад.

4. Нишон дода шуд, ки механизми рушди сайёҳии экологӣ дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудии марзҳои сайёҳӣ, инчунин қисматҳои алоҳидаи он асоснокии илмиро нисбат ба худ талаб мекунад.

5. Таҳлили ҳамаҷонибаи равишҳои гуногун арзёбии иқтидори захиравии ҳудудҳо ва усулҳои нави баҳодиҳӣ ба мавзеҳои сайёҳӣ ва иқтидори захираҳои ҳудудҳои ҷудогона, минтақаҳо ва мамоликҳо гузаронида шуд. Барои дучор нашудан ба таъсироти манфӣ, банақшагирӣ ва идоракунии дақиқи сайёҳии экологӣ бо истифодаи усулҳои муосири методӣ зарур ва муфид арзёби мегардад.

# БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ГЕОЭКОЛОГИИ ТАРКИБҲОИ САЙЁҲӢ-РЕКРЕАТСИОНИИ ҲУДУДИ *«РЕЗЕРВАТИ БИОСФЕРИИ РОМИТ»*

## 2.1. Маълумоти муқаддимавӣ

То кунун дар барномаҳои рушди иқтисодӣ диққати асоси ба категорияи афзоиш, аз ҷумла афзоиши иқтисодӣ, рушди ММД, баланд гардидани некуаҳволӣ ва ғайра дода мешуд. Чунин ибораҳоро имрӯз метавон аз забони роҳбарони мухталиф ва таҳлилгарон шунид, ки онҳоро дар ҳуҷҷатҳои стратегии рушди соҳаҳои алоҳида ва минтақаҳо, инчунин дар доираи барномаҳои давлатӣ дучор омадан мумкин аст. Дар шароити кунунӣ бо назардошти таҷрибаи солҳои қаблӣ ва руи кор омадани мутахассисон, коршиносон ва таҳиягарони стратегияҳои гуногун исбот месозад, ки ибораи мавҷудаи категорияи афзоишие, ки то солҳои наздик байни стратегияҳои иқтисодӣ бартарӣ доштанд, дар ченакҳои миқдорӣ ифода ёфтанд, дар ҳоле, ки ба сифати он баъзан аҳамияти назаррас дода намешуд.

Дар натиҷа, чунин муносибатҳо ба таъсири манфӣ оварда мерасонанд, зеро хароҷоти бартарафсозӣ баъзан аз қисми даромади онҳо якчанд маротиба зиёдтар буд. Бо чунин мушкилот соҳаи сайёҳӣ рӯ ба рӯ гардида, корҳо оид ба коркарди стратегияи рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар якҷоягӣ пеш бурда мешаванд. Маълум аст, ки имконияти рушди сайёҳӣ ва рекреатсияи ҳар як ҳудуд бо мавҷудияти захираҳо ва иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии он муайян мегардад. Ин хусусияти асосиест, ки имкони амалигардонии лоиҳаҳои рушди сайёҳӣ ва рекреатсиониро дар минтақаҳо муайян месозад. То имрӯз миқдори кофии тадқиқотҳо рӯйи кор омаданд, ки моҳияти афзалиятноки сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва истифодаи устувори онро дар сайёҳӣ муайян мекунанд.

Муваффақият дар истифодабарии фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ мавзеъҳои тамошобоб ва дигар омилҳои ҷолибиятноки ҳудудҳои алоҳида ва ё ташаккули қаламраве, ки аз вазъи географӣ, беназир будани манзараҳои табиати мавзеъ, шароитҳои экологӣ-иқлимии тавсифоти табиӣ ва антропогении захираҳои табиӣ, системаи инфрасохтори нақлиётӣ ва

иқтидори иҷтимоӣ-фарҳангии минтақа иборатанд, муаяйн месозад. Инчунин, дар асоси онҳо кадом маҳсулоти сайёҳӣ ташаккул меёбад, бо кадом восита маҳсулоти ташкилгардидаи сайёҳӣ ба мизоҷон дастрас мебошад, сатҳи баланди қонеъкунандаи сайёҳонро аз саёҳат ба минтақаҳои сайёҳӣ таъмин менамояд, доро мебошанд.

Мақсади асосии маъмурияти сайёҳии ҳудудӣ банақшагирии босамари истифодабарии табиӣ-сайёҳии дар ҷараёни ташаккулёбии системаи индикаторӣ буда, вазъият ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсати экологиро дар минтақаи сайёҳӣ нишон медиҳад. Ҳамзамон, ба меъёрҳои коркадашудаи барномаҳои давлатӣ оид ба соҳаҳои сайёҳӣ ва расидан ба натиҷаҳои назаррас ба талаботи ҳокимияти давлатӣ ҷавобгӯ ва бозори байналмиллалии сайёҳӣ, дохил мешаванд.

Ин навъи индикатор барои он истифода мешаванд, ки вазъият ва имконияти истифодабарии захираҳои табиӣ ва антропогении сайёҳӣ, системаи нақлиётӣ-инфрасохторӣ ва иқтидори иҷтимоӣ-фарҳангии минтақаи сайёҳӣ, тағйироти нарх, бо кор таъмин будан, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва муносибатҳои иқтисодии берунаро нишон медиҳанд.

Сайёҳии экологӣ бо тамоми мазмуну моҳияташ ба принсипҳои сайёҳии устувор ҷавобгӯ мебошад. Пайдоиш ва рушди ин намуди фаъолияти сайёҳӣ бо ҳудудҳои табиӣ алоқаманд буда, бо роҳи саёҳат ва сафарҳо ба ҳудудҳои табиии хуб нигоҳдошташудаи аз тарафи инсон осеб надида,  амалӣ карда мешавад. [57, 61, 64].

Объектҳои муҳимтарини фаъолияти сайёҳии экологӣ маҷмааҳои табиии хусусиятҳои ҳифзи табиӣ, ҳифзи объектҳои фарҳангӣ, эстетикӣ ва рекреатсионии реҷаи махсуси муҳофизатидошта мебошанд [28, 114]. Мақсади асосии сайёҳии экологӣ дар эҳтимол ба муҳити табиии гирду атроф, бо роҳи истифодабарии имкониятҳои рекреатсионӣ, омӯзишӣ ва дигар имкониятҳои ҳудудӣ бо назардошти нигаҳ доштан ва зиёд гардидани онҳо ҳам дар сатҳи шуурнокӣ ва ҳам амалӣ зоҳир мегардад [28, 48].

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки қисмати зиёди захираҳои табиии сайёҳии экологӣ дар ҲТММ ҷойгир шудаанд. Вобаста ба

ин, стратегияи нави рушди ҲТММ дахолати фаъоли таҷрибаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сайёҳии экологиро дар ин ҳудудҳо тавсиф медиҳад.

Агар аз ин нуқтаи назар табиати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф намоем, онро метавон ба қатори минтақаҳои дорои иқтидори бой ва босамар барои рушди сайёҳии экологӣ дохил намуд.

Дар айни замон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаи ҲТММ 3,1 млн. га.-ро ташкил медиҳанд, ки ин 22 %-и ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 2,6 млн. га. ба ҳудуди Парки миллии Тоҷикистон (84 %) дохил мешавад [26].

ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 мамнуъгоҳи давлатӣ, 1 адад резервати биосферӣ, 1 боғи миллӣ, 1 боғи табиӣ, 1 боғи таърихӣ- табиӣ, 3 ҳудуди табиӣ-рекреатсионӣ, зиёда аз 20 адад минтақаи табобатӣ-беҳдоштӣ, 13 адад парваришгоҳи давлатии табиӣ ва зиёда аз 62 адад ёдгориҳои табиӣ иборат мебошад [5, 8, 29, 37] *(расми 2.1).*




*Расми 2.1. Харитаи ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон*

### 2.2. Маълумоти умумӣ дар бораи *«Резервати биосферии Ромит»*

Дар байни ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи махсусро ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* (дар гузашта мамнуъгоҳи давлатии табиии «Ромит») ишғол менамояд, ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 01 ноябри соли 1959 таъсис дода шудааст. *«Резервати биосферии Ромит»* – ин резервати куҳӣ-ландшафтиест, ки дар нишеби ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор, дар соҳили дарёи Кофарниҳон, дар гӯшаи хушманзараи дараи Ромит ҷойгир мебошад. Ин муассисаи муҳофизатшавандаи табиӣ дар масофаи 80 км аз маркази шаҳри Душанбе ҷойгир буда, масоҳати он 16 100 гектарро ташкил медиҳад.

Ба шарофати бойигарӣ ва гуногунии захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ, шароитҳои мусоиди табиии иқлимии маҳал ва аҷоиботи ҳудудӣ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 сентябри соли 2000 дараи Ромит, ки *«Резервати биосферии Ромит»* ҳамчун ядрои он маҳсуб меёбад, ҳамчун «*минтақаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ»* эълон гардид. Илова ба ин, дар мувофиқат ба моддаи 45-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда», мувофиқи Қарори махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013 (№ 346) ба мамнуъгоҳи давлатии табиии «Ромит» мақоми *«Резервати биосферии Ромит»* дода шуд [2].

Ҳудуди маъмурии *«Резервати биосферии Ромит»* ба ноҳияи Ваҳдат дохил мешавад *(Расми 2.2).*




*Расми 2.2. Харитаи ҳудуди «Резервати биосферии Ромит»*

Бо мақсади босамар ворид сохтани таҷрибаҳои иҷтимоӣ, иқтисодии сайёҳии экологӣ дар ин ҳудуд, тибқи Қарорҳои марбута ба мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии ноҳияи Ваҳдат супориш дода шуд, ки аз фонди давлатии захиравии замин, фонди ҷангал ба аҳолии деҳаҳои навбунёди Боғи Мирӣ, Яфрак, Новаки поён ва Лангари ҷамоати деҳоти «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат, ки дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* ҷойгиранд, майдонҳои ҷудогонаи замин барои ташкил намудани чарогоҳ ҷиҳати озод намудани ҳудуди резерват аз таъсироти манфии беруна, ҷудо карда шавад. Имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи сайёҳӣ диққати махсус зоҳир менамояд, ки танзими босуботи фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар марзи *«Резервати биосферии Ромит»* пойгоҳи арзишнок барои рушди устувори истифодабарии табиати ҳудуд бо мақсади сайёҳӣ ва рекреатсия маҳсуб меёбад.

Коркарди маҷмуи тавсияҳои ташкилотӣ ва методӣ оид ба ташаккули системаи самараноки идоракунии фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват барои рушди шаклҳои афзалиятнок ва методҳои идоракунии бомуваффақияти соҳаи сайёҳии экологӣ, ки ба мақсадҳои стратегии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошанд, мусоидат менамояд.

Аз нигоҳи геометрӣ ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* шакли секунча дошта, он аз тарафи ғарб бо дарёи Сорбо, аз тарафи шимол бо дараҳои Ушрут ва Вашрут ҳамсарҳад мебошад. Қуллаи ин секунҷа ба қисмати ҷанубӣ равона гардида, дар сароби дарёи Кофарниҳон (дарёҳои Сарбо ва Сардаи-Миёна) воқеъ гардидааст. Дар қисмати ҷанубу шарқӣ сарҳади резерват ба қаторкӯҳҳои Қаротегин ҳамроҳ мешавад.

Аз ҷиҳати мавқеи географӣ *«Резервати биосферии Ромит»* дар ҳудуди ҷамоати Ромити шаҳри Ваҳдат ҷойгир мебошад. Роҳи асосии нақлиёт ба дараи Ромит ва ҳудуди *«Резервати Биосферии Ромит»* роҳи мошинагард мебошад, ки он минтақаро бо маркази ноҳияи Ваҳдат ва маркази ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе мепайвандад *(Расми 2.3.).*



*Расм 2.3. Нишондодҳои лоиҳавии ҳудуди «Резервати биосферии Ромит»*

Мувофиқи мавқеи ҷойгиршавии географии худ, ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* дар нишебии ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор дар сароби дарёи Кофарниҳон дар баландии 1176 – 3195 м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст, ки нишонаҳои географии он: 38.7226° а.ш. ва 69.3198° т.ш. ташкил медиҳад.

Маҳалаҳои наздики аҳолинишини *«Резервати биосферии Ромит»* -ро деҳаҳои дар соҳили дарёи Сардаи миёна ва Сорбо ҷойгирбуда (Яфрак, Тавиши поён, Деҳпир, Сонӣ, Вистан, Новаки боло, Лангар, Новаки поён, Коху ва Хушон), дар бар мегирад. Дар ин ҷо дар ҳолати табиӣ маҷмааҳои табиӣ ва объектҳое қарор доранд, ки аҳамияти калони илмӣ, генетикӣ, экологӣ, фарҳангӣ-маорифпарварӣ дошта, ҳифз ва нигоҳдории онҳо дар маркази диққати мақомоти давлатӣ қарор дорад. Онҳо пеш аз ҳама барои нигоҳ доштан ва омӯзиши раванди ҷараёни табиӣ, генофондии олами наботот ва ҳайвоноти маҳал, намудҳои алоҳида ва ҷамоаҳои растаниҳо ва ҳайвонот, системаҳои экологии оддӣ ва беназир равона шудаанд.

Дар ин ҳудуд 5 маҳалҳои аҳолинишин мавҷуданд, ки қисме аз онҳо дар дараҳои на он қадар калон чойгир мебошанд, ки ҳатто роҳи нақлиёти автомобилгард надоранд. Шумораи умумии аҳолии деҳаҳои мазкур қариб 12000 нафарро ташкил медиҳад. Объектҳои саноатӣ дар минтақаи мазкур вуҷуд надоранд. Инфрасохтори минтақа ба қадри имкон рушд карда аз

объектҳои хоҷагии халқ, марказҳои саломатӣ, қариб дар ҳамаи деҳаҳо мактаб, китобхона, марказҳои савдо ва ғайра бунёд гардидааст, ки ин як қисми аҳолиро бо ҷои кор таъмин мекунад. Бо вуҷуди ин, хоҷагии аҳолӣ ба чорводорӣ, боғдорӣ, занбурпарварӣ, моҳипарварӣ, паррандапарварӣ ва заминдорӣ машғуланд.

Чорводорӣ шуғли асосии фаъолияти хоҷагидории аҳолии маҳаллӣ ба ҳисоб рафта, дар солҳои 90-уми асри гузашта, доираи маҳалҳои аҳолинишини ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* аз ҳисоби ҷаронидани чорво васеъ гардид. Мушкилии асосии экологии минтақа ин эрозияи замин мебошад, ки сабаби асосии ҷарондани чорво ва нест кардани рустаниҳои алафӣ ва буттагии гирду атроф, инчунин худи ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* мебошад, ки дар натиҷа ба эрозияи замин (шусташавӣ) оварда мерасонад.

Дар айни замон *«Резервати биосферии Ромит»* мақоми ҳуқуқӣ дар шакли муассисаи давлатӣ дошта, мақомоти ваколатдиҳанда оид ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Кумитаи ҳифзи муҳити табиати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи таснифоти пешниҳодгардидаи Кумитаи ҳифзи муҳити зист «Резервати биосферӣ» – дорои экосистемаҳои хушкӣ ва обӣ мебошад, ки ба шабакаи умумиҷаҳонии резерватҳои биосферӣ дохил гардидааст. Минтақаи мазкур барои ҳифзи арзишҳои табиӣ, фарҳангӣ ва фонди ҷангал ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда равона гардидааст.

Агар ба солҳои пеш назар афканем, то Инқилоби октябр ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» моликияти хусусии деҳқонони хоҷагидорӣ дар шакли алоҳида буда, ин ҳудудро тибқи талаботи худ истифода мебурданд. Баъди инқилоб ҳудуди мазкур ба идоракунии давлатӣ гузашта, дар ин ҷо колхозҳо ба вуҷуд омаданд, ки аз тарафи онҳо фаъолияти гуногуни хоҷагидорӣ, аз қабили: заминдорӣ, боғдорӣ, инчунин ҷарондани чорво ва ниҳолпарварӣ ба роҳ монда мешуд.

Ба туфайли ғани ва гуногунии иқтидори захиравӣ ва фаровонии ҷозибаҳои табиӣ таваҷҷуҳ ба ин мавзеъ меафзояд, ки ин аз афзоиши арзиши илмӣ ва сайёҳии он шаҳодат медиҳад.

Ин хусусияти нотакрори ҳудудиро ба инобат гирифта, дар соли 1959 бо Қарори Шурои Вазирони ҶСС Тоҷикистон «Оид ба ҳифзи муҳити табиати Тоҷикистон» (таҳти рақами № 186 аз 9-и майи соли 1959) дар ин мавзеъ мамнуъгоҳи давлатии «Ромит» таъсис дода шуд.

Мақсади асосии мамнӯъгоҳи давлатии «Ромит» – ин нигоҳ доштани манзараҳои нотакрори табиӣ ва ҳифзи нишебиҳои кӯҳӣ ва ҷангалзорҳои қаторкӯҳҳои Ҳисор, гузаронидани маҷмуи таҳқиқоти илмӣ оид ба омӯзиши хусусиятҳои экосистемаи кӯҳӣ, мутобиқшавии оҳуи бухороӣ дар шароитҳои кӯҳсор ва инчунин, бо мақсади ҳифз ва дар оянда истифода намудани онҳо ба ҳайси сарчашмаи иловагии генофонд ва додани тавсияҳои илмӣ-методӣ ва амалӣ оид ба истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва гузаронидани назоратҳои мониторингӣ мебошад.

Дар замони муосир ба *«Резервати биосферии Ромит»* бо мавҷудияти гуногунии экосистемаи табиӣ, манзараҳои нотакрори кӯҳӣ, бойигарии гуногуни биологии олами наботот ва ҳайвонот бо назардошти намудҳои эндемикӣ, аҳамияти калони илмӣ-омӯзишӣ дода мешавад, ки он ҳамчун объекти муҳим барои тадқиқотҳои биологӣ, экологӣ, геологӣ ва археологӣ маҳсуб меёбад.

Ҳадафҳои асосии *«Резервати биосферии Ромит»* чунин арзёбӣ мегарданд:

- ҳифзи гуногунии биологӣ ва комплексҳои табиӣ;
- мониторинги ҳолати экосистемаҳо;
- ташкили тадқиқоти илмӣ;
- иштирок дар барномаҳои байналмилалии ҳифзи табиат;
- кумак расонидан дар омода намудани кадрҳои илмӣ ва мутахассисон дар соҳаи ҳифзи муҳити гирду атроф;
- таблиғоти донишҳои экологӣ.

Тибқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди *«Резервати биосфери Ромит»* фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолияте, ки ба рушди ҷараёнҳои табиӣ монеа мегардад ва таҳдидро ба вазъи маҷмааҳо, объектҳои табиӣ ба вуҷуд меорад, манъ карда шудааст.

Дар ҳудуди резерват гузаронидани чорабиниҳои зерин иҷозат дода мешавад:

- чорабиниҳо оид ба муҳофизат, барқарорсозӣ ва пешгирӣ намудани тағйироти маҷмааҳои табиӣ дар натиҷаи таъсири антропогенӣ, инчунин дар ҳалли масъалаҳои илмӣ-таҳқиқотии дар назди резерват гузошташуда;
- чорабиниҳои зиддисухторӣ ва санитарӣ, ки намудҳои дигари фаъолияти хоҷагидорӣ, истифодаи табиат барои ҳалли масъалаҳои *«Резервати биосфери Ромит»* муҳимро дар бар мегиранд.

Дар зинаҳои аввали ташкили мамнуъгоҳи «Ромит», масоҳати умумии ҳудуди он 15 000 га-ро дар бар мегирифт ва он зерсохтори Саридораи Хоҷагии ҷангал ва муҳофизати ҷангали назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон дониста мешуд. Ин ҳудуд дар ҳайаҳати хоҷагии ҷангали Орҷонкизобод (Ваҳдат) қарор дошта, то соли 1961 ба колхозҳои маҳаллӣ вобаста шуда буд. Лаҳзаҳои калидии мамнуъгоҳ соли 1961 баҳисоб меравад, ки колхозҳо ва деҳаҳое, ки дар ҳудуди он қарор доштанд, ба водии Вахш кӯчонида шудаанд. Шуруъ аз ҳамон солҳо тамоми ҳудуд зери истифодаи мамнуъгоҳ қарор гирифт.

Дар соли 1968 тибқи Қарори КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони Тоҷикистон «Оид ба тақвияти ҳифзи табиат ва беҳтар сохтани фаъолияти мамнуъгоҳҳои ҷумҳурӣ ва дигар ҳудудҳои ҳивзшаванда» аз ҳисоби минтақаҳои кӯҳии ҷангалпӯш ҳудуди мамнуъгоҳи «Ромит» то 16139 га. васеъ гардид [1].

Дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри гузашта, дар давраи бозсозӣ ва табаддулоти пурталотуми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, аз тарафи Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон як қатор Қарорҳои таъҷилӣ қабул гардиданд, ки таъсири назарраси манфии худро ба сатҳи рушд ва табаддулоти мамнуъгоҳи

давлатии «Ромит» расониданд. Ба ин қарорҳо дохил мешаванд: Қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои мушаххас оид ба барқароркунии деҳотҳои кӯҳна»; Қарор «Дар бораи меъёрҳои таъхирнопазир оид ба барқароркунии деҳаҳои кӯҳӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ» (№ 189 аз 20 ноябри соли 1989), қонуни дигар «Дар бораи барқарор сохтани деҳаҳои Коҳу ва Новаки Поён дар ҳудуди ноҳияи Орҷенкизобод (Ваҳдат)» (№ 179 аз 15 сентябри соли 1990). Вазьияти мазкурро супориши дигари дафтари Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дучанд мураккаб намуд. Тибқи ин супориш деҳаҳои бекорхобидае, ки дар ҳудуди мамнуъгоҳи Ромит вуҷуд доштанд, ба монанди Лангар, Яфрак ва Боғи Мирӣ бояд аз нав барқарор карда шаванд. Бо ин мақсад аз ҳудуди мамнуъгоҳ барои сохтмони манзилҳо ва таъсиси деҳаҳо зиёда аз 100 га замин ҷудо гардид. Шуруъ аз ин давра мушкилот дар самти фаъолият ва риояи тартиботи мамнуъгоҳ, нигаҳдории экосистемаи кӯҳӣ ва объектҳои дар он мавҷудбуда, босуръат авҷ гирифтанд.

Баъди қабул гардидани ин қарорҳо муҳоҷирати оммавии аҳолӣ аз ҳисоби сокинони таҳҷоӣ, ки 30 – 40 сол пеш барои ободонии водии Вахш муҳоҷир шуда буданд, оғоз гардид. Ин оилаҳо барои ободонии заминҳои аҷдодии худ дар муддати начандон зиёд ба мавзеъҳо ва ҳудудҳои сарҳади мамнуъгоҳӣ: деҳаҳои Новаки Поён, Яфрак, Коҳу, Боғи Мирӣ, ва Лангар баргаштанд. Илова ба ин, Қарори дигари Шурои Вазирони ҶШ Тоҷикистон (таҳти рақами № 179 аз 15 август соли 1990) баромад, ки дар асоси он барои азнавбарқароркунии деҳаҳои Новаки Поён ва Коху аз ҳудуди мамнуъгоҳи «Ромит» 100 га замин ҷудо гардид. Тибқи Қарори Кумитаи иҷроияи вакилони халқии шаҳри Кофарниҳон (№ 145 аз 23.04.1992 с.) амалишавии таъҷилии бандҳои ин қарор қабул гардид. Дар такя ба ҳалли ин қарор, беҳтарин заминҳои захиравии барои сохтмон ба фурӯш монда шуданд, ки дар он намудҳои нодири ҳайвонот ва наботот сукунат доштанд. Шуруъ аз ин давра, таъсири манфии омили антропогенӣ, аз ҷумла, буридани дарахтон, шикори ҳайвоноти ваҳшӣ, забт гардидани ҳудудҳо барои пеш бурдани хоҷагидорӣ ва ғ. зиёд гардиданд. Дар натиҷаи чунин муносибатҳои

хунукназарона нисбат ба арзишҳои табиӣ қариб 3000 – 3500 га заминҳои мамнуъгоҳ ба пуррагӣ ба киштзори хоҷагии қишлоқ табдил дода шудаанд.

Дар айни замон (соли 2024) дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* маҳалҳои аҳолинишини зерин пайдо шуданд, ки мунтазам ҳудуди онҳо васеъ шуда истодааст ва ин омил бешубҳа ба реҷаи хифзшавандагии ҳудуд таъсири калони манфӣ мерасонад. Чи тавре ки таҳлилҳои мо нишон медиҳанд, ҳамасола сатҳ ва масофаи сарҳадҳои доираи мамнуъгоҳ вайрон шуда истодаанд. Вобаста ба ин вазъият риояи тартиботи мануъгоҳ мушкил шуда истодааст.

Чӣ тавре, ки мониториги гузаронидаи мо нишон медиҳад, сол аз сол дараҷа ва сарҳади мавзеи мамнуъгох вайрон шуда истодааст. Мусаллам аст, ки дар чунин вазъият риоя кардани реҷаи ҳудуди муҳофизатӣ мушкил гардида истодааст.

Дар *(расми 2.4)* ва *(ҷадвали 2.1)* харита ва номҳои мавзеъҳои аҳолинишин нишон дода шудааст.




*Расми 2.4. Харитаи маҳалҳои аҳолинишин, ки дар ҳудуди резерват таъсис ёфтаанд*

Маълумоти пайдошудаи солҳои охир оид ба гуногунии намудҳо, объектҳои табиӣ ва пайдошавии онҳо муҳаққиқонро боз ҳам водор месозад, ки аз нуқтаи назари назария ва амалия оид ба зарурияти таҳқиқи мақсадҳои

таъсиси ҳудуди ҳифзшавандаи давлатиро муфассал омӯхта, ҳар чи зудтар чораҳои заруриро андешанд.

*Ҷадвали 2.1.* Номи маҳалҳои аҳолинишин, ки дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* бунёд гардиданд.

| Номи маҳалҳои аҳолинишин | Масоҳати заминҳои наздиҳавлигӣ, га. | Шумораи манзилҳои Истиқоматӣ |
|---|---|---|
| Новаки Поён | 87 | 53 |
| Коху | 21,2 | 75 |
| Боғи Мирӣ | 39 | 103 |
| Яфрак | 9,02 | 36 |
| Лангар | 11,65 | 24 |
| *Ҳамагӣ:* | *167,87* | *291* |

Хамин тариқ, бо назардошти равияи стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир яке аз самтҳои афзалиятноки муҳофизат ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва билогии «*Резервати биосферии Ромит*» – ин ташаккул ва рушди устувори сайёҳии экологӣ баҳисоб меравад. Дуруст ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳии экологӣ ва масъалаҳои ҳифзи муҳити табиат боиси рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа дар умум мегардад.

Дар хулоса метавон гуфт, ки мураккабии релефи кӯҳии ҳудуди резервати биосферӣ, ноҳамворӣ ва дараҷаи нобаробари баландии он аз сатҳи баҳр, барои ҳудуди резерват шароитҳои гуногуни иқлимро муҳайё месозад, ки ин гуногунии биологии олами набототу ҳайвонот, манзараҳои табиат ва амалишавии ҷараёнҳои табиӣ-биологиро нишон медиҳад.

Вобаста ба ин, барои омӯзиши пурраи хусусиятҳои табиӣ ва биологӣ ва зуҳуроти он лозим мешавад, ки ин ҷанбаҳои мавҷуда дар алоҳидагӣ баррасӣ шаванд.

## 2.3. Тавсифоти хусусиятҳои табиӣ- геоэкологӣ

### 2.3.1. Зонаҳои табиӣ ва шароитҳои геологӣ-геоморфологӣ

Тамоми қаламрави «*Резервати биосферии Ромит*» аз рӯйи хусусияти релеф ва дараҷаи таъсироти антропогенӣ ба зонаҳои табиӣ ҷудо мешавад:

*Зонаи доманакуҳию даштӣ* – ин зона нисбатан зиёд истифода шуда, дар он таъсироти хоҷагидорӣ ба муҳити гирду атроф ва нестшавии наботот зиёд ба назар мерасад. Дар ҳудуди зонаи мазкур ба қисматҳо ҷудошавии геосистема, экосистемаҳо, мутаҳидшавии таркиб ва сохтори ҷамоаи муҳимми набототу ҳайвонот ва ҷамоаҳои табиӣ сурат мегиранд;

*Зонаи пасткӯҳҳои тепадор* – дар ин ҷо тағйироти бузурги геосистема ба назар мерасад, чунки экосистемаи табиӣ нигоҳ дошта шуда, вале фаъолияти он вайрон гардидааст;

*Зонаи миёнакӯҳи ҷангалзорҳои на он қадар зичи камайён* – дар зонаи мазкур масоҳати ҷангал хеле маҳдуд гардидааст, ки таркиби ҷамоаҳои арзишнок вайрон шуда, ба таркиби он воришавии ҷузъии намудҳои растаниҳои бегона ва худрӯй ба назар мерасад. Дар зонаи миёнакӯҳи ҷангалзорҳои камайён, ки саҳми экосистемаи он калон арзёбӣ мегардад, фаъолияти табиӣ нисбатан нигоҳ дошта шудааст. Дар доираи ин зона шумораи маҳдуди мавзеъҳои зисти ҳайвоноту набототи нодир нигоҳ дошта шудааст Дар ин қисмати резерват ҷангалҳои термофилӣ ва микротермӣ ба таври васеъ паҳн гардидаанд.

***Орография*** – ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» дар нишебии ҷанубии шохаи қаторкӯҳҳои Ҳисор ҷойгир буда, он ба таркиби системаи кӯҳии Туркистону-Олой дохил мешавад [91]. Ҳудуди мазкур релефи хеле мураккаб дошта, бо шаххҳои тези нишебдор ва минтақаҳои душворгузар тавсиф карда мешавад.

Вобаста ба хусусияти релефи маҳал минтақаи мазкур ба се гурӯҳ ҷудо карда мешавад: баландкӯҳ, миёнакӯҳ ва пасткӯҳ.

Қисми асосии қаламрави «*Резервати биосферии Ромит*», ки мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, дар миёнаи кӯҳҳо, қисми шимолии он дар байни кӯҳҳои баланд ва қисми ҷанубии минтақаи муҳофизатшаванда дар қисмати пасткӯҳ ҷойгир шудааст.

Ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» ноҳамвор тақсим шуда, қуллаи пастарини он дар қисмати ҷанубӣ, наздикии даромадгоҳи асосӣ воқеъ

гардида, баландии он 1176 м аз сатҳи баҳрро ташкил медиҳад. Қуллаи баландтарини ҳудуди резерват бошад, дар қисми марказии он ҷой гирифтааст, ки баландии он 3195 м. – ро ташкил медиҳад.

Дар нишебиҳои доманакӯҳҳо, майдонҳои шағалзор ва растаниҳои дарахтиву буттагӣ мушоҳида мегарданд. Бо паст шудани баландӣ аз 2600 м то 2400 м аз сатҳи баҳр дар мавзеъҳои нишебиҳо муътадилшавии шароитҳои иқлим мушоҳида мешавад.

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.2. маълум мегардад, ки дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» афзалияти бештарро нишебиҳои зиёда аз $35^0$ дошта, майдони онҳо 13515,2 га-ро ташкил медиҳад. Майдони нишебиҳои кӯҳие, ки аз 21 то $35^0$ ва то $10^0$ мебошанд, мутаносибан 1992,9 ва 395,5 га-ро ташкил медиҳанд. Ҳудуди аз ҳама камро, мавзеъҳое ташкил медиҳанд, ки нишебиҳои кӯҳӣ дар он $10\text{-}20^0$ - ро ташкил дода, он 196,4 га-ро ташкил медиҳанд. Бояд қайд кард, кӣ дараҷаи нишебиҳои миёнаи ҳудудҳои минтақаи резервати биосферӣ асосан бо растаниҳои дарахтӣ ва буттагӣ пӯшида шудаанд.

Ҷадвали 2.2. Тақсимоти майдони «*Резервати биосферии Ромит*» дар асоси нишебии кӯҳҳо

| Дараҷаи нишебии кӯҳҳо (бо дараҷа) | Майдон, га |
|---|---|
| Нишебии кӯҳ то $10^0$ | 395,5 га |
| Нишебии кӯҳ аз 10 то $20^0$ | 196,4 га |
| Нишебии кӯҳ аз 21 то $35^0$ | 1992,9 га |
| Нишебии кӯҳ зиёда аз $35^0$ | 13515,2 га |

Бо баланд шудани баланди аз сатҳи баҳр релефи он тағйир меёбад, ки ин ба олами набототу ҳайвонот бевосита таъсир мерасонад. Ҳамин тавр дар баландии 2400 – 2800 метр аз сатҳи бахр растаниҳои алафӣ дар шакли буттаҳо, ки хоси ноҳияҳои субалпӣ мебошанд, бартарӣ доранд [34, 37, 79].

Ҳангоми ҷудо намудани майдони «*Резервати биосферии Ромит*» аз рӯйи низоми экспозитсияи нишебӣ (ҷадвали 2.3) маълум гардид, ки нишебиҳои экспозитсияи шимолӣ (шимолӣ, шимолу ғарбӣ ва шарқӣ) 7403, 4 га-ро

ташкил намуда, қисмати нишебии экспозитсияи ҷанубӣ (ғарбӣ, ҷанубу-ғарбӣ, ҷанубӣ, ҷанубу-шарқӣ) майдони 8696,6 га-ро ташкил медиҳанд.

Ҷадвали 2.3. Тақсимоти майдони «*Резервати биосферии Ромит*» аз рӯйи экспозитсияи нишебӣ

| Экспозитсияи нишебиҳо аз рӯйи дараҷа | Майдон, га |
|---|---|
| Нишебиҳои экспозитсияи шимолӣ (шимолӣ, шимолу ғарбӣ ва шимолу шарқӣ) | 7403, 4 га |
| Нишебиҳои экспозитсияи ҷанубӣ (ғарбӣ, ҷанубу-ғарбӣ, ҷанубӣ, ҷанубу шарқӣ) | 8696,6 га |

Тибқи маълумоти олимон сохтори геологии қаторкӯҳҳои давраи карбони поён ва эраи полеозой аз ҷинсҳои варақсанг, оҳаксанг ва мармар бартарӣ доранд [17, 53].

***Гидрология.*** Дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» шабакаи гидрологиро дарёҳои Сорво ва Сардаи Миёна ташкил медиҳанд. Дарёи Сардаи Миёна дар сарҳади ғарбии резерват аз пиряххои қаторкӯҳҳои Ҳисор сарчашма гирифта, аз самти шимол ба самти ҷануб дар масофаи 19 км ҷорӣ мешавад *(Расми 2.5)*.

Дарёи Сорво бошад, аз қисмати шарқии пиряххои қаторкӯҳи Қаротегин сарчашма мегирад. Ин дарё асосан ба самти шимолу-шарқ тақрибан 15 километр ҷорӣ мешавад. Дар қисми ҷанубии резерват дарёҳои Сардаи Миёна бо Сорво якҷоя шуда, дарёи Кофарниҳонро ташкил медиҳанд.

Дарёи Кофарниҳон яке аз дарёҳои калонтарини ҷумҳурӣ ба шумор рафта, масофаи он 387 км-ро ташкил медиҳад, ки сарфаи миёнаи дарё дар 1 сония 166 $м^3$, дар шакли максималӣ 227 $м^3$/сон. ва минималӣ 112 $м^3$/сон. ташкил медиҳад.

Ғизогирии дарёҳои мазкур гуногун буда, асоси онро қуллаҳои баланди барфпуш ва пиряххои қаторкуҳҳои Ҳисору ва Қаротегин ташкил медиҳанд.




*Расми 2.5. Харитаи гидрологии ҳудуди «Резервати биосферии Ромит»*

Афзоиши оби нисбатан зиёди ин дарёҳо ба моҳҳои май-июн рост омада, суръати ҷоришавии оби дарё ба ҳисоби миёна 3,5 м/сония ҷараёни обро ташкил медиҳад. Тақсимоти об байни ин ду дарё дар доманаи шарқии тарафи дарёи Сорво баробар нигаронида шудааст, ки дар ин тараф қисмати асосии ҳудуди резерват (9109 га) ҷойгир аст.

Нишебиҳои ғарбии каторкӯҳҳо ба самти дарёи Сардаи Миёна равон гардидааст, ки дар ин марз 7030 га ҳудуди резерват воқеъ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки гидрологияи минтақа барои олами наботот ва ҳайвоноти ҳудуди резервати биосферӣ аҳамияти бузурги ҳаётӣ дорад. Ба ғайр аз дарёҳои Сорбо ва Сардаи Миёна, ба шабакаи гидрологии ҳудуди биосферии резерват зиёда аз 400 чашмаҳои куҳӣ дохил мешаванд, ки аз ҷумла 54 чашмаи он доимӣ ҷоришаванда мебошанд. Чӣ тавре, ки дар боло зикр карда шуд, дар давраи хушксолӣ ин чашмаҳо ҳамчун сарчашмаи биологӣ барои бисёр намуди набототу ҳайвонот хизмат мерасонад. Бояд қайд кард, ки ҳангоми коркарди хатсайрҳои сайёҳӣ ин мавзеъҳо ҳамчун нуқтаҳои муҳимтарини фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дарҷ гардидаанд.

### 2.3.2. Шароитҳои иқлимӣ

Барои ташкили самараноки фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсия, яке аз омилҳои муҳим, ин мавҷудияти дараҷаи мусоиди шароитҳои иқлими мусоиди маҳсуб меёбад. Иқлими маҳал қисмати асосии табиат буда, он аз фаъолияти бомуваффақонаи сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар минтақа вобастагӣ дорад. Маҳз шароитҳои иқлимӣ ва хусусиятҳои он дар минтақаи сайёҳӣ дараҷаи қонеъгардонии сайёҳонро нисбат ба саёҳат муайян намуда, дар рафтори минбаъдаи онҳо ва ҳавасмандкунии сайёҳон накши муҳим дорад.

Таҷрибаи фаъолияти сайёҳӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми интихоби минтақаи сайёҳӣ, сайёҳон пеш аз ҳама дар бораи иқлим ва обу ҳавои минтақаи сайёҳӣ, ки то кадом дараҷа шароити истироҳат мусоид мебошанд, мехоҳанд дастрас намоянд. Вазъи шароитҳои иқлимӣ чунин аломатҳои саёҳатро муайян менамояд, яъне дараҷаи шароитҳои мувофиқ барои истироҳат ва сайёҳат, давомнокии давраи сафарҳои сайёҳӣ ва дигар намуди фаъолиятҳои сайёҳиро дар бар мегирад. Аз хусусияти шароитҳои иқлимии мавзеъ, банақшагирии объектҳои инфрасохторӣ, шароитҳои меъморӣ-лоиҳакашии биноҳои сайёҳӣ, шароитҳои нақлиёт барои сайёҳон ва ғайра вобастагӣ дорад.

Агар аз нуқтаи назари шароитҳои иқлимӣ табиати «*Резервати биосферии Ромит*»-ро тавсиф намоем, нишондиҳандаҳои иқлим ва шароитҳои он барои ноҳияҳои баландкӯҳ ва миёнакӯҳ хос мебошанд.

Аз лиҳози мавқеи географӣ ҳудуди резервати биосферӣ дар системаи кӯҳии Туркистону Олой ҷойгир буда, қисмати шарқии он ба қисмати континенталӣ ва хушктаринаш ба субтропикии тааллуқ дорад. Инчунин, муайян гардидааст, ки иқлими маҳал ва релефи мавзеъ, хусусиятҳои табии анбӯҳи ҳаво, ки аз берун ба системаи умумии гардиши атмосфера дохил мешаванд, таъсир мерасонад.

Бинобар сабаби дар сарҳадҳои шимолии арзҳои субтропикӣ ҷойгир будани резерват ва дурии он аз баҳру уқёнусҳо, воридшавии зиёди энергияи

радиатсионии офтоб, барои ин мавзеъ иқлими хушк ва иқлими муътадили континенталӣ хос мебошад.

Барои сайёҳон ва рекреантони ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» давомнокии нурафкании офтоб бениҳоят ҷолиб ба назар мерасад, ки он на танҳо аз баландии маҳал ва фасли сол вобастагӣ дорад, балки аз реҷаи абрнокӣ низ вобастагии калон дорад.

Дар давоми сол нурафкании офтоб дар ҳудуди резерват 2719 соатро ташкил намуда, нурпошии он дар моҳи январ 100 ва то моҳи июл 350 соатро дар бар мегиранд. Нишондиҳандаи умумии радиатсия бошад то 4500-4800 МДж/м$^2$ дар як сол мерасад.

Ҳудуди "Резервати биосферии Ромит" аз ҷиҳати нишондиҳандаҳои географӣ дар минтақае ҷойгир аст, ки фишори атмосфериаш баланд аст. Минтақаи мазкур аз ҷиҳати табии дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад: нишондиҳандаҳои баланди радиатсияи офтоб, тағйирёбии бузурги ҳарорати шабонарӯзӣ ва мавсимӣ, нобаробарии боришоти атмосферӣ, ки ин омилҳо ба иқлими резерват хусусияти континенталӣ мебахшанд.

***Боришот.*** Таҷрибаҳои бисёрсола нишон медиҳад, ки миқдори солонаи боришот ва тақсимоти солонаи он дар тамоми ҳудуди резерват кариб якхел мушоҳида гардидааст. Тибқи маълумотҳои обуҳавошиносон миқдори солонаи боришот дар ҳудуди резервати биосферӣ 1289 мм-ро ташкил намуда, қисмати зиёди он ба фаслҳои тирамоҳ ва баҳор (ноябр - апрел) (1037 мм) рост меояд, ки он 80.4 % -и миқдори умумии боришоти солонаро ташкил медиҳад. Дар давоми фаслҳои сол, бахусус аз фасли баҳор то тирамоҳ (май – октябр) боришоти барфу борон то ба 252 мм мерасад, ки ин 19.5 %-и миқдори умумии боришоти солонаро дар бар мегирад. Бо фарорасии фасли тобистон пастшавии босуръати миқдори боришот ба назар расида, моҳи июн миқдори боришот ба 46 мм, дар моҳи июл – 7 мм ва моҳи август бошад – 2 мм-ро ташкил медиҳад. Дар моҳи сентябр миқдори боришоти барфу борон каме зиёд гардида, миқдори боришот 4 мм-ро ташкил медиҳад, ки то моҳи октябр ин нишондод ба 38 мм мерасад *(Расми 2.6).*




*Расми 2.6. Миқдори солонаи боришот дар ҳудуди резерват*

***Ҳарорати ҳаво.*** Ҳарорати минтақаи таҳқиқотӣ бо нишондиҳандаҳои гуногуни худ фарқ намуда, ивазшавии он аз сатҳи баландии маҳал вобастагӣ дорад *(Расми. 2.7).*




*Расми 2.7. Ҳарорати моҳонаи ҳаво ба ҳисоби миёна*

Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки дар ҳудуди резервати таҳқиқшуда давомнокии ҳарорати миёнаи шабонарӯзаии ҳаво 10°С зиёда аз 209

шабонарӯз, 20°С зиёда аз 105 шабонарӯз, 25°С боло 43 шабонарӯзро ташкил медиҳад.

Чӣ тавре ки маълум гардид, дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» дарачаи ҳарорати миёнаи ҳаво дар давоми як моҳ аз +0.1 то +26,1⁰С-ро ташкил менамояд. Ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво бошад +11,5⁰С-ро ташкил намуда, дарачаи баландтарини он +37,1⁰С ва дарачаи пасттарин ба 29.2⁰С баробар мешавад. Дарачаи баландтарини ҳарорати ҳаво дар моҳҳои июл ва август (+36, +37⁰С) ба қайд гирифта шуда, дарачаи пасттарини ҳарорат ба моҳҳои декабр-январ (-2, -28⁰С) рост меояд.

Чунин фарқият дар нишондиҳандаҳои миёнаи шабонарӯзии речаи ҳарорат ба қайд гирифта шуда, нишондиҳандаи максималии ҳарорати ҳаво дар вақтҳои пагоҳирузӣ ва нишондиҳандаи минималиии речаи ҳарорат дар вақти нисфирӯзӣ ба назар мерасанд (14.00) *(Расми 2.8).*




*Расми 2.8. Раванди рӯзонаи тағйирёбии ҳарорати ҳаво дар мӯҳлатҳои гуногуни даврai нашъунамо*

Фарқият дар нишондиҳандаҳои ҳарорати минималӣ ва максималии шабонарӯзӣ, ки дар аввали субҳ ва нисфирӯзӣ (14.00) рост меояд қайд карда мешавад.

Дар ҳудуди резерват рӯзҳои аввали сармо 20-30 – юми октябр ва дар фасли тирамоҳ нисбатан дертари он 16 – уми ноябр мушоҳида мешавад.

Эҳсоси аввалин рӯзҳои хунукии баҳорӣ ба 10-20 – уми феврал ва аз ҳама дер ба 20 – уми апрел рост меояд. Бо назардошти маълумотҳои дар боло зикргардида, давомнокии ҳарорати муътадилии ҳаво дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» ба ҳисоби миёна 207 рӯзро ташкил медиҳад.

Барои фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ речаи намии ҳудуд муҳим мебошад. Чӣ тавре ки маълум гардид, намии ҳавои нисбӣ дар ҳудуди минтақаи таҳқиқотӣ дар давоми сол ба ҳисоби миёна дар вақти пагоҳирӯзӣ 69 %, дар нисфирӯзӣ (соати 13) 46,9 % ва бегоҳирузӣ ( соати 21) 61 %-ро ташкил медиҳад. Дар давоми таҳқиқот маълум гардид, ки нуқтаи баландтарини намии дар ҳудуди "*Резервати биосферии Ромит*" дар моҳҳои январ-феврал ба қайд гирифта шуд, ки он 79,5 %-ро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои баръаксии он ба моҳҳои август-сентябр рост омада, ба ҳисоби миёна 33 %-ро ташкил медиҳад. Боиси қайд аст, ки мувофиқи тавсияи табибон, намии мусоид барои инсон аз 40 то 60 % дониста мешавад, ки он ба минтақаи таҳқиқшудаи мо ба пуррагӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мо муайян кард, ки барои табиати "*Резервати биосферии Ромит*" гардиши бодҳои маҳалии кӯҳию водигӣ, ки самти худро дар давоми шабонарӯзӣ тағйир медиҳанд, хос аст.

Речаи бодҳои резервати биосферӣ одатан доимӣ набуда, шиддатноканд ва суръати онҳо тағйирёбанда мебошанд. Одатан бодҳои вазандае, ки рӯзона ба самти баланди ҳаракат мекунанд, бегоҳӣ суръаташон паст гардида, шабона вазиши бод боз вусъат гирифта, самти ҳаракати он аз баландӣ ба пастӣ  тағйир меёбад.

***Қабати барф.*** Тибқи мушоҳидаҳои мо бориши барф ва ғундшавии он дар ҳудуди резерват одатан аз даҳаи моҳи январ шуруъ гардида, он то охири моҳи феврал об намешавад. Аз сарчашмаҳои таҳлилии илмӣ маълум гардид, ки давомнокии нигоҳдошти қабати барф дар давоми сол 98 рӯзро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, маълум гардид, ки пайдошавии қабати аввалияи барф ба 20-25 – уми ноябр рост омада, устувории қабати барф то 20-25 – уми декабр давом меёбад. Вайроншавии қабати устувори барф аз 18 – уми март оғоз

гардида, охири моҳи март ба пуррагӣ аз байн меравад. Ҳамзамон, дар рафти мушоҳидаҳо маълум гардид, ки баландии қабати барф дар моҳи декабр 3 – 15 см, моҳи январ 20 – 56 см, моҳи феврал 49 – 59 см ва дар моҳи март ба 19 – 38 см мерасад.

### 2.3.3. Қабати хокӣ

Гуногуннамудии хок яке аз элементи муҳим ба шумор рафта, он дар гуногунии биологӣ, экосистемаҳо, ландшафтҳои табиии олами набототу ҳайвонот, инчунин, дар нигоҳдошти муҳити атроф, таъмини осудаҳолии сайёҳону аҳолии маҳал ва рушди сайёҳии экологӣ муҳим мебошад. Дар баробари ин, омилҳои гуногун бевосита метавонанд боиси камшавӣ ё нестшавии гуногунии экосистемаҳои табиӣ ва гуногунии биологӣ гарданд. Вобаста ба ин, тавассути равиши илмӣ ба идоракунии сайёҳӣ, раванди нобудшавии экосистемаҳои нодир ва талафоти гуногунии биологӣ пешгири карда шуда, манфиатҳои асосии гуногунии биологӣ ва экосистемавӣ нигоҳ дошта шавад.

Чи тавре ки таҳқиқотҳо нишон доданд, қабати хокии ҳудуди таҳқиқгардида гуногун мебошад. Вобаста аз баландии сатҳи баҳр намудҳои гуногуни хокҳо мушоҳида карда мешаванд. Ин гуногунии қабати хок на танҳо аз баландии сатҳи баҳр, балки аз ҷойгиршавии мавзеъ дар экспозитсия, дараҷаи нишебӣ ва паҳншавии гуногунии олами набот вобастагӣ дорад.
Хокшиносон дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» ду намуди асосии хоки кӯҳи: ҷигарӣ ва субалпӣ – ро муайян намуданд.
Намуди хоки ҷигарӣ дар таркибаш хокҳои зернамудҳои кӯҳии зеринро дар бар мегирад:

- ҷигарии карбонатӣ;
- ҷигарии оддӣ;
- ҷигарии арчагӣ.

Хоки ҷигарии карбонатӣ дар доираи баландии 1200 – 1600 м аз сатҳи баҳр паҳн гардида, асосан ба нишебиҳои ҷанубу ғарбӣ ва экспозитсияҳои

ҷануби шарқӣ во мехӯрад. Минтақаи паҳншавии хоки ҷигарии оддӣ ба баландиҳои 1600 – 2800 м аз сатҳи баҳр рост омада, он асосан дар нишебиҳо ва мавзеъҳои пур аз сангу шағал паҳн гаштааст.

Дар фарқият аз хокҳои ҷигарии карбонатӣ ин намуд (ҷигарии оддӣ) нисбатан рушд ёфта, таркиби кимиёвиаш (махсусан аз ишқорҳо) бой мебошад. Онҳоро инчунин, аз қабати набототӣ муайян кардан мумкин аст, ки дар минтақаҳои доманакӯҳии хоки ҷигарии оддидошта, растаниҳои заррангҳои нодир, буттаҳо бо арчаҳо, дар кисмати поёнии доманакӯҳҳо чаманзорҳои дорои алафҳои баланд мерӯянд.

Ҳудуди паҳншавии хоки ҷигарӣ асосан баландии 2500 – 2800 м аз сатҳи баҳрро ташкил намуда, дар ин мавзеъ растаниҳои дарахтию буттагиро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин хок дар зери сангзорҳо қарор гирифта, он дар нишебиҳои кӯҳ сайқал ёфта, аз хоросангҳои элювиалӣ ва делювиалӣ ташкил ёфтааст. Аз ҷиҳати моддаҳои ғизоӣ ва табақаҳои генетикӣ хело суст инкишоф ёфта, бекарбонатҳо дар такшинҳои хоросангҳои элювиалӣ ва пролювиалӣ сайқал ёфтаанд.

Типи хокҳои субалпӣ асосан дар баландии 2500 – 3300 м аз сатҳи баҳр дар минтақаҳои ҳамвори ҳудуди баландкӯҳ паҳн гардида, он ҳамчун хоки ҷигарии баландкӯҳи дашту чаман муаррифӣ гардидааст.

Хокҳои баландкӯҳи марғзор дар шакли доғҳои на он қадар калон дар қуллаи нишебиҳои экспозитсияи шимолӣ, дар зери алафзори қабати поёнии алпӣ парешон гардидаанд. Онҳо дорои намии зиёд буда, сабаби пайдоиши растаниҳои мавсимии гуногун мегарданд, ки ин аз баланд будани гумуснокии хок шаҳодат медиҳад. Дар минтақаи алпӣ марғзорҳои кӯҳӣ, хокҳои торфӣ ва хокҳои даштиву марғзори кӯҳӣ инкишоф ёфтаанд. Нababoти ин мавзеъро чанбучи решабарг, гули шаиъдон, шақоиқ, гули ашрафӣ, марзангӯш, савсан, себзоб ва пиёзи кӯҳӣ ташкил медиҳанд.

Дар қисмати зиёди ҳудуди резерват майдони хокҳои сахти миёнашусташуда, хокҳои ниммустаҳкам ва қисман инкишофёфта, паҳн гардидаанд.

Ҳамин тариқ, маълумот дар бораи қабати хокии резерват аз рӯйи хусусиятҳои баланди набототи ҷангалӣ муайян мегардад. Бо шарофати таркиби бойи гумусӣ ва дигар элементҳои минералии ғизоӣ дар хокҳои минтақа ҷангалҳои серҳосил сабзиш ва инкишоф меёбанд. Ҷинсҳои ба вуҷудоварандаи хокҳои таркибашон суглиникӣ, гуногунӣ ва ҳосилхезии хоки мавзеъро муайян месозад, ки сабзиши баланди набототи минтақа гуфтаҳои моро тасдиқ месозад.

### 2.3.4. Олами набототва ҳайвонот

**Олами набототот.** Дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» муҳимтарин минтақаҳои тамошобоб, намояндаҳои олами набототи он маҳсуб меёбанд, ки бо гуногунӣ, беназирӣ ва нодирии худ фарқ мекунанд. Дар масъалаи истифодабарии самараноки намояндагони олами набототу ҳайвоноти ин мавзеъ дар фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ, то кунун таҳқиқоти муфассал гузаронида нашудааст.

Дар навбати аввал, ин мавзеъ бо ҷангалзорҳои кӯҳии худ машҳур мебошад. Дар ин ҷо қариб аз ҳар тараф кӯҳҳо бо дарахтони гуногун, ба монанди: сафедор, тӯс, бед, санҷид тут, заранг, ва ғ. пӯшида шудаанд. Инчунин, дар ин мавзеъ намояндагони дарахтони мевадиҳанда, ба монанди: себи даштӣ, нок, олуболу, чормагз, олуча, буттаи зирк, себи биҳӣ, дарахти писта, ангат, дӯлона, бодом, настаран, арча ва дигар дарахтони биотаи шарқӣ дучор мешаванд.

Дар мавзеҳои нисбатан баланди кӯҳӣ ҷангалҳои кӯҳӣ, чаманзорҳои субалпӣ дучор мешаванд, ки бо заъфарон, бунафшаи кӯҳӣ, лолаҳои зебои шукуфон, шақоиқ, гули мехак, гуран куқнор, савсан, ва ғайра муаррифӣ гардидаанд, ки барои тамошои сайёҳон хело тамошобоб мебошанд.

Дар мавзеи нишебиҳои миёнаи кӯҳии худуди резерват асосан растаниҳои дарахтӣ ва буттагӣ мерӯянд. Дар минтақаҳои баландии 2400 – 2800 м аз сатҳи баҳр бошад, растаниҳои алафӣ ва буттагие дучор мешаванд, ки асосан барои минтақаҳои субалпӣ хос мебошанд.

Мувофиқӣ сарчашмаҳои илмӣ набототи «*Резервати биосферии Ромит*» дар умум 1503 намуди растаниҳоро дар бар мегиранд, ки мансуби 470 авлод ва 85 оила мебошанд. Аз байни онҳо 292 намудро обсабзҳо, 193 намуди занбурӯғҳо, 41 намуди гулсангҳо, 127 намуди ушнаҳо ва 845 намуд растаниҳои дараҷаи олӣ ташкил медиҳанд [61, 104].

Чи тавре ки нишон дода шуд, дар тамоми ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» дар баландии 1176–3195 м. аз сатҳи баҳр, наботот дар шароити минтақаҳои вертикалӣ мерӯянд, ки ин ба тағйироти на танҳо шаклҳои ҳаёт ва хусусиятҳои паҳншавии онҳо, балки ба гуногуннамудии онҳо оварда мерасонад.

Мувофиқи нақшаи таснифотии пешниҳодкардаи олим Н.Ф. Гончаров [79] барои ҳудуди резерват типҳо ва форматсияҳои зерини наботот хос мебошад:

- форматсияи растаниҳои дарахтии мезофилӣ, ки бо ҷангалҳои паҳнбарг ва майдабарги заранг, намояндагони оилаҳои Aceraceae, чормағз аз оилаи Juglandaceae, кадусафедор - Populus alba - populeta alba, сафедори ғорбаргӣ - Populeta laurifoliae, тус - оилаи Betulaceae муаррифӣ мешаванд;
- форматсияи растаниҳои ксерофитии дарахтӣ бо намояндагии арча (Junipereta), бодомҳо (Amygdaleta) ва каркасникҳо (Celtiseta);
- растаниҳои буттагӣ, бо намояндагии садбаргзор (Rosarieta), бедзор (Saliceta), ҷамилак (Ziziphuseta), чорсархоҳо (Paliuruseta) ва татумҳо (Rhuseta) мебошад.

Мавқеи васеи паҳншавиро дар ин ҷо намояндагони растании заранг доранд, ки дар минтақаи поёнӣ дар ҷамоа бо форматсияи экзохордҳо сабзида, дар минтақаи болоӣ бошад, настаранҳо мерӯянд.
Қисмати зиёди ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» дар баландии 1200 – 2000 м аз сатҳи баҳр воқеъ гашта, дар ҳудуди он ҷамоаҳои растаниҳои шибляк ва нимсаванна, ки ба минтақаҳои гарм хос мебошанд, паҳн шудаанд.

Дар баландиҳои аз ин болотар (1600 – 2800 м) бешазор ва буттаҳои баргрезанда ҳукмфармо мебошанд.

Дар ин мавзеъ онҳоро форматсияҳои набототи зерин намояндагӣ мекунанд:

– форматсия аз намояндагони ҷангалҳои паҳнбарги растаниҳои дарахтиву буттагӣ;

– аз намояндагони форматсияи буттаҳои баргрез, арчазорҳо ва шиблякҳо (растаниҳои гармидуст);

– аз намояндагони растаниҳои алафӣ бо намудҳои нисбатан паҳншудаи онҳо: эфемеретиум (нимсаваннаҳо), набототи рудералӣ, марғзорҳои қад-қади дарёҳо ва ҷӯйҳо, инчунин дар ин мавзеъ қисман намудҳои ҷамоаи санавбарҳоро низ мушоҳида мешавад.

Дар ҳудуди резерват минтақаи форматсияи шибляк нишебиҳо ва баландиҳои обтақсимкуннадаро дар доираи баландии 1200 – 1600 (2000) м. ташкил медиҳад [66].

Мавқеи васеи паҳншавиро дар ин ҷо форматсияҳои растаниҳои бодоми бухорой, челон, татум ва дар нишебии кӯҳҳо дарахти заранг (Ácer) дӯлона, нок ва писта ишғол менамояд.

Дар водии дарёҳо, дар қисмати поёнии нишебиҳо ва пастхамиҳо мавқеи на он қадар васеи намуди ҷангалҳои паҳнбарг бо намояндагии чормағзи юнонӣ, заранги туркистонӣ ва чинори шарқӣ мушоҳида мегарданд. Дар ин минтақа намояндагони дарахтони майдабарг (тус ва сафедор), юлғун, бед ва баъзан буттаҳои ангатро дучор шудан мумкин аст. Дар нишебиҳо аз намояндагони буттаҳои мезофилӣ: ирғай, дӯлона ва буттаҳои экзохорда дучор мешаванд.

Дар минтақаи субалпии «*Резервати биосферии Ромит*» дар баландиҳои кӯҳ асосан Kestella Pobed – рестелла, ҳукмфармост. Дар қад-қади ҷӯйҳо ва минтақаҳои сероб буттаҳои марминҷон (Rubus caesius), настаранҳо (Rosa canina), инчунин бушол ва буттаи зирк мерӯянд.

Мувофиқи ноҳиябандии ботаникию-географӣ ҳудуди «*Резервати биосфери Ромит*» ҳамчун ноҳияи мустақили ботаникию географии Ромит дар ҳайати қаторкӯҳҳои Ҳисор ворид карда шудааст [79, 101].

Дар таҳқиқоти худ олим Н.Ф. Гончаров [79] паҳншавии васеи дарахти зарангро дар зерноҳияи Ҳисори марказӣ (Ромит) нишон додааст. Дар ин ҷо, дар ҳудуди резерват дарахти заранг дар қисмати поёнии ҷамоаи форматсияи бутагии литофилии (растаниҳое, ки дар даруни сангу шағал мерӯянд), буттаҳои экзохордӣ ва дар қисмати болоии баланди онҳо бо настарнҳо мерӯянд.

Дар асоси ҷадвали минтақавӣ ва таснифи набототи Помиру Олой, ки аз тарафи П.Н. Овчинников [104] коркард шуда буд, аксарияти растаниҳои ҳудуди резерват дар минтақаи миёнакӯҳӣ, дар ҷамоаи растаниҳои буттагӣ ва нимсаванна (1200 – 2000 м. аз сатҳи баҳр) дар минтақаи сиёҳҷангал (1600 – 2800 м. аз сатҳи баҳр) паҳн шудагианж. Дар ин ҷо аз намояндагони растаниҳои дарахтию буттагӣ – форматсияи буттаҳои баргрез, ҷангали дарахтони паҳнбарг, ҷангали дарахтони майдабарг ва ксерофитӣ – шибляк, арча ва форматсияи майдабуттагиҳо; аз намояндагии растаниҳои алафӣ: эфеметрум (растаниҳои мавсимии яксола, ки умри на он қадар дароз доранд) ва нимсаваннаҳо, растаниҳои редуалӣ (нишондиҳандаи ҳолати экологии муҳит, индикатор) ва майдонҳои на он қадар калони марғзорҳо дар соҳили ҷӯйборҳо ва дарёҳо ва қисман ҷамоаи сесанбар (Растаниҳои хушбӯйкунанда) низ дучор мешаванд.

Чуноне, ки маълум гашт дар ҳудуи резерват намояндагони форматсияи буттагиҳо асосан дар мавзеъҳои нишебӣ ва харсангкӯҳҳо дар баландии аз 1200 то 2000) м аз сатҳи баҳр паҳн шудагианд. Дар ин баланди инчунин бодоми бухороӣ (*Amygdalus bucharica*) низ васеъ паҳн шудааст. Ба шумораи кам дар ин ҳудуд растаниҳои татум (*Rhus cariaria*), челон (*Ziziphus jujuba*), ва дарахтони мустаҳкампоя (*Celtis*) (растаниҳои ҳамешасабз) дучур мешаванд. Дар баробари ин дар ин мавзеъ инчунин растаниҳое меруянд, ки дар нишебиҳои ҳудуди резерват дучор мешаванд. Ба қатори онҳо: дарахтони

нок (*Pyrus bucharica*), писта (*Phistacia sp*), дӯлона (*Crataegus pontica*), заранг (*Acer regeli*) ва ғайра дохил мешавад.

Дар мавзеъҳои алафзори ин форматсияҳо фитосенозҳои экологии гуногун, ба монанди: синузияи эфемерҳо бо афзалияти гиёҳҳои хушадор ва лубиёгиҳо (*B. Macrostachys, Bromus oxyodon, B. Donthoniae, Anisantha tecforum, Tveniatherum crinitum, Aegilops triuncialis, Medicago lupulina. M. dentiulata, M. Minima,*); фитосенозҳои бисёрсола ё нимбуттагӣ (*Prangos pabularia, V. Vivipara Poa bulbosa Hordeum bullosum*); сипузияи сесанбарии алафҳои дурушти ксерофитӣ ва нимбуттагиҳо (*Ziziphora pamiroalaica, Sentellaria bucharica, Hypericum scabrum*) дучор мешаванд. Дар ин мавзеъ инчунин биосенозҳои алафҳои худрӯйи нашъунамои тӯлонӣ дошта, ба монанди алафҳои бегона (*Echium italicum, Anchusa italica, Verbaseum songaricum, Zindeloxia moerustata, Xeranthemum longipappasum Centuarea squarrosa,*) во мехуранд [40].

Чи тавре, ки тадқиқотҳо нишон доданд, эфемерҳо (растаниҳои мавсимии умри кӯтоҳдошта) ва намояндагони дигари онҳо то моҳи август одатан давраи нашъунамои худро қатъ менанмоянд. Дар алафзорҳо бошад, то ин давра нашъунамои тӯлонии алафҳои ксерофитӣ ва нимбуттагӣ мегузарад. Дар мавзеҳои нишебиҳои кӯҳҳои харсангдор, махсусан дар ҷойҳои барои инсон мушкилгузар аз намояндагони растаниҳои дарахтӣ - арча (*Juniperus zeravschanica*) дучор мешавад, ки дар баъзе мавзеъҳо ҷамоаи арчаҳо хело зич (0,2-0,3 м) мерӯянд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳудуди резерват мавқеи махсусан ҷолибро ҷамоаи ҷангалҳои дарахтони паҳнбарг ташкил медиҳанд. Онҳо асосан дар водии дарёҳо, қисматҳои поёнии нишебии кӯҳҳо, сойҳо (рудҳои хурд) паҳн шудагианд. Аз байни намояндагони нисбатан паҳншудаи онҳо - форматсияи чормағзи юнонӣ (*Juglans regia*), заранги туркистонӣ (*Acer turkestanicum*) ва гурӯҳи дарахтони чинори шарқӣ (*Platanus oriental*), инчунин ҷамоаҳои чормағзию зарангӣ: *Malus scoversis, Padellus mahaleb, Rhomnus dolichophylla, Craterjus turkestanica, Cotoneaster hissarieus* номбар кардан мумкин аст.

Дар мавзеҳои наздидарёгӣ ва дарёҳои кӯҳӣ ҷамоаи чормағз ва заранг дар алоҳидагӣ ё дар гурӯҳҳо, аз байни намояндагони растании майдабаргӣ – сафедор (*P. tadshikistanica, P. bachoxenii*) ва тус (*Betola turkestanica*) таркиб ёфта, дар мавзеҳои навбунёди ҳудуди резерват , дар соҳилҳо ва ҷазираҳо ҷамоаи растаниҳои туғай (водигӣ) – бед (*Salix pyenostachya, S. viithelmsana S. linarifolia,*), юлғун (*T. arcentfoides*), мирикорнӣ (Растании табобатӣ) (*Myricaria alopecuroides*), баъзан ангат (*Hippochae rhamnoides*), настаран *(Rosa L.)* ва санҷид (*Elacagnas orientalis*) мерӯянд.

Аз байни намояндагони бед дар ин ҷо нисбатан паҳншуда лимоноси шарқӣ (*Clematis orientalii*) ва изғичи печони куҳиро (*Polyginum boldshuanianu*) мушоҳида кардан мумкин аст. Ба ғайр аз ин, дар саросари дарёчаҳои кӯҳӣ буттазори зичи алафҳои баландиашон 2,0-2,5 м (*Datisca cannobina, Typha argustifolia, Phragmites comunis*) дучор мешаванд.

Аз намояндагони растаниҳои алафӣ дар ин мавзеъ чунин намудҳо дучор мешаванд: *Taeniatherum crinitom, Aegilops triunciveis, B. japonica, Bromus oxydjn, Hordeum geniculurum*; калонхуша ва нимдаштии *Elytrigia trichophora, Herdeum bulbosun, Botriocgloa ischaemum*; алафҳои калони даштӣ - *Inula grondes; Prangos pobularia*; намояндагони растаниҳои марғзор - *Daetyleis glomerata, Kypericum scubrum, Ziziphoru panirovlaira.* Тибқи маълумоти В.А.Чевтаева дар ҳудуди резерват намудҳои растаниҳои олии рагдор 641 намудро ташкил медиҳанд, ки ба 334 авлод ва 70 оила дохил мешаванд. Дар умум мувофиқи гуногунии шакли ҳаётӣ, ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» чунин намудҳоро дар бар мегирад; дарахтон 22 намуд; буттаҳо 40 намуд; буттачаҳо 7 намуд; нимбуттаҳо 5 намуд; нимбуттачаҳо 16 намуд; полукарпкҳои алафӣ 422 намуд ва монокарпҳои алафӣ 129 намуд [49]. Боиси зикр аст, ки растаниҳои намудҳои эндемикӣ ҳам барои илм ва ҳам барои ташкил ва рушди фаъолияти сайёҳӣ аҳамияти калон доранд.

Номгӯи растаниҳое «*Резервати биосферии Ромит*», ки ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дароварда шудаанд, дар зер оварда мешавад *(ҷадвали 2.4.).*

Ҷадвали 2.4. Рӯйхати растаниҳои ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшудаи «*Резервати биосферии Ромит*»

| *Номҳои тоҷикӣ* | *Номҳои лотинӣ* |
|---|---|
| Камолаки самбул | Ferula sumbul |
| Фисиденси қаратовӣ | Fissidens Karataviensis |
| Чанбучи решабарг | Poluporus rhirophilus |
| Савсан | Iris hoogiana |
| Гуши бузак | Allium rosenbachianum |
| Гулсич | Eremurus tadshicorum |
| Гули чавғосун | Ostrowskia magnifica |
| Каҳҳорак | Cousinia leptocampyla |
| Сиёҳгӯш | Juno Nikolai |
| Гули баҳман | Crocus korolkovii |
| Моракгиёҳ | Ophioglossum bucharicum |
| Лолаи бедоғ | Tulipa praestans |
| Гули искандарӣ | Iskandera hissarica |
| Чилванг (ангурчӣ) | Diospyros lotus |

**Олами ҳайвонот.** Олами ҳайвоноти «*Резервати биосферии Ромит*» бою рангин буда, он ҳамчун захираҳои сайёҳии резерват ва омили муҳимми рушди самараноки фаъолияти сайёҳии экологӣ мебошад. Ҳангоми сайёҳат дар табиат қисмати зиёди сайёҳон бошуурона ё бешуурона мехоҳанд аз олами ҳайвоноти минтақа дидан намоянд ва рафтори онҳоро дар муҳити табиат назорат кунанд. Даркияти ин далел қисми зарурии дониш дар табиатшиносии сайёҳӣ мебошад.

Таркиби зоологии ҳудуди резерватро таҳлил намуда, метавон қайд кард, ки асоси ҷаззобияти сайёҳии ин мавзеъ ба ҳар ҳол олами ҳайвоноти мавзеъ мебошад.

Ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» дар минтақае воқеъ гардидааст, ки дар он ду минтақаи калони зоогеографӣ ба ҳам наздик мешаванд: Бухорои шарқӣ ва қисми ғарбии Тёншон. Ин ба омезиши беназири намудҳои ҳайвонот, ки ба ин минтақаҳо хос аст, оварда мерасонад.

Вобаста ба ин, ҳудуди резерват дар минтақаҳои гуногуни нисбатан баланд (1176 – 3195 м) ҷойгир шудааст, ки аз тарафи олимон дар дохили ин ҳудуд се минтақаи вертикалӣ: - дашту кӯҳӣ, кӯҳию ҷангалӣ ва баландкӯҳӣ

муайян гардидаанд. Ин минтақаҳо аз ҳамдигар аз рӯйи хусусиятҳои экологӣ ва гунонуннамудии олами ҳайвоноташон фарқ мекунанд. Масалан, дар қисматҳои поёнии резерват, ки дар он ҳаво гармтар аст, ҳайвоноте дучор мешаванд, ки дар биёбонҳои Осиёи Миёна сукунат мекунанд. Дар кӯҳҳо бошад ҳайвонҳое мавҷуданд, ки дар дигар ноҳияҳои кӯҳистони Осиё вомехӯранд, масалан, бузу гӯсфандҳои кӯҳӣ.

Омилҳои муҳити атроф вобаста аз пастию баландӣ таъсири назарраси худро ба паҳншавӣ ва гуногуннамудии биологӣ мерасонанд.

Таъсироти нисбатан назарраси омилҳои муҳити атроф дар мавзеҳои баландкӯҳ мушоҳида мешаванд, ки дар натиҷа ҷараёни тези пӯстпартоӣ дар хазандаҳо, норасоии ҳашарот ҳамчун занҷири ғизоӣ ба назар мерасад. Ҳангоми ҳаракат аз минтақаи баландкӯҳ ба самти поён таъсири омилҳо ба муҳити гирду атроф суст гашта, дар шароитҳои доманакӯҳҳо аллакай ҳаёт муътадил мегардад.

Аз намояндагони ҳайвоноти обӣ дар минтақаи «*Резервати биосферии Ромит*» се намуди моҳӣ сукунат доранд: ширмоҳии оддӣ (*Schizothorax intermedius*), гулмоҳии дарёӣ (*Salmotrutta morpha fario*), ва баъзан лақамоҳии туркӣ (Glyptosternon reticulatum) низ дучор мешавад.

Барои сайёҳон нисбатан ҷолиб *фарели дарёӣ* буда, аҳолии маҳал онро “*гулмоҳӣ”* меноманд ва давраи афзоиши он аҷиб сурат мегирад. Дар аввали тирамоҳ фарел барои наслгузорӣ сароби дарёро нишон гирифта, қариб ба пиряхҳо наздик мешавад. Дар дарёи мавзеи резерват баъзан чунин ба назар мерасад, ки ин намуд дар ҳолати ба муқобили шаршара ба мисли мор дар санг часпида, бо усули лағжиш ба боло шино мекунад, ки ин усули диданӣ барои сайёҳон хело аҷоиб ва дилписанд мебошад.

Аз байни намояндагони ҳашаротхур дар ин ҷо хорпушти гӯшдор, муши саҳроӣ; аз намуди болдастони тортанакшакл – каждум, фаланга, ғунда ва ғ. дучор мешаванд.

Аз намояндагони обхокиҳо ва хазандаҳо дар ҳудуди резерват як намуди хайвони обхокӣ ва 17 намуди хазанда, ки 9 намудашон мор мебошанд, дучор

мешаванд. Намояндагони аз ҳама нодири морҳои ин минтақа, кӯрмор (*Typhlops vermicularis*), мори айнакдори осиёмиёнагӣ (*Naja oxiana*) ва гурза (*Vipera libetina*) мебошанд. Аз намояндагони хазандагони оддии ҳудуди резерват: гаммаи кӯҳӣ, мори печони шарқӣ, синки дарозпой, мори чипори безаҳр, гурза, мори айнакдор, мори обӣ, луччашмак, мори сипарфук, мори афъӣ, тирмор, сусмор ва ғ. – ро вохӯрдан мумкин аст.

Ба қатори намудҳои нодири мавзеи резерват, ки сайёҳон муштоқи дидори онҳоянд, инҳо: кӯрмор (*Tipfloms vermicularis*), мори айнакдори осиёмиёнагӣ (*Naja oxiana*) ва гурза (*Vipera libetina*) дохил мешаванд.

Таваҷҷуҳи зиёдро сайёҳони мавзеи «*Резервати биосферии Ромит*» ба намояндагони орнитофауна доранд. Мувофиқи маълумоти олимон, дар ин ҷо 134 намуди парранда, ки аз байни онҳо зиёда аз 80 намудашон паррандаҳои муқимӣ ва боқимонда миграционӣ, яъне он гурӯҳи паррандаҳое, ки барои зимистонгузаронӣ аз минтақаи номусоид ба минтақаи барои сукунат мусоид парвоз мекунанд ташкил медиҳанд [26, 59]. Намояндагони паррандаҳои маъмули ин минтақа: тазарв, қоз, мурғобӣ, моҳихӯрак, уқоби морхӯр, лак-лак ва куланг мебошанд. Диққати сайёҳонро бештар мурғи ҳумо (уқоби ришдор) ҷалб намудааст, ки ҳарду болҳои он дар ҳолати парвоз қариб ба се метр мерасанд. Мурғи ҳуморо дар нишебиҳо ва қисмҳои болоии кӯҳ дар дараҳои кӯҳӣ дидан мумкин аст. Объекти дигари диққатҷалбкуннадаи орнитологӣ барои сайёҳон кабки ҳимолоӣ мебошад, ки баъзан онро мурғи марҷони кӯҳӣ низ меноманд. Ин паррандаро бо рангҳои гулобӣ-хокистатарранг, ҷигарии баланди мавҷдор дар зери харсангҳо ва ҷариҳо дидан мумкин аст.

Аз байни намояндагони синфи паррандагон – булбулон, бедонаҳо, гунҷишкакҳои хурд, чумчуқ, гунҷишкакҳои хонагӣ, кабутарон ва дигар намудҳоро дучор шудан мумкин аст.

Диққати бештари сайёҳонро намояндагони паррандагоне, ки ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудаанд, ҷалб намудааст. Аз байни намояндагони фаунаи резерват  18 намуд ба Китоби сурхи Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва як намуд – эзосурхаки сафедбол (*Dendrocopos leucopterus*) ба руйхати Китоби сурхи ИБҲМЗ дохил шудааст [24].

Ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» аз намояндагони ҳайвоноти ширхор бой мебошад. Дар ин ҷо, дар маҷмуъ 32 намуди ҳайвоноти ширхор ба қайд гирифта шудаанд. Аз байни намояндагони ширхорони сумдор мавқеи махсусро бузи кӯҳии сибирӣ, бӯзи даштии ҳиндӣ (ҷейран) ва хуки вахшӣ ишғол менамояд. Аз байни намояндагони ширхӯрони дарранда – гург, паланги барфӣ, хирси маллаи тёншонӣ, силовсин, рӯбоҳ, каргаси сиёҳ, аз хояндагон – суғури думдароз, сангпушт, қоқум, савсори сангин (далла), харгӯш, қашкалдоқ, сагобии осиёмиёнагӣ, мири мушон, санҷоб, ҷайра, калламуши заминӣ ва туркистонӣ, муши хонагӣ ва ғ. вохӯрдан мумкин аст [26, 60]. Объекти нисбатан диққатҷалбкунанда барои сайёҳон ин хирси малла мебошад, ки он иқоматкуннадаи доимии ҳудуди резерват мебошад. Аҳолии маҳаллӣ онро инчунин, хирси сафедчанг низ меноманд, зеро намояндагони ин намуд чангҳояшон сиёҳ набуда, балки ранги сафед доранд.

Объекти дигари ҷолиби диққати резерват, ки соҳиби қуллаҳои кӯҳӣ ва султони экосистемаи кӯҳӣ дониста шудааст, ин паланги барфӣ ё бабри барфӣ мебошад, ки даррандаи калони ширхор буда, мансуби оилаи гурбашаклон мебошад. Намояндагони ин оила бо ҷисми нозук, дароз ва чандир, чангҳои нисбатан кӯтоҳ, сари на он қадар калон ва думи бисёр дарози бо муинаи мулоим ва қариб сафеди бо доғҳои хира пӯшида шуда, фарқ мекунанд. Бабри барфиро подабони бузҳои кӯҳӣ меноманд, зеро вай асосан бузҳои кӯҳии сибириро шикор менамояд. Бо вуҷуди тарзи ҳаёти нисбатан пӯшида бурданаш ва зичии пасти паҳншавии намуд, дучор шудани он дар табиат душвор аст.

Бузи кӯҳии сибирӣ ё бӯзҳои Осиёи Марказӣ (Capra sibirica. Siberian Ibex) яке аз объектҳои дигари ҷалбкунандаи сайёҳии ҳудуди резерват мебошанд. Ин ҳайвони ширхӯр ҳаҷми нисбатан калон дошта, ранги пашми баданаш зарди ҷигарӣ мешавад. Шохҳои рах-рахи ҳайвон хеле аҷоиб буда, онҳо ҳамчун воситаи асосии муҳофизат аз даррандагон хизмат мекунанд.

Дарозии шоххои бузи сибирӣ 50 – 80 см-ро ташкил дода, шоххо аз қисмати поён то охир бо раххои гирди кӯндаланги қолабӣ пӯшонида шудааст, ки аз рӯи онҳо синну соли буз муайян карда мешавад.

Барои сайёҳон аз ҳама бештар бузҳои кӯҳии сибирӣ ё ин ки бузҳои кӯҳии осиёгӣ, хирси малла ва бабри барфӣ аҷоиб дониста шудаанд.

Ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри гузашта, баъди ташкил намудани мамнуъгоҳ аз туғайзорҳои гарми водии Вахш ба ин ҷо гавазнҳо оварда шудаанд, ки сарнасли популятсияи кӯҳии ин минтқа гардиданд.

Дар замони муосир дар рӯйхатти Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 намуди ҳайвоноти ширхор дохил карда шудааст. Бабри барфӣ (*Uncia uncia*) – ба рӯйхати намудҳои нестшавандаи ИБҲМЗ дохил карда шудааст.
Дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» зиёда аз 600 – 650 намуди ҳашарот ба қайд гирифта шуда, дар байни онҳо шоҳпаракҳои нодири эндемикӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Онҳо на танҳо барои илм, балки барои сайёҳон низ ҳамчун объекти диққатҷалбкунанда, зарур дониста мешаванд [26, 60].

Барои сайёҳон намудҳои эндемикӣ муҳиммияти бештар доранд, зеро онҳо мехоҳанд бо намудҳои нави олами ҳайвонот аз наздик шиносоӣ пайдо намоянд. Дар *ҷадвали 2.5.* рӯйхати намудҳои ҳайвоноти «*Резервати биосферии Ромит*» оварда шудаанд, ки ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд.

Таваҷҷуҳи махсусро барои сайёҳон  минтақаи марказии ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» ҷалб намудааст, ки тибқи шароитҳои табиии шавқовари ҳудуд дар ин қисмат ду мамнуъгоҳи доимии зоологӣ (яке барои парвариши гавазни бухороӣ ва дигар барои парвариши кабкҳо) муносиб бо шароити умумии резерват ташкил карда шудааст.

Ҳамин тариқ релефи кӯҳӣ ва гуногунии шароитҳои табиӣ барои ин мавзеъ шароити махсуеро офаридаанд, ки он барои ташкили самараноки фаъолияти сайёҳии экологӣ хело ҷолиб мебошад.

Ҷадвали 2.5. Рӯйхатти ҳайвоноти ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудаи «*Резервати биосферии Ромит*»

| *Номи тоҷикӣ* | *Номи лотинӣ* |
|---|---|
| *Ҳайвонҳои бемӯҳра* | |
| Кирминаи қирғизии хушбӯй | Porphyrophora adorata Arch |
| Арвоҳаки ҳисории ток | Acosmeryx naga hisarica |
| Гавҳораҷунбони дарахтӣ | Hierodula teneudentata saussure |
| Ганданафасаки павловский | Dalpada Pavlovskii |
| Планогираи аврупоӣ | Planogyra sararcula Benoit |
| *Ҳайвоноти мӯҳрадор* | |
| Гурзаи осиёимиёнагӣ | macrovipera lebetina turanica Cernorw |
| Картакалоси пойдароз | Eumeces schneideri Daudiu |
| Мори печони шарқӣ | Erux tataricus lichteustein |
| Бургут | Aguila chrysaetus Linnaeus |
| Бози болобони туркистонӣ | Falco cherrug coatsi Dementiev |
| Мурғи ҳумо (ғаҷир) | Gupaetus barbatus Linnaeus |
| Уқоби лошахӯр | Neophron percnopterus Linnaeus |
| Пашахураки биҳиштӣ | Terpsiphone paradisi leucogaster |
| Доснӯл | Ibidorhyncha struthersi i Vigers |
| Кабӯтари синасафед | Columba leucjnota Vigors |
| Зоғобӣ | Myophonus caeruleus Scjpoli |
| Ҳашаротхӯри бухороӣ | Sorex bucharensis Ognev |
| Дуҷҷи ало | Microcihcla scouleri Vigors |
| Дуҷҷи обӣ | Chairmarrornis leucocephala Vigors |
| Кӯршапараки гӯшкалони стрелков | Plecotus astrelcovi Spidzenberger |
| Ҷайраи ҳиндӣ | Histrix indica Muller |
| Хирси малла | Ursus arctos isabelinus Horsfield |
| Наълбинии бухороӣ | Rhinolophus bocharicus Kastchenko et Akimov |
| Шабгардаки муйлабдор | Myotis mystacinus Kuhl |
| Силовсин | Lynx isabellinus Blyth |
| Бабри барфӣ | Panthera uncia Shreber |
| Мири мушон | Mustela nivalis Linnaeus |
| Сагобӣ (саглоб) | Lutra lutra Linnaeus |

## Хулосаи боби дуюм

1. Мураккабият ва тақсимоти релефи кӯҳии ҳудуди резерват, дараҷаи баландиҳои гуногуни релефи маҳал, дар ин мавзеи ҳифзшаванда шароитҳои гуногуни иқлимӣ, гуногунии биологии олами ҳайвонот ва наботот, гуногунии ландшафтҳои табиӣ ва хок, инчунин, дигар хусусиятҳои гузариши равандҳои табиӣ ва биологиро бунёд намудааст, ки он ба худ ҷолибиятҳои хосеро бавуҷуд меоранд.

2. Бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти устувори сайёҳии экологӣ дар ин мавзеъ зарурати баҳогузории нисбатан аниқи ин объектҳо аз нуқтаи назари талаботҳои сайёҳӣ муҳим мебошад.

# БОБИ 3. ХАРИТАИ РОҲБАЛАДИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҲУДУДИ «*РЕЗЕРВАТИ БИОСФЕРИИ РОМИТ*»

## 3.1. Таҳлили авзои соҳаи экологӣ дар ҳудуди резерват

Зарфияти табиӣ-рекреатсионӣ ва мавзеъҳои тамошобоби фарҳангӣ-таърихии ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» шарти рушди васеи нақшавии фаъолияти сайёҳии экологӣ мебошад.

Барои ташаккули стратегияи умумии рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват, муайян сохтани сатҳ ва зарфияти рушди ин сегменти бозори сайёҳӣ муҳим мебошад. Вобаста ба ин, дар ҷараёни таҳқиқот барои асоснокии илмии масъала, бартараф сохтани мушкилоти рушди сайёҳии экологӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои ташаккули таъсирбахши стратегияи рушди ин намуди фаъолияти сайёҳӣ, таҳқиқоти хешро аз таҳлили сегментии минтақавии сайёҳии экологӣ оғоз намудем.

Тавсифи ҳамаҷонибаи ҷолибияти сайёҳии экологии қаламравро тавассути гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ ба даст овардан мумкин аст. Хусусияти чунин таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки он имкон медиҳад, то тавсифи мусбии миқдор ва сифатноки ҷолибияти сайёҳии ҳудуд дар баробари шумораи начандон зиёди аҳолӣ дастрас гардад, ки ин омил ба дараи Ромит хос мебошад.

Таҳқиқоти маркетингӣ имкон медиҳад, ки сатҳи ҷолибияти ҳудудҳои сайёҳӣ дар динамика омӯхта шавад ва дар асоси мушкилоти муайяншуда дар соҳаи сайёҳии экологӣ тавсияҳо оид ба баланд бардоштани он таҳия карда шаванд.

Бо ин мақсад дар ҷараёни кор аз тарафи мо таҳқиқоти махсуси ҷомеашиносӣ бо роҳи таҳлили SWOT гузаронида шуд, ки дар чунин мавридҳо истифода шуда, таъсирнокии худро аллакай нишон додааст. Бо роҳи истифодабарии ин метод омилҳои ҳавасмандкунӣ ва боздошткунандаи рушди соҳа ва рақобатпазирии минтақавии он дар ин ҳудуд муайян гардад.

Таҳлилҳои натиҷаҳои таҳқиқотӣ нишон доданд, ки вазъи ҳозираи соҳаи сайёҳӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» новобаста аз мавҷуд будани роҳҳои рушди он нисбатан суст мебошанд.

Шароитҳои табиӣ-иқлимии мавзеъ барои рушди соҳа бениҳоят мусоид мебошанд. Новобаста ба ин, масъалаҳои зиёди ҳалношудае боқӣ мондаанд, ки таъҷилан ҳаллу фасли худро талаб менамоянд. Безарар гардонидан ё кам кардани таъсири онҳо танҳо дар натиҷаи ба амал баровардани сиёсати максадноки минтақавӣ имконпазир мегардад.

Бо ин мақсад дар кори илмии мазкур методи стратегии банақшагирии SWOT таҳлил – муайянсозии тарафҳои суст ва қавии имкониятҳо таҳдиди минтақавии ҳудуд истифода бурда шуд, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 3.1 нишон дода шудаанд.

Дар натиҷаи таҳлил ва натиҷаи таҳқиқот, ки дар асоси арзёбии ташхиси миқдорӣ вамсифатӣ гузаронида шудааст, имкон дод, ки омилҳои асосии муайянкунандаи дараҷаи рушди сайёҳии экологӣ дар минтақа муайян карда шаванд.

Натиҷаи таҳқиқот дар баробари омилу имкониятҳои афзалиятнок, инчунин камбудиҳои зиёдро низ ошкор намуд, ки дар баробари таҳдидҳои беруна метавонанд ба рушди сайёҳии экологии марзи резерват таъсири манфӣ расонанд.

Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳлили илмии асоснок барои ташаккул ва рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ, ба роҳ мондани идоракунии самаранок, ташаккули маҳсулоти рақобатпазири сайёҳии ҳудудӣ ва маҷмуи тадбирҳо оид ба мунтазам такмил додани хизматрасонӣ аҳамияти калон дорад. Истифодаи он инчунин, дар ҷорӣ намудани механизми инноватсионии рушди соҳа,  чустуҷӯи доимии намудҳои нави реклама, гурӯҳҳои нави истеъмолкунандагони афзалиятнок ва механизмҳои нави баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ имкониятҳоро фароҳам меорад.

Бо назардошти таҳлили шароитҳои дар боло овардашуда, ки дар шароити кунунӣ дар ҳудуди резерват ҷой доранд,  метавон оид ба муҳиммияти масъалагузорӣ ва гузаронидани корҳо оид ба беҳтар сохтани шароитҳои рушди соҳаи сайёҳии худудии резерват ва рушди комплексии сайёҳии минтақавӣ хулоса баровард.

Ҷадвали 3.1. SWOT- таҳлили рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*»

| **Бартариятҳо (тарафҳои қавӣ)** | **Камбудиҳо (тарафҳои заиф)** |
|---|---|
| • Нерӯи бойи захираҳои табиӣ-рекреатсионӣ;<br>• Вазъи манфиатбахши иқтисодӣ-географӣ;<br>• Вазъи мусоиди сиёсӣ ва бехатар барои гузаронидани сафарҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ;<br>• Муҳайё будани имкониятҳо барои муаррифии минтақаи ҷаззоб, гузаронидани фаъолиятҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ барои сайёҳони ватанӣ ва хориҷӣ;<br>• Самтҳои гуногунсоҳавии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсии ёрирасон. | • Мавҷуд набудани консепсияи мушаххаси позитсионӣ;<br>• Нокифоя будани сатҳи рушди саноати сайёҳӣ (воситаҳои ҷобаҷокунӣ, нуқтаҳои ғизодиҳӣ, хатсайрҳои муҳайёнашудаи сайёҳӣ, мавҷуд набудани хизматрасониҳои иловагӣ ва ғ.);<br>• Таъминоти нокифоя бо воситаҳои муоссири ахборӣ ва технологияи иттилоотӣ;<br>• Мавҷуд набудани шароитҳои мусоид барои сайёҳони хориҷӣ дар муассисаҳои ҷобаҷокунӣ дар минтақа, инфрасохтори номувофиқ ҷиҳати мавҷуд набудани маълумот бо забони англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ дар бораи имкониятҳои саёҳатҳои сайёҳӣ дар минтақа ва истифодаи намудҳои гуногуни хизматрасонӣ);<br>• Мавҷуд набудани механизми фаъолияткунадаи танзими сармоягузории шахсӣ барои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват;<br>• Норасоии системавии инфрасохтори сайёҳӣ (номувофиқатии шароитҳои мусоиди ҳудуд ва ҷойи истироҳати сайёҳон) ва объектҳои баён;<br>• Таъминоти нокифояи мутахассисони баландихтисоси соҳаи сайёҳӣ;<br>• Норасоии мутахассисони мувофиқ дар соҳаи сайёҳии экологӣ ва рекреатсионӣ;<br>• Номгӯи маҳдуди хизматрасониҳои сайёҳии асосӣ ва иловагӣ, инчунин сифати на он қадар баланди маҳсулоти сайёҳии мавҷудбуда, ки имконитяти қонеъ гардонидани талаботи афзудаи сайёҳони экологиро дар саёҳат ва истироҳат надорад;<br>• Рушди сусти бозори хизматрасониҳои иловагӣ дар минтақа (раванди саёҳат, вахтхушӣ, чорабиниҳои руйдодҳои дорои хусусият фарҳангӣ ва варзишӣ дошта, мавҷуд набудани марказҳои фитнесӣ, толорҳои тамринӣ, ҳавзҳои шиноварӣ ва ғ.) ва хизматрасониҳои бо васоити ороишӣ-амалӣ алоқаманд;<br>• Амалиёти сусти муаррифӣ ва пешбарии маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори ватанӣ ва байналмиллалӣ;<br>• Мавҷуд набудани маълумот дар бораи имкониятҳои сайёҳии резерват (оид ба соҳибкорӣ, ҷамъият, инфрасохтор, касбҳои мардумӣ, тӯҳфаҳо ва ғайра);<br><br>• Мавҷуд набудани маълумоти кифоя дар бораи объектҳои резерват дар шабакаҳои интернет ва дигар ВАО;<br>• Нокифоягии маблағгузорӣ барои рушди соҳа;<br>• Мавҷуд намудани ташабусҳо доир ба дастгирии аҳолии маҳаллӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳии экологӣ;<br>• Мавҷуд набудани механизми интегратсионӣ ва механизми ҷалб намудани аҳолии маҳал ба соҳаи сайёҳӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон, истеҳсолоти муосир, истеҳсолоти хоҷагии халқ ва касбомӯзӣ. |

*Давоми ҷадвал*

| Имкониятҳо | Хатарҳо |
|---|---|
| • Имконияти интегратсияи қувваҳои истеҳсолӣ дар рушди фаъолияти сайёҳӣ;<br>• Баланд бардоштани некӯаҳолии аҳолӣ тавассути рушди соҳибкории хурд ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ;<br>• Ҳалли мушкилоти бекорӣ ва муҳоҷират;<br>• Фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагӣ ва меҳнат;<br>• Ҳифзи мероси фарҳангӣ ва анъанаҳо;<br>• Ҳифзи гуногунии табиӣ ва мувозинати экологӣ;<br>• Қатъ намудани муҳоҷирати аҳолӣ;<br>• Ҷалби сайёҳони хориҷӣ. | • Набудани қоидаву меъёрҳои дақиқ дар бахши сайёҳӣ;<br>• Дараҷаи пасти зиндагии аҳолӣ ва маҳдудияти шуғли аҳолӣ;<br>• Бад шудани ҳолати экологӣ ба ҷолибияти минтақа барои сайёҳии экологӣ;<br>• Кучиши аҳолӣ (мигратсия);<br>• Набудани технологияи муосир ва сифати пасти хизматрасониҳои сайёҳӣ;<br>• Сар задани офатҳои табиӣ (сел, ярч, боронҳои шадид ва сангфарой). |

Омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ, ки ҳангоми таҳлилоти SWOT муайян карда шуданд, барои баланд бардоштани рақобатпазирии ҳудуди сайёҳии экологӣ ҳамчун асос барои рушди стратегии сайёҳии экологӣ мусоидат менамоянд.

## 3.2. Ҷанбаҳои асосии пешбурди фаъолияти сайёҳии экологӣ

Дар асоси кори илмӣ-таҳқиқотии гузаронидашуда маълум гардид, ки муносибати аҳолии маҳаллӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва ҳатто кормандони алоҳидаи резервати биосферӣ ба реҷаи мамнуъгоҳӣ ва имконоти рушд дар базаи фаъолияти сайёҳии экологӣ якранг ба роҳ монда нашудааст. Дар ҳар се қишри номбаршудаи ҷомеа, тоифаҳои зиёди одамоне вуҷуд доранд, ки ба рушди сайёҳӣ дар минтақа ва дар ҳудуди худ бо нобоварӣ назар карда, ба зуҳуроти манфии муайяне, ки бо пайдо шудани сайёҳон дар ин ҷойҳо ба амал омадаанд, ишора мекунанд.

Барои муайян сохтани вазъияти рухдода моро лозим омад, ки аз таҷрибаи иттиҳодияҳои зиёди дурдаст шиносоӣ пайдо намоем, ки сароғоз ба рушди сайёҳӣ чунин муносибат доштанд. Баъдан маълум гардид, ки дар натиҷаи рушд додани фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ва таъсироти мусбии он ба

нашъунамои муҳити иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии минтақа ин мавзеъҳоро ба як минтақаи биҳиштосо табдил ёфтанд.

Муқарраркунии чунин ҷараёнҳои гуногун танҳо тавассути мушоҳидаҳои бодиққат, омӯзиши масъала ва таҳлили он дар сатҳи паст ва ҳам дар умум ба роҳ монда мешавад.

Барои бартараф сохтани чунин тадбирҳо аз тарафи мо тадқиқоти махсус гузаронида шуда, дар рафти он кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки тавсиф додани ин масъалаҳо дар асоси намунаҳои назариявии географияи рекреатсионӣ ва консепсияҳои географӣ аз тарафи Н.С. Мироненко ва дигарон [98], О.В. Евстропьева [86] пешниҳодгардида, ба роҳ монда шавад. Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқотии мо нишон медиҳанд, барои ба даст овардани натиҷаҳои хуб дар минтақаҳои дурдаст, ки аҳолии онҳо тарзи зиндагонии анъанавиро доранд ба ақидаи онҳо омадани одамони дорои фарҳанг ва ҷаҳонбинии мухталифдошта, метавонад боиси вайрон ва дигаргун шудани фарҳанг ва тарзи анъанавии зиндагонии муқарраршудаи онҳо гардад. Аз ҳамин сабаб, дар баробари корҳои тарбиявӣ ва баланд бардоштани шурнокии сайёҳии ахолии таҳҷоӣ ба дараҷаи дурусти ташаккул ва инкишофи фаъолияти сайёҳию рекреационӣ дар давраҳои гуногуни ташаккули он диққати хоса додан лозим аст.

Дар таҳқиқоти мо, ки дар замина ва намунаҳои назариявии географияи рекреатсионӣ ва консепсияҳои географӣ асос ёфтааст, таваҷҷуҳи асосӣ ба омилҳои зерин дода шуд:

**Таъсироти мутобиқшавӣ (адаптатсия)** – ин унсур якчанд зинаи пайдарҳами мувофиқати дутарафаро дар бар мегирад: «меҳмон-мизбон», «муҳити фаъолияти ҳаётии сайёҳон – муҳити фаъолияти ҳаётии мизбонон», «соҳаи сайёҳӣ – хоҷагии анъанавӣ ба роҳ монда шуда». Муайянсозии қонунияти ҳамкории ин ҷуфтҳо таассуроти сайёҳон ва руҳияи аҳолии маҳаллиро оид ба муҳиммияти рушди сайёҳӣ ошкор месозад.

Дар ин бобат, чуноне ки таҳқиқоти сотсиологии мо тавассути пурсиши сайёҳон ва се категорияи одамон (намояндагони мақомоти маҳаллӣ,

кормандони резерват ва аҳолии маҳаллӣ) нишон дод, дар маҷмуъ динамикаи мусбат мушоҳида мешавад. Чи тавре ки маълум гардид, қисме аз сайёҳон (77 %) ба рушди сайёҳӣ дар минтақа муносибати мусбӣ дошта, ҷавоби 14 % инкорӣ ва қариб 9 % сайёҳон дар ҷавобдиҳӣ мушкилӣ доштанд. Ҳангоми сӯҳбат маълум гардид, ки сайёҳон муҳити меҳмоннавозӣ ва сатҳи бехатарии минтақаро мусбӣ арзёбӣ карда, омода ҳастанд, ки дар баробари худ, дустон ва наздиконашонро низ даъват намоянд *(Расми 3.1).*




*Расми 3.1. Дараҷаи қаноатмандии сайёҳон нисбат ба саёҳат дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит» (бо %)*

Дар ҷараёни кор нуқтаи назари сайёҳонро низ оид ба амалӣ гардидани майлу хоҳиши онҳо ҳангоми саёҳат ба ҳудуди резерват пурсида, пурсиш муайян намудем. Ба ин савол бештарашон (зиёда аз 87 %) мусбӣ ҷавоб дода, қариб 4 % ҷавоби манфӣ ва 9 % истироҳаткунандагон ҷавоб дода натавонистанд *(Расми 3.2).*

Илова бар ин, маълум гардид, ки сайёҳон ва истироҳаткунандагон дар давоми саёҳати худ бо як зумра мушкилиҳо дучор гардида, ҳаллу фасли онҳо бахри баланд бардоштани сатҳу сифати саёҳат ба минтақа муҳим дониста шудаанд.




*Расми 3.2. Хоҳиши сайёҳон оиди сафари такрори ба «Резервати биосферии Ромит» бо %*

Ба қатори ин мушкилиҳо: базаи сусти рушди сайёҳӣ, вуҷуд надоштани шароитҳои мувофиқ барои саёҳат ва истироҳат, сатҳи нокифояи дараҷаи ихтисосмандии ҳайати кормандони резерват, норасоии хизматрасонии иловагӣ, базаи сусти моддӣ-техникӣ ва хизматрасонии суст дохил мешаванд. Дар ҷараёни кор албатта нуқтаи назари аҳолии маҳаллӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва кормандони ҳудуди резерват оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» низ фаҳмида шуд.

Таҳлили мушкилот нишон медиҳад, ки феълан бо роҳбарии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон як такони тоза касб кардааст. Бо шарофати дастгирии давлат дар кишвар тамоми шароит барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва рушди сайёҳии дохилӣ фароҳам оварда шуда истодааст. Натиҷаҳои тадқиқот тасдиқ мекунад, ки соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон рушди устуворро нишон медиҳад. Тибқи исҳороти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон рушди сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат мебошад. Солҳои охир ҷараёни сайёҳон афзоиш ёфта, дар соҳаи сайёҳӣ ҷойёҳои нави корӣ таъсис меёбанд. Ҳукумати кишвар барои рушди

инфрасохтори сайёҳӣ ва муаррифии бренди сайёҳии Тоҷикистон дар асарҳои байналмилалӣ фаъолона сармоягузорӣ мекунад.

Аз ҷумлаи намояндагони пурсидашудаи мақомоти Ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва кормандони ҳудуди резерват бо як овоз тарафдори рушди сайёҳиро дар ҳудуди резерват дастгирӣ намуданд. Бо вуҷуди ин, байни ҳайати пурсидашудагон чунин бетарафӣ аз тарафи ҳамагон зоҳир нагардид, агарчи бештари пурсидашудагон оид ба рушди сайёҳӣ овози мусбӣ дода, аз инҳо 22 % овози манфӣ ва 10 % аз овоздиҳӣ худдорӣ намуданд *(Расми 3.3).*




| | Мусбӣ | Манфӣ | Худдорӣ | |
|---|---|---|---|---|
| Органҳои Ҳокимияти давлатии маҳаллӣ | 100 | 0 | 0 | |
| Кормандони резервати биосферӣ | 100 | 0 | 0 | |
| Аҳолии маҳал | 68 | 22 | 10 | |

*Расми 3.3. Муносибат ба рушди сайёҳӣ дар ҳудуди резерват*

Дар баробари ин, мавҷуд набудани маълумоти аниқ дар бораи соҳаи сайёҳии мавзеъ, мавҷуд набудани барномаи таҳрезигардида, инфрасохтори муосири соҳавӣ, шароити муҳайё барои саёҳати бофароҳат ва истироҳат, ки барои ҳудуд муҳим дониста мешаванд, дар ҳалли масъалаҳои беҳбуди соҳа монеа мешаванд.

Вобаста ба ин, яке аз мақсадҳои асосии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ин ҳар чи зудтар бо мақсади ҷалб намудани аҳолии маҳалӣ ба рушди соҳаи сайёҳӣ, гузаронидани намудҳои гуногуни корҳои фаҳмондадиҳӣ тариқи семинарҳои омӯзишӣ, мусоҳибаҳо, курсҳои кӯтоҳмуддат ва ғ. мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки барои роҳбарияти «*Резервати биосфери Ромит*» зарур аст, ки ба ҷанбаҳои рушди устувори

сайёҳӣ дар ҳудуди минтақаи резерват – таъсироти азхудкунӣ диққати ҷиддӣ дода шавад.

**Таъсироти азхудкунӣ** – фаъолияти ин омил ба ҷалб намудани минтақаи сайёҳӣ ва рекреатсияи захираҳои заминҳои ҳудудӣ алоқаманд мебошад. Чи тавре ки таҷрибаи амалии рушди сайёҳӣ дар чунин мавзеъҳо нишон медиҳад, ҳангоми рушди оммавии ин фаъолият ишғоли мунтазами ҳудудҳои нав сурат мегирад [93, 124].

Баъди он ки ба минтақаи сайёҳӣ гурӯҳи муайяни сайёҳон ворид мешаванд, ниёз ба хизматрасонии гуногуни сайёҳӣ пайдо мешавад. Дар ин марҳила дар ҳудуд ширкатҳои сайёҳии муаррификунанда, аз он ҷумла соҳибкорони маҳаллӣ пайдо мешаванд. Дар ин марҳила ба майдони сайёҳӣ ҷалбкунии масофаи нави заминҳои захиравии минтақа барои бо вуҷуди ин, пас аз муаррифии объектҳо ҳамчун минтақаи сайёҳӣ, ба минтақаҳо бо мақсади сохтмони объектҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ҳудудҳои нави тиҷорати калон ҷалб мегарданд. Соҳибкорон дар шароитҳои вазнини маҳдудияти ҳифзи муҳити табиат ва инфрасохтори инкишофнаёфтаи сайёҳӣ (коммуналӣ, нақлиёт, иҷтимоиёт) оғоз мекунанд.

Ин амал таҷрибаи пешқадами рушди соҳаро исбот месозад, ки дар рафти он идоракунии фаъолияти сайёҳӣ мушкилоти зиёдро пеш меорад. Аз ин лиҳоз, сохторҳои Ҳокимияти маҳаллӣ ва роҳбарияти ҳудудҳои ҳифзшавандаро зарур аст, ки барои пешгирии оқибатҳои манфии рушди бетанзими сайёҳӣ, ки бо ифлосшавии муҳити зист, аз байн рафтани гуногунии биологӣ ва вайрон кардани мероси фарҳангӣ алоқаманданд, бояд нақшаҳои комплексии рушди сайёҳиро таҳия ва амалӣ намоянд, ки ин назорати қатъиро аз болои фаъолияти сайёҳӣ, сохтмон ва истифодаи иншоотҳои сайёҳӣ пешниҳод мекунанд.

Дар ҳолати рушди минбаъда, фаъолияти сайёҳии ҳудудҳои сайёҳӣ бо таъсироти кумулятивӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

***Таъсироти кумулятивӣ*** (зиёдшавӣ, ҷамъшавӣ) – яке аз хусусиятҳои муҳим дар рушди фаъолияти сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Ҳангоми ба вуҷуд

омадани ин зуҳурот ҷараёни тағйироти муҳити табиат зери таъсироти баланди фишори сайёҳӣ-рекреатсионӣ қарор мегирад. Онҳо дар натиҷаи таъсири мутақобилаи омехта, рафтори гуногуни сайёҳон ва истироҳаткунандагон пайдо шуда, азхудкунии пай дар пайи ҳудуди мавзеи ҳифзшаванда, амалиёти нақлиёт, ҷамъшавии партовҳои сахт, моеи маишӣ ва дигар таъсирот бавосита сурат мегиранд.

Чунин амалиётҳо ба ҷараёни гузариши фаъолияти ҳаётии намудҳои нодири олами наботот ва ҳайвоноти резерват таъсири манфӣ расонида, оқибат ба натиҷаҳои ҷиддии экологӣ: ивазшавии мунтазами биосеноз, нестшавии манзараҳои табиат ва ғайраҳо оварда мерасонад.

Бо мақсади ҳифз и гуногунии биологӣ ва таъмини рушди устувори «*Резервати биосферии Ромит*» коркарди меъёрҳои махсусро илмиасос таҳия кардан зарурат дорад, ки ба танзими фаъолияти сайёҳӣ ва кам кардани таъсири манфии он ба экосистемаҳои табиӣ мусоидат намояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба мақсадҳои рушди устувор, бахусус дар самтҳои ҳифзи муҳити табиат ва иҷтимоӣ амалӣ гардида, ҳамзамон ба қонунҳои рушди иқтисодӣ тобеъ мебошад.

Табиати «*Резервати биосферии Ромит*» ҳудудеро дар бар мегирад, ки дорои имкониятҳои васеъ ва шароитҳои муносиб барои фаъолияти рушди сайёҳӣ-рекреатсионӣ мебошад. Бо вуҷуди истифодаи босуботи табиати ин минтақа дар ҳудуди резерват минтақаҳое ҷудо карда шудаанд, ки барои амалӣ намудани фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дорои шароити махсус мебошад. Аммо барои истифодаи самараноки ин ҳудудҳо меъёрҳои махсуси экологӣ талаб карда мешаванд, ки истифодабарӣ ва риояи онҳо фақат дар мувофиқат бо меъёрҳои давлатӣ, аз ҷумла талабот ба инфрасохтори хоҷагидорӣ, иҷтимоӣ ва нақлиёт пешниҳодгардида, сурат мегиранд. Ислоҳи онҳо на танҳо бо назардошти масъалаҳои ҳифзи муҳити табиати маҳал, балки бо назардошти талаботи аҳолии маҳал амалӣ мегардад, зеро шумораи сайёҳон ҳамасола дар ин минтақа босуръат зиёд гашта истодаанд. Бинобар

ин, ҷори амудани механизмҳои самараноки идоракунии фаъолияти сайёҳӣ, ба танзим даровардани механизми таъсирбахши рушди устувор ба нигаҳдории экосистемаҳои нодири минтақа ва ба компонентҳои алоҳидаи табиӣ, сарватҳои фарҳангӣ, рушди иқтисодии минтақа ва беҳдошти дараҷаи некуаҳволии аҳолии маҳаллӣ таъсири калони мусбӣ мерасонад.

Дар асоси таҳлили маводҳои интишоргардида хулоса бояд кард, ки ташкили фаъолияти сайёҳӣ дар баробари таъсироти мусбӣ, тарафҳои манфиро низ доранд, ки асосан дар натиҷаи нодуруст ба роҳ мондани механизми фаъолияти мазкур рух медиҳад. Маводҳои пешниҳодшуда ҳамчун асоси назариявӣ барои ба нақшагирӣ, пешгӯӣ ва ба тартибдарории фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ ва ҷори намудани заминаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти он бо назардошти ихтилофоти ҳифзи табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ мусоидат менамояд.

## 3.3. Ташаккули механизми танзими устувори раванди истифодабарии захираҳои сайёҳии экологӣ

Таҳлили натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳад, ки дар айни замон амалиёти мавҷудаи истифодаи иқтидори сайёҳии «*Резервати биосфери Ромит*» бесамар буда нишондиҳандаҳои молиявӣ-иқтисодии фаъолияти он аз сатҳи миёна дар ҷумҳурӣ пасттар мебошанд. Илова бар ин, то имрӯз роҳи мувофиқи баланд бардоштани истифодабарии самараноки иқтидори захиравии ҳудудӣ, коркард карда нашудааст. Дар аксарияти мавридҳо истифодабарии зарфияти захиравии ҳудудӣ берун аз доираи меъёрҳо ва қоидаҳои мавҷуда, бе ягон тавсияҳои илмӣ-асоснок роҳандозӣ мешаванд.

Дар натиҷаи чунин амал зарари он ба муҳити атрофи табиат ва ҷараёни ҳаёт дар ҳудуди мавзеи ҳифзшаванда бешубҳа зиёд аст. Чунин амал қобили қабул нест, зеро нисбати ҳамаи меъёрҳо ва пешгӯиҳое, ки аз тарафи ТБС барои ҳудудҳои ҳифзшаванда муайян гардидаанд, бетаваҷҷуҳӣ зоҳир мегардад [20, 23, 59].

Вобаста ба ин, дар доираи таҳқиқот ташкили механизми устувор ва ба тартиб даровардани истифодаи захираҳои сайёҳии экологии «*Резервати биосферии Ромит*» муҳим арзёбӣ гардидааст.

Дар айни замон, модоме, ки самти рушди устувор ва истифодабарии сарватҳои табиии ҳудуди резерват тавассути рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ пеш гирифта шудааст, зарур аст, ки барои тараққиёти бомуваффақияти сайёҳии экологӣ шароити мусоид фароҳам овардан лозим аст, то ин ки ҷолибияти захираҳои сайёҳиро афзун намуда, барои рушди умумии маҷмуии шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва барои тартиботи босуботи давлатӣ оид ба дастгирии ин соҳа мусоидат наммӯояд.

Дар рисолаи илмии пешниҳодшуда таҳти мафҳуми механизми баланд бардоштани истифодаи босуботи нерӯи сайёҳии ҳудуди ҳифзшаванда, маҷмуи объектҳои сайёҳии ҳудудӣ ва принсипҳои идоракунии онҳо, инчунин, марҳилаҳо ва методҳои идоракунии фаъолияти сайёҳӣ барои комёб шудани таъсирнокии мустақим фаҳмида мешаванд.

Дар асоси таҳлили мушкилоти мазкур, мо ба хулосае омадем, ки роҳҳои нисбатан устувор дар ташаккули механизми идоракунии босуботи зарфияти сарватҳои «*Резервати биосферии Ромит*» инҳоянд:

1. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои мавҷудаи сайёҳӣ тавассути ҷори намудани низоми динамикии нархгузорӣ, оптимизатсияи фармоишҳо ва таҳияи хидматҳои иловагӣ;

2. Фароҳам овардани шароит барои сайёҳии аз экологӣ тоза дар ҳудуди резерват тавассути бунёди пайроҳаҳои махсуси экологӣ, маҳдуд кардани шумораи меҳмонон, ҷори намудани низоми мониторинг ва назорат аз болои риояи меъёрҳои экологӣ;

3. Таъсири системаи самараноки идоракунии сайёҳӣ, ки ба ноил шудан ба мувозинати байни манфиаҳои иқтисодӣ ва ҳифзи мероси табиӣ нигаронида шудааст;

4. Таҳия ва пешбурди маҳсулоти беназири сайёҳӣ, ки ба стандартҳои байналмилалии сифат ва бехатарӣ ҷавобгӯ мебошанд, бо дарназардошти нтёзҳои сайёҳони гуногуни мақсаднок.

Боиси қайд аст, ки асоси идоракунии зарфияти сарватҳои «*Резервати биосферии Ромит*» бар дӯши сохторҳои Ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва роҳбарияти муассисаи мазкур вогузор гардидааст.

Ба вазифаҳои давлатии танзими фаъолияти сайёҳӣ:

– фароҳам овардани шароит барои амали намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба истироҳат ва саёҳат, аз ҷумла бунёди инфрасохтори дастрас ва бехатари сайёҳӣ;

– таъмини риояи ҳуқуқии сайёҳон ҳангоми анҷоми фаъолияти сайёҳӣ дар ҳудуди резерват, бо назардошти талаботи бехатарии экологӣ;

– таҳия ва татбиқи стандартҳои экологии фаъолияти экологӣ, ки ба ҳифзи гуногунии биологӣ ва ландшафтҳои табиӣ нигаронида шудаанд;

– фароҳам овардани шароит барои барномаҳои таълимӣ ва тандурустии сайёҳон, мусоидат ба баланд бардоштани фарҳанги эколгӣ ва омавигардонии сайёҳӣ;

– рушди инфрасохтори мухталифи сайёҳӣ;

– таъмин намудани талаботи шаҳрвандон ҳангоми сайёҳат;

– ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ;

– зиёд намудани даромадҳои давлат ва аҳолии ҷумҳурӣ дохил мешаванд.

Мақомоти асосӣ барои ба роҳ мондани чунин муносибатҳои дутарафа давлат мебошад, ки муҳити институтсионалиро ба вуҷуд оварда, дар он муносибатҳои дутарафаи субъектҳо ва объектҳои соҳаи экологиро дар самти сайёҳӣ ба танзим медарорад.

Самтҳои зерин ба қатори аввалинҳо дохил мешаванд:

- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030;
- Қонун Дар бораи ҳифзи муҳити табиат;
- Кодекси ҷангал;
- Қонун «Дар бораи олами ҳайвонот»;

o Қонун «Дар бораи ҳудудҳо ва объектҳои махсус муҳофизатшавандаи табиат»;

o Қонун «Дар бораи истифодабарии олами наботот»;

o Стратегияи ҳифзи муҳити гирду атроф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015;

o Барномаи давлатии экологӣ дар солҳои 1998 – 2010.

Ба гурӯҳи дувум дохил мешаванд:

o Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2014 (аз 28.05.2009с., таҳти № 299);

o Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2017 (аз 01.12.2014 с., таҳти № 738);

o Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2020 (аз 01.03.2018 с., таҳти № 80);

o Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» (№ 324 аз 03.09.1999 с.);

o Санадҳои қонунии ёрирасон:

o Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба эълон намудани солҳои 2019 – 2021 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»;

o «Оид ба низоми лисензиякунонии фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 421 аз 13 сентябри соли 1996);

o «Оид ба тасдиқи Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2004 – 2009» (№ 582 аз 29 декабри соли 2003);

o «Оид ба масъалаҳои дастгирии давлатии рушди сайёҳии экологӣ, сайёҳии кӯҳӣ-варзишӣ ва кӯҳнавардӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (№ 80 аз 4 марти соли 2005);

o Консепсияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2019.

Афзалияти танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ ин дастгирии рушди фаъолияти сайёҳӣ, бо роҳҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа, коркард ва амалишавии барномаҳои давлатӣ, мақсаднокии соҳавӣ ва минтақавӣ оид ба

рушди соҳаи сайёҳӣ, мусоидат ба пешрафти маҳсулоти сайёҳӣ дар бозорҳои дохилӣ ва байналмиллалӣ, таъмин намудани ҳимояи ҳуқуқи сайёҳон ба воситаи расонидани ёрии саривақтӣ ва таъмини амнияти онҳо маҳсуб меёбад. Ба танзими давлатӣ инчунин, мусоидат намудан ба таъминоти мутахассисони соҳа, таснифи объектҳои сайёҳӣ, ташаккул ва ворид намудани реестер (рӯйхат) – и ягонаи давлатӣ ва операторони сайёҳӣ низ дохил мешаванд.

Вобаста ба ин, дар солҳои охир аз ҷониби роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди сайёҳӣ як қатор тадбирҳои зарури андешида шуданд. Аз ҷумла: ташкили сохтори нави идоракунии соҳаи сайёҳӣ, бунёди базаи мустаҳками қонунӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ, раванди амалишавии барномаҳо ва стратегияҳои рушди сайёҳӣ мувофиқи талаботи замон ба рох монда шуд, ки он таъсири муайяни мусбӣ расонид.

Дар бисёр минтақаҳо марказҳои зудфаъолияткунандаи сайёҳӣ-иттилоотӣ ташкил карда шудааст, ки дар заминаи онҳо лоиҳаҳои зиёди маблағгузорӣ оид ба ташаккул ва рушди сайёҳӣ ба роҳ монда шудаанд.
Дар баробари ин корҳои зиёди баанҷомнарасидае боқӣ мондаанд, ки барои ҳаллу фасли мусбии онҳо таҷрибаҳои мамлакатҳои нисбатан пешқадамро мебояд истифода кард.

Айни замон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ – Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони минтақавии он мебошад. Муассисаҳои минтақавӣ ва ҳудудӣ имконият доранд, ки бо назардошти шароитҳои маҳаллии иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳоду иловаҳои худро ба раванди фаъолияти сайёҳӣ ворид намоянд.

Бо назардошти шароитҳои маҳаллӣ, инчунин дар асоси таҷрибаҳои худудҳои ҳифзшавандаи кишварҳои хориҷа, мо механизми рушди фаъолияти сайёҳии экологиро дар ҳудуди «*Резервати биосфери Ромит*» коркард намудем *(Расми 3.4.).*

Вазифаҳои асосии мақомоти минтақавӣ дар соҳаи сайёҳӣ

Амалишавии меъёрҳои дастгирии давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ

Коркарди барномаҳо, стратегияҳо, пешгӯйиҳо ва лоиҳаҳои рушди сайёҳӣ дар ҳудуди резерват

Васеъ намудани алоқаҳои байнимитақавӣ дар соҳаи сайёҳии экологӣ

Ворид сохтани додугирифти ҳуҷҷатҳо дар соҳаи сайёҳии экологӣ дар мувофиқа бо талаботи бозори муосири байнамиллалии сайёҳӣ

Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногуни маорифпарварӣ ва илмӣ-маърифатӣ дар соҳаи сайёҳии экологӣ

Ташкили шароитҳои мусоид барои дастрасии бевоситаи сайёҳон ба захираҳо ва объектҳои сайёҳӣ

Муаррифии минтақаҳо дар намоишгоҳҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он

Ташкил намудани шароитҳо барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ва бадеии маҳаллӣ

Ташкил намудани шароитҳо барои гузаронидани хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ

Ташкили мунтазами чорабиниҳо оид ба такмили ихтиссос ва малакаҳои сайёҳии кормандони резерват

Ташкил намудани системаи навигатсионӣ ва нишондиҳанда дар соҳаи сайёҳии экологӣ

Дастгирии самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват

Расонидани маълумот оид ба соҳаи сайёҳии экологӣ, тарғибот ва ташвиқот

Мониторинг ва таҳлили ҷараёнҳои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват, танзими мунтазами норасоии омории фаъолияти сайёҳии экологӣ

Танзими корҳои методӣ ва машваратӣ, муносибати дутарафаи иттиҳодияҳо дар соҳаи сайёҳии экологӣ

Ҷорӣ кардани реестри объектҳо ва захираҳои сайёҳии экологӣ, объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ

Тақсимоти баробари воситаҳои буҷетӣ барои чорабиниҳои ҳифзи муҳити табиат ва фаъоияти сайёҳии экологӣ

Мусоидат дар ташкил, азнавсозӣ ва азнавбарқароркунии инфрасохтори ҳудудии сайёҳии экологӣ

Коркарди хатсайрҳои нави сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват

Интихоб ва ҳамоҳангсозии амалишавии лоиҳаҳои маблағгузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ

*Расми 3.4. Механизми рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосфери Ромит»*

Механизми пешниҳодгардида ҳамаи ҷанбаҳои базаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, методӣ, маълумотӣ-машваратӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилии соҳа ва элементҳои системаи давлатии идоракунии сайёҳиро дар ҷумҳурӣ инъикос менамоянд. Самти асосии фаъолият дар ҳудуди мавзеи мавриди таҳқиқ қарордошта, ташкил намудани институти устувори сайёҳӣ ва дигар шароитҳои мусоид барои истироҳат ва сайёҳат мебошад. Ин пеш аз ҳама дар мувофиқа бо талаботи муосири сайёҳии экологӣ ва ташкил намудани объектҳои инфрасохтори мувофиқи соҳа гузаронида мешавад.

Мувофиқи мониторинги гузаронидашуда, баҳодиҳии умумии таъсироти мунтазам ба рушди сайёҳии экологӣ бо назардошти шароитҳои мавҷуда, аз ҷониби мо элементҳои таъминоти захиравии рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» ташкил дода шудаанд *(Расми 3.5).*

***Расми 3.5. Элементҳои асосии таъминоти захиравии рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит»***



Ташкили чунин шароит ҷузъи ҷудонопазири системаи идоракунии фаъолияти сайёҳии экологӣ ва асос барои коркарди стратегияи барномаҳои рушди сайёҳии экологии минтақавӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» мебошад.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» рушди фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун намунаи рушди номунтазами сайёҳӣ роҳандозӣ шудааст. Рушди номунтазами фаъолияти сайёҳӣ маънои беҳтар намудани мавқеи сайёҳии экологӣ дар бозори хидматрасиниҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳии пешниҳодкардаи онҳо, таҳияи самтҳои нави сайёҳии экологӣ, тафриқаи хидматрасонӣ, ҷори намудани стандартҳои муосири байналмилалӣ, маркетинги ҷаҳонӣ, логистикаи муосир ва фардикунии хидматрасонии экосайёҳиро дар назар дорад [92].

Бо чунин усул ба роҳ мондани фаъолияти минтақавии сайёҳии экологӣ, нигаҳдории имконпазирии тамоюлоти ташаккулёфтаи сайёҳӣ дар минтақа ва принсипи рушди устувор ҷорӣ карда мешавад.

Дар ин маврид, диққати асосиро бояд ба коркарди барномаи рушди ҳамкории фардӣ-давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ: ташкил намудани маркази сайёҳӣ-иттилоотӣ, рушди хизматрасонии сайёҳӣ, ташкил намудани Шурои ҷамъиятӣ ва озмоишӣ оид ба сайёҳӣ равона кард.

Ҷанбаи асосии рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионии резервати биосферӣ метавонад оид ба истифодабарии роҳҳои фарққунандаи меъёрӣ дар баланд бардоштани самаранокии истифодабарии иқтидори захиравӣ дар рушди сайёҳӣ шуда тавонад.

Чи тавре ки маълум гардид, ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» дараҷаи гуногуни истифодабарии иқтидори захиравӣ дорад. Дараҷаи зуҳуроти онҳо аз ҳалли мушкилоти ба фаъолияташон вобаста буда, дар асоси вазъият, миқёс ва ҳароҷоти васоит ҳалли худро талаб мекунад.

Дар кори пешниҳодшуда дараҷаи истифодабарии иқтидори захиравии резерват бо аломати k1 нишон дода шуда, сатҳи самаранокии истифодабарии

онҳо маънои р = {p1, p2, p3}-ро дорад, ки p1 – сатҳи баланди истифодабарии иқтидори захиравӣ; p2 – сатҳи миёнаи истифодабарии иқтидори захиравӣ; p3 – сатҳи пасти истифодабарии иқтидори захиравиро мефаҳмонад. Меъёри баҳодиҳӣ тибқи ҷадвали зерин ба роҳ монда шудааст: 1) 0-49 % (паст) k3p3; 2) 50-69 % (миёна) k3p2; 3) 70-100 % (баланд) k3p1.

Меъёрҳои баҳогузории сатҳи иқтидори захиравии «*Резервати биосферии Ромит*» дар чаҳорчӯбаи таҳқиқот чунин сурат гирифтааст:

1. Тавсифи умумии ҳудуди резерват.
2. Дараҷаи вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ.
3. Мавзеъҳои потенсиалии фаъолияти сайёҳии экологӣ.
4. Захираҳои инфрасохтори экосайёҳии ҳудуд.
5. Шароитҳои табиӣ-иқлимии мавзеъ.
6. Тавсифоти экосайёҳии ҳудуд.

Аз натиҷаҳои таҳқиқот маълум мегардад, ки сатҳи иқтидори захиравии минтақаи таҳқиқшуда бо сатҳи миёнаи иқтидори захиравӣ мутобиқат мекунад (50-69 %) (миёна) k3p2. *(Ҷадвали 3.6).*

*Ҷадвали 3.6. Меъёрҳои асосии баҳогузории сатҳи иқтидори захиравии «Резервати биосферии Ромит»*

| Вариантҳо | Меъёрҳои баҳодиҳӣ, % | Нишондодҳо |
|---|---|---|
| Вазъи умумии резервати биосферӣ | 69 % (миёна) | k3p2 |
| Шароитҳои табиӣ-иқлимии мавзеъ | 95 % (баланд) | k3p1 |
| Вазъияти иқтидори фаъолияти иштироккунандагони сайёҳии экологӣ | 60 % (миёна) | k3p2 |
| Вазъияти захираҳои сайёҳии экологии минтақавӣ | 52 % (миёна) | k3p2 |
| Сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа | 69 % (миёна) | k3p2 |
| Вазъияти захираҳои инфрасохтории сайёҳии экологии минтақавӣ | 20 % (паст) | k3p3 |
| *Ҳисоби миёна* | 60.83 % | k3p2 |

Натиҷаҳои таҳлилҳои гузаронидашуда оид ба иқтидори захиравии минтақа, имконияти таъсис додани замина барои коркарди роҳҳои гуногуни самаранокии истифодабарии иқтидори захиравии ҳудуди ҳифзшаванда барои рушди сайёҳии экологӣ, бахусус муайян сохтани воситаҳои калидии ин

ҷараён дар мувофиқат бо омилҳои тасирноки истифодабарии иқтидори захиравӣ шароит фароҳам меоварад.

Роҳҳои баланд бардоштани истифодабарии иқтидори захиравии *“Резервати биосферии Ромит”* дар маҷмуъ бояд самаранок гузаронида шаванд.

Ба ҳайси воситаи якуми баланд бардоштани истифодаи иқтидори захиравӣ ташаккул додани роҳи хизматрасонии сайёҳии амалкунанда (ҳамгироии хизматрасонӣ барои меҳмонон ва хизматрасонии мустақим, пешбурди фаъолонаи маҳсулоти сайёҳӣ дар бозор, иштирок дар барномаҳо ва лоиҳаҳои таълимӣ, ҷалби сайёҳон, ҷустуҷӯи шаклҳои нави ҳамкорӣ, мубодилаи маълумот, тайёр намудани мутахассисони соҳа, васеъ намудани самти фаъолият, рушди сайёҳии устувор ва фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа) дар маҷмуъ пешниҳод карда мешавад.

Дар асоси фаъолияти танзимкунонии якҷоя самтҳои нави сайёҳии ҷолибро барои ҷалби бештари сайёҳон ташкил кардан мумкин аст. Роҳи пешниҳодгардида бояд барои пешбурди дараҷаи иҷтимоӣ ва иқтисодии мавзеъ, муассисаҳо ва иштироккунандагони фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ таккони ҷиддӣ шуда тавонад.

Баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои сайёҳии ҳудуи резерват  инчунин амали оқилонаи ҳама тарафҳои дар фаъолияти сайёҳӣ иштироккунандаро (органҳои идоракунанда, намояндагони тиҷорати сайёҳӣ, аҳолии маҳаллӣ ва муасисаҳои илмӣ ) талаб намуда, амали онҳо бояд дар асоси нақша ё барномаи рушд, пешгӯии нишондиҳандаҳои пешравӣ, таҳлили минбаъда ва назорати фаъолияти якҷояи онҳо таъсис дода шавад. Дар ин маврид, иҷроиши тамоми вазифаҳои идоракунӣ бар души Шурои махсуси идоракунии таъсисдодашуда, вогузор карда шавад.

Бо ин мақсад ташкил намудани тамоми шароитҳои ба ин кор зарурбуда, аз таъминоти меъёрӣ-ҳуқуқӣ сар карда, то таъминоти молиявӣ, шароити мусоид барои тараққи додани намудҳои афзалиятноки фаъолияти

сайёҳӣ, масъалаҳои ҳифзи мероси табиӣ ва фарҳангии мавзеъ, воситаҳои дастгирии будҷетҳои маҳаллӣ муҳим мебошад.

Омода намудани пешниҳодот барои коркарди барномаи рушди соҳа, таҳрир намудани стратегияи рушди минтақа ва барномаи рушди фаъолияти сайёҳӣ бо назардошти манфиатҳои резервати биосферии «Ромит», инчунин тамоми тарафҳои дар ин фаъолият иштироккунанда (танзимгарони фаъолияти сайёҳӣ, намояндагони ташкилотҳои сайёҳӣ, объектҳои сайёҳӣ ва дигар иштирокдорони соҳа) амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми коркарди механизми рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» пеш аз ҳама бояд иқтидори захиравии ҳудудӣ бо мақсади таъсирнокии он таҳлил карда шавад.

Ин амал марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Баҳогузории шароитҳои истифодабарии иқтидори захираҳои минтақа;

*Воситаи баҳодиҳӣ:* – мониторинги вазъи муосир ва тамоюлоти рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар ҳудуди резерват; таҳлили шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди ҳудуд ва минтақа; ташхиси соҳаи сайёҳии экологӣ ва иқтидори сайёҳии минтақа; системаи банақшагирии стратегии рушди минтақа ва саноати он; баҳогузории иқтидори захиравии минтақа барои рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ.

*Натиҷаи баҳогузорӣ:* – муайян сохтани оқибати рушди фаъолияти сайёҳӣ- рекреатсионӣ дар ҳудуди ҳифзшаванда; муайян сохтани сатҳи рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва иқтидори сайёҳии минтақа; минтақабандии ҳудудӣ дар асоси сатҳи иқтидори сайёҳии экологии онҳо;

2. Арзёбии самараноки истифодабарии неруи захиравии ҳудуд ва муайян намудани имконоти онҳо дар объектҳои инфрасохторӣ;

*Воситаи баҳогузорӣ* – таҳқиқи нишондиҳандаҳои молиявӣ-иқтисодӣ; таҳлили ҷараёни рушди фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ; санҷиши нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ (сатҳи шуғл, қаноатмандии аҳолӣ аз сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ); нишондиҳандаҳои экологии мавзеъ (вазъи муҳити

зист, таъсии фаъолияти сайёҳӣ ба захираҳои табиӣ); тамоюлоти рушди бозори сайёҳӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

*Натиҷаи баҳодиҳӣ:* 1) баланд (меъёрҳои дастгирӣ талаб карда намешаванд); 2) миёна (истифодабарии меъёрҳои маҳдуди таъсирот); 3) паст (дастгирии пурраи давлат муҳим мебошад).

3. Коркарди васоити баланд бардоштани истифодабарии самараноки сайёҳӣ-рекреатсионӣ:

– ҳамгироии тамоми тарафҳои иштирокунанда дар фаъолияти сайёҳӣ (операторҳо ва агентҳои сайёҳӣ, объектҳои сайёҳӣ ва дигар иштироккунандагони соҳа);

– ташкили хизматрасонии самаранок (ташкил намудани шурои назоратӣ оид ба рушди фаъолияти сайёҳӣ).

*Натиҷаи истифодабарии восита*:

– баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сайёҳӣ дар ҳудуди резерват;

– баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ ва объектҳои инфрасохтории минтақа;

– дастгирии объектҳои инфрасохтори минтақа;

– банақшагирии самаранок, пешгӯӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ, танзимӣ ва назорати фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ;

– афзудани шумораи объектҳои инфрасохторӣ ва баланд бардоштани сифати фаъолияти онҳо.

4. Баҳогузории натиҷаҳои истифодабарии механизми баланд бардоштани самаранокии истифодабарии иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии ҳудуди «*Резервати биосфери Ромит*».

Механизми истифодабарии иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии минтақа ду намуди самаранокии фаъолиятро таъмин менамояд:

*1) Самаранокии бевосита* – рушди устувори фаъолияти сайёҳӣ дар афзоиши шумораи меҳмонон, афзоиши даромади сайёҳӣ ва дигар тарафҳои дар ин фаъолият иштироккунада (операторҳои сайёҳӣ, агентҳои сайёҳӣ, объектҳои сайёҳӣ ва дигар иштироккундагони саноати сайёҳӣ), васеъ

намудани доираи хизматрасониҳои сайёҳӣ ва баланд бардоштани эътирофи ҳудуди резерват дар арсаи ҷаҳонӣ ҳангоми нигоҳ доштани он зоҳир мегардад.

2) *Самаранокии иловагӣ* – дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа тавассути рушди сайёҳӣ зоҳир мегардад, ки он дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади аҳолии маҳаллӣ ва буҷет, беҳбуди инфрасохтор ва беҳбуби сифати зиндагии иардуми маҳаллӣ ифода меёбад.

Татбиқи механизми баланд бардоштани самаранокии истифодабарии нерӯи сайёҳии «*Резервати биосферии Ромит*» барои иҷроиши вазифаҳои муҳимтарини муассиса мусоидат мекунад.

Механизми пешниҳодгардидаи мо амалишавии чаҳор марҳаларо дар назар дорад:

*Марҳалаи 1* – баҳогузории шароитҳои истифодабарии захираҳои сайёҳии минтақа;

*Марҳалаи 2.* – баҳогузории самаранокии истифодабарии захираҳои сайёҳии минтақавӣ;

*Марҳалаи 3.* – коркарди воситаҳои баланд бардоштани истифодабарии захираҳои сайёҳии минтақа дар асоси роҳи дифференсионӣ (фарқкунанда);

*Марҳалаи 4.* – баҳогузорӣ ба натиҷаҳои истифодабарии механизми баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои сайёҳии минтақа.

Ҳамин тариқ, баҳогузории мукаммал ва мунтазам имконияти муайян сохтани элементҳои асосии идоракунии фаъолияти сайёҳии экологиро аз тарафи роҳбарияти «*Резервати биосферии Ромит*», муассисаҳои сайёҳӣ, воситаҳои хурди ҷойгиркунонӣ дар минтақа, мақомотҳои минтақавии Ҳокимияти давлатӣ, институтҳои гуногун ва сохторҳо барои самаранок ба роҳ мондани дастгирии таъминоти захиравӣ (маблағгузорӣ, ташкил намудани кластерҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ) ва рушди ҳамкориҳои сайёҳии давлатиро фароҳам меоварданд. Бо мақсади баланд бардоштани сайёҳии экологии «*Резервати биосферии Ромит*» дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, рақобатпазирии маҳсулоти пешниҳодкардашуда, ташкил ва рушди устувори

намудҳои нави фаъолияти сайёҳӣ, воридсозии меъёрҳои муосири хизматрасонӣ дар фаъолияти сайёҳии экологӣ, маркетинги ҷаҳонӣ, таъминоти мантиқии муосир, таъминоти сайёҳии экологӣ ва намудҳои дигари шароит ва хизматрасониҳо имконият фароҳам меоварад.

Баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои сайёҳии «*Резервати биосферии Ромит*» таъсири мустақим ва иловагиро фароҳам оварда, дар баробари рушди минтақаи биосферӣ ва саноати сайёҳӣ, инчунин ба даст овардани манфиатҳои минтақавӣ ва давлатӣ оид ба баланд бардоштани рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро низ таъмин менамояд.

### 3.4. Роҳҳои ба нақшагирии самараноки фаъолияти сайёҳӣ ва модели вусъатбахши соҳа барои ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»*

Бо мақсади муфассал омӯхтани масъалаҳои вобаста ба рушди фаъолияти сайёҳӣ дар шароити ҳудудҳои ҳифзшавандаи табиат, ки он бо мақоми ҳифзшавандагӣ доштани объекти тадқиқотиамон вобатагӣ дорад, аз тарафи мо роҳҳои ба нақшагирии худуди табиати он (ба нақшагирии масъулиятноки экологии истифодабарии замин) таҳқиқ карда шуд.

Чунин намуди фаъолият барои қабул намудани қарори дахлдор оид ба рушд ва беҳтар сохтан ё рад намудани истифодаи ин ё он майдонҳои ҳудуди резерват шароит фароҳам меорад [95]. Барои амали намудани чунин амал, ҳамчун асос таҷрибаи таҳқиқоти васеъ ва байнисоҳавии даврони Иттиҳоди Шуравӣ, ки ҳанӯз дар солҳои 80-уми асри XX дар чаҳорчубаи Шурои илмӣ оид ба омӯзиши қувваҳои истеҳсолӣ (СОПС) истифода мешуд, ба инобат гирифта шуд. Барномаҳои таҳиягардидаи азхудкунии ҳудуд пояи асосии таҳқиқоти илмии мо дониста шуд.

Усули методологии азхудкунии ҳудуди сайёҳӣ-рекреатсионии мавзеъ дар асоси баҳогузории иқтидори сайёҳии ҳудуди резерват вобаста ба дараҷаи гуногуни ғунҷоиши хоҷагӣ дар истифодабарии нерӯи сайёҳӣ-рекреатсионӣ сурат гирифтаст.

Ҳангоми таҳқиқот афзалият ба омилҳои асосии зерин: шароитҳои табиӣ-экологӣ, муҳити ҳукуқӣ, азхудкунии воқеии сайёҳӣ ва вазифаҳои мавҷудаи хоҷагидории ҳудуд дода шуд

Бо ин мақсад минтақабандии ҳудуд гузаронида шуда, тақсимоти ҳудуди резерват мувофиқи имконияҳои истифодабарии сайёҳӣ-рекреатсионии ҳудуд муайян карда шуд.

I. Минтақае, ки дар ҳудуди он мақсадҳои рушди сайёҳӣ бо ҳадафи ҳифзи арзишҳои муҳити табиат дар якҷоягӣ гузаронида мешаванд;

II. Минтақае, ки дар ҳудуди он истифодабарии захираҳои рекреатсионӣ ва дигар намудҳои он дар якҷоягӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҷо асосан заминҳои фонди ҷангал воқеъ гаштаанд.

III. Минтақае, ки дар ҳудуди он фаъолияти сайёҳӣ омили рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Дар ин минтақа маҳаллаҳои аҳолинишин, заминҳои корам, роҳи нақлиёт, алоқа ва таъиноти дигари махсус арзи вуҷуд дорад *(Расми 3.7).*



*Расми 3.7. Минтақабандии ҳудуди «Резервати биосфери Ромит»*

Дар ҷадвалҳои 3.2-3.4 типологияи ҳудуди «*Резервати биосфери Ромит*» бо мақсадҳои рушди сайёҳӣ-рекреатсионӣ нишон дода шудааст.

*Ҷадвали 3.2. Минтақае, ки дар ҳудуди он фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади ҳифзи арзишҳои муҳити табиат дар якҷоягӣ гузаронида мешавад*

| Намуди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ | Системаи муҳофизат | Таъиноти мақсаднок |
|---|---|---|
| Сайёҳии маърифатпарварӣ<br>Сайёҳии омузишӣ | Ташрифи ҷиддӣ танзимшаванда | Ҳифзи экосистемаи кухӣ дар вазъияти табиӣ |
| Сайёҳии деҳот<br>Сайёҳии таърихӣ-фарҳангӣ | Ҳифз ва ташкил намудани муҳити саҳеҳ ва намудҳои анъанавии хоҷагӣ, ҷалб кардани аҳолии маҳаллӣ ба сайёҳӣ (ба сифати субъектҳои иқтисодии фаъолияткунанда) | Рушди намудҳои анъанавии хоҷагӣ, ҷобаҷокунӣ дар хонаҳои шахсӣ, истиқоматгоҳҳои миллӣ, ташкил намудани низоми намоиши фарҳангӣ ва таърихӣ-этнографӣ, чорабиниҳои нақшавӣ ва оммавӣ |
| Сайёҳии экскурсионӣ<br>Сайёҳии табиии омӯзишӣ | Ташрифи ҷиддӣ танзимшаванда | Таъминоти вазифаҳои ичтимоӣ-иктисодии ҳудудӣ |
| Сайёҳии омӯзишӣ<br>Сайёҳии экологӣ<br>Рекреатсия дар шароити табиат | Ҳифз намудани хусусиятҳои рекреатсионии мавзеъ ва барқарор кардани экосистемаи табиии кӯҳӣ | Рушди инфрасохтори махсуси сайёҳии экологӣ: самтҳои сайёҳии ташкилшуда ва пайраҳаҳои экологӣ, ҷойҳои ҷобаҷокунии муввақатии сайёҳон (хаймавӣ, юртавӣ ва ғ.) |
| Истироҳати оммавӣ ташкил кардашуда | Ташкил намудани шароит барои истироҳати оммавӣ | Рушди инфрасохтори махсуси сайёҳии экологӣ – майдонҳои назоратӣ, осорхонаҳо, марказҳои ташрифотӣ-маълумотӣ, категорияҳои гуногуни нуқтахои ҷобаҷокунӣ |
| Тарбияи экологӣ ва истироҳати беҳдошти саломатӣ | Истифодабарии маҳдуд, ташрифи муввақатӣ ба ҷойҳои махсуси муҷаҳҳаз ва омодакардашуда | Ҳифзи мавзеҳои нодир ва махсуси табиӣ ва объектҳои олами набототу ҳайвонот |
| Сайёҳии экскурсионӣ<br>Сайёҳии таърихӣ-фарҳангӣ<br>Сайёҳии омӯзиши табиат | Истифодаи бонизом. Ташрифи муввақатӣ | Таъмин намудани дастрасӣ ба ҷойҳои дарёфти объектҳои мероси таърихӣ-фарҳангӣ, маърифатӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ. |

*Ҷадвали 3.3. Мавзеъҳое, ки барои гузаронидани фаъолияти рекреатсионӣ дар якҷоягӣ бо дигар намудҳои фаъолияти сайёҳӣ мусоид мкбошанд*

| Намуди ҳудуд | Намуди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ | Системаи муҳофизатӣ | Таъиноти мақсаднок |
|---|---|---|---|
| Заминҳо барои хоҷагии қишлоқ таъиншуда | Сайёҳии деҳотӣ | Истиқомати доимӣ бо ҷобаҷокунӣ дар хонаҳои деҳот. | Ҳифз ва таҷдиди намудҳои анъанавии хоҷагӣ. |
| Заминҳои фонди ҷангал | Сайёҳии экологии фаъоли омӯзишӣ, истироҳатӣ, табобатӣ, беҳдошти саломатӣ | Табиатистифодабарии маҳдуд. Истироҳатӣ муоличави-табобатӣ ва беҳдошти саломатӣ. Экосаёҳати фаъол ва табиӣ-омӯзишӣ. Истиқомати муввақатӣ дар ҷойҳои махсуси барои истифодабарии рекреатсионии майдонҳои ҷангали ҷудошуда. Инфрасохтори экосайёҳӣ. Пайраҳаҳои сайёҳии экологӣ. | Ҳифзи захираҳои ҷангал, рушди хоҷагии ҷангалию боғӣ |

*Ҷадвали 3.4. Минтақае, ки дар ҳудуди он фаъолияти сайёҳӣ омили рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад*

| Нуқтаҳои аҳолинишин | Намуди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ | Системаи муҳофизат | Таъиноти мақсаднок |
|---|---|---|---|
| Нуктаҳои аҳолинишини деҳот | Истироҳати оммавӣ ташкилкардашуда, сайёҳии деҳот ва фарҳангӣ-таърихӣ, этнографӣ | Истиқомати доимӣ бо ҷобаҷокунӣ дар хонаҳои деҳот, пойгоҳи сайёҳӣ ва мехмонхонҳо | Рушди инфрасохтори сайёҳии экологӣ, муҳофизати деҳаҳо, бо кор таъмин намудани аҳолии маҳаллӣ, рушди шиддатнок, ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба фаъолияти ичтимоӣ-иктисодӣ, ҷоннок намудани фаъолиятҳои хизматрасонӣ дар муассисаҳо, ҷобаҷокунии маҳсулоти хуроквории аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ғ. |

Ҷанбаҳои калидии ба минтақа ҷудокунии ҳудуди резерват дар ҷудо намудани мавзеҳои алоҳидаи сайёҳӣ-рекреатсионӣ зоҳир мегардад. Бо назардошти аҳамияти молиявӣ-иқтисодии мавҷудбуда, инчунин хусусияти истифодабарии мавзеи сайёҳӣ-рекреатсионӣ бо маҳдудияти амалкунандаи ҳифзи муҳити табиат аз тарафи мо худудҳои мақсаднок ҳамчун дурнамои рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ ҷудо гардидаанд.

Дар географияи табиӣ чунин тақсимот принсипи таъсироти меъёрӣ ва маҷмааҳои табиӣ дониста мешаванд [39]. Моҳияти асосии он омӯзиши механизми таъсиррасонӣ ба маҷмааҳои табиии ҳудуди резерват бо назардошти тамоюли рушди фаъолияти сайёҳӣ ва истифодабарии устувори захираҳои захираҳои сайёҳии мавзеъ маҳсуб меёбад.

Бо мақсади рушди фаъолияти сайёҳӣ, ба даст овардани натиҷаҳои на он қадар баланди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва ҳифзи муҳити гирду атрофи ҳудуди резерват корҳои омӯзишӣ ба роҳ монда мешавад. Бо ин роҳ, аз тарафи мо механизми воридшавии заминҳои ҳудуди резерват ба доираи ҳуқуқии он пешниҳод гардид, ки дар он ҷо объектҳои сайёҳӣ мутамарказ шудаанд. Ҳамзамон, нақшаҳои устувори дурнамо барои ташаккули объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ, пеш аз ҳама объектҳои ҷобаҷокунӣ ва хизматрасонӣ барои сайёҳон ва рекреантҳо тартиб дода шуд. Чунин амал ҷавобгӯи тамоми меъёрҳои давлатӣ ва байналхалқӣ ва талаботи қонун ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ буда, он бо назардошти масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ва экологии ҳудуди резерват, ки дар ташкил намудани фаъолияти сайёҳӣ ва истироҳат захираҳои табииро пешниҳод менамояд, амали мегардад.

Чунин роҳи ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳифзи табиии аз тарафи С.В.Рященко [43, 109] барои мавзеи кӯли Байкал пешниҳод гардид, ки ин омил натиҷабахш буда, дар олами сайёҳӣ мусбӣ эътироф гардидааст. Усули методологии ҳалли ин масъала тавассути методи пешниҳодгардидаи О.В.Евстропьев ва дигарон [86] иҷро гардид.

Раванди банакшагирии фаъолияти сайёҳӣ бо назардошти иқтидори табиии мавзеъ, дар асоси ду меъёр сурат гирифт:

1. Мувофиқатии фаъолияти сайёҳии экологӣ ва рекреатсионӣ бо вазифаҳои молиявӣ-иқтисодии ҳудуд;

2. Истифодаи воқеии ҳудуди сайёҳӣ-рекреатсионӣ.

Ҳамин тариқ, дар асоси амалишавии роҳи экологӣ-географии моделкунонӣ харитаи сайёҳии экологӣ ва рекреатсионии минтақаи резервати биосферӣ таҳия гардид, ки дар он тамоми объектҳои асосии сайёҳӣ ва

рекреатсионии табии худуди «*Резервати биосферии Ромит*» ишора карда шуданд *(Расми. 3.8).*




*Расми 3.8. Тақсимоти хоҷагидории ҳудуди “Резервати биосферии Ромит” барои ташкили намудҳои гуногуни фаъолияти экосайёҳӣ*

Харитаи сайёҳии экологӣ ва рекреатсионии таҳиягардидаи резервати биосферӣ қисми ҷудонашавандаи барномаи рушди устувори ин мавзеъ маҳсуб меёбад, ки он на танҳо барои сайёҳон дар сайру гашти мавзеи ин минтақа ҳамчун нақшаи масир хидмат мекунад, балки чун воситаи муассири маърифати экологӣ хизмат намуда ворид намудани он ба барномаи «*Талабот оид ба низоми маориф ва рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ ва рекреатсионии ҳудуди резерват*» муҳим арзёбӣ мегардад.

Фаъолияти минбаъда оид ба дохил намудани ин натиҷаҳо ба ҳуҷҷатҳои умумиминтақавӣ ва барномасозӣ бо назардошти декларатсияи минбаъади сохтори ҳудудии сайёҳии экологӣ ва рекреатсионӣ бо санҷиши доимии талаботи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва рушди онҳо амалӣ мегардад.

Мавқеи махсусро дар раванди таҳқиқот ба коркарди *модели (намунаи) вусъатбахши сайёҳии* экологӣ барои ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* дода шуд. Чунин амал барои амалишавии самараноки нақшаи фаъолият оид ба рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват ниҳоят муҳим мебошанд.

Бо мақсади ҳаллу фасл намудани мушкилоти мазкур баҳогузорӣ ба фаъолияти резервати биосферӣ, бо истифодабарии чунин омилҳо ва нишондиҳандаҳо, ба монандӣ: дараҷаи ҷаззобияти минтақа дар бозори байналхалқии сайёҳӣ, имкониятҳои ҳудуд ва минтақа барои қабул намудани сайёҳон, пешниҳод намудани хизматрасонии босифати сайёҳии экологӣ, вазъи рушди инфрасохтори соҳа, омилҳои ташаккулёбии гурӯҳи сайёҳон, муайян сохтани дараҷаи ҷалб гардидан ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, таҳлили нуқтаи назари мушоҳидон оид ба шаклҳои қабулгардида ва зарурияти рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди он, инчунин дар асоси маълумоҳое, ки дар ҷараёни сӯҳбат бо намояндагони мақомоти Ҳокимияти давлатӣ, аҳолии маҳаллӣ, соҳибкорони соҳаи сайёҳӣ, экологҳо ва иттиҳодияҳои илмӣ, баҳогузории таҳлилӣ дастрас гардиданд, дода шуд.
Чуноне ки маълум гардид, дар ҳудуди имрӯзаи «*Резервати биосферии Ромит*» масъалаҳои ҳалталаби зиёд дар байни роҳбарияти ҳудуди резерват ва аҳолии маҳаллӣ оид ба истифодабарии қитъаҳои замин мавҷуданд. Чунин даъво дар сурати ташкили фаъолияти аз ҷиҳати илмӣ асосноккарданашуда бо ташкилотҳои сайёҳие, ки дар ин ҳудуд фаъолияти худро оғоз менамоянд, сурат хоҳад гирифт.

Тарҳи ин сарҳадот аҳамияти ниҳоят фавқуллода дошта он омили муайянкунандаи на ин ки сарҳадоти минтақаи ҳифзи муҳити табиат, балки қонунӣ будани фаъолияти сайёҳиро дар ин мавзеъ таъмин месозад. Ин омил мушкилоти асосӣ дар коркарди модели минтақавии рушди сайёҳӣ-рекреатсионӣ, муайян намудани сарҳадоти амиқи ҳудуди резерват дониста шудааст. Он дар ташаккули пешниҳодот оид ба ҷудо намудани минтақаҳои махсус барои рушди сайёҳӣ калидӣ буда, то ба имрӯз дар ҳуҷҷатҳои ба нақшагирии минтақавии ҳудудҳои сайёҳӣ ҷудо карда нашудааст.

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло, модели рушди босуботи соҳаи сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» коркард карда шуда, ки он ба таври мувозеҳ ҷудошавии минтақавии сайёҳии оммавӣ ва экологиро бо назардошти шароитҳои мухталифи хоҷагӣ-иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити табиат ба инобат мегирад *(Расми 3.9).*




*Расми 3.9. Модели (намунаи) вусъатбахши сайёҳии экологӣ барои ҳудуди «Резервати биосферии Ромит»*

### 1. Дараҷаи ҷолибияти ҳудуд

Ҳудуди “Резервати биосферии Ромит” барои фаъолияти сайёҳӣ рекреатсионӣ аз ҳама ҷиҳат минтақаи ҷолиб мебошад. Мавҷудияти минтақаҳои ҷолиби табиӣ, экосистемаҳои гуногуни табиат, мавзеъҳои табиии нотакрор, иқлими мусоид ва сатҳи баланди тозагии экологӣ ин қаламравро барои рушди намудҳои гуногуни фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ, бахусус сайёҳии экологро ҷолиб мегардонад.

### 2. Имкониятҳои минтақа барои рушди туризми экологӣ

Табиати “*Резервати биосферии Ромит*” дар самтӣ сайёҳии экологӣ дорои шароитҳои гуногуни диққатҷалбкунанда, ҳамзамон захираҳои бой ва гуногунранги бебаҳо барои ташкили самараноки сайёҳӣ-рекреатсионӣ доро мебошад (маълумоти бештар дар боби 2).

### 3. Ҳолати инфрасохтори объект, ғизо ва манзил

Мувофиқи баҳодиҳии мо ба инфрасохтори сайёҳӣ-рекреатсионӣ бо назардошти имконияти яквақтаи истиқомат, таъминот ва гардиши хуроки сайёҳон бар души аҳолӣ, шумораи муассисахои фароғатӣ, муомилоти моли чаканафурушӣ ба ахолӣ наонқадар хуб тараққӣ кардааст. Рушди самараноки он метавонад танҳо бо назардошти афзалияти маҳдудиятҳои экологӣ сурат

гирад ва дар сатҳи қонеъ гардонидани талаботи сайёҳон бояд омилҳои зикргардидаро ба инобат гирад.

### 4. Сатҳи рушди сайёҳии экологӣ

Инҷо тадбирҳое ба инобат гирифта мешавад, ки ба таъмини фуруши маҳсулоти сайёҳӣ дар ҳудуди резерват бо назардошти реҷаи муқарраршудаи ҳифзи махсус ва таъмини сатҳи бехатарии фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ нигаронида шудаанд. Аз ин нуқтаи назар, дараҷаи инкишофи фаъолияти сайёҳии экологӣ дар худуди резервати биосферӣ айни ҳол дар зинаҳои аввали инкишоф қарор дорад. Барои рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ шароитҳои асосӣ қариб вуҷуд надоранд ва кор дар ин самт аз рӯи принсипҳои бесарусомонӣ сурат мегирад. Рушди сайёҳии экологӣ бояд бо назардошти иҷрои вазифаи асосии ҳудудҳои муҳофизатшаванда, яъне. ҳифзи маҷмааҳои табиӣ, ноил шудан ба мақсадҳои таълими экологӣ ва ба даст овардани таъсири рекреатсионӣ равона гардида бошад. Ба рушди чунин намудҳои фаъолиятҳои сайёҳӣ бояд диққати махсус зоҳир намуд, зеро дар заминаи онҳо намудҳои асосии рекреатсия; фаъолият дар табиат, истифодаи самараноки захирахои табиӣ ва муоширати зинда бо табиат асос ёфтааст.

### 5. Таҳияи хатсайрҳои сайёҳии экологӣ

Мутаассифона, дар ҳудуди резерват хатсайрҳо ва пайроҳаҳо аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда вуҷуд надорад. Дар айни замон, таъсиси хатсайру пайроҳаҳои экологӣ яке аз самтҳои асосии идоракунии оқилонаи муҳити зист ва рушди устувори сайёҳӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад. Дараҷаи истифодабарии оқилонаи объектҳои сайёҳӣ, таъсири бенуқсон ба муҳити зист ва ландшафтҳои табиӣ, дараҷаи устувории экосистемаҳо ва ҳифзи манзараҳо (ландшафтҳо) – и табиӣ бештар аз самаранокии хатсайрҳо вобастагӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки минтақаи махсус ҷудошуда, ки дар он хатсайрҳои сайёҳии экологӣ ва пайроҳаҳои экскурсионӣ бо давомнокии гуногун ташкил карда шудаанд, онҳо бояд дорои омилҳои зерин бошанд; майдончаҳои мушоҳидавӣ, лагерҳои фароғатӣ, стендҳои иттилоотӣ бо шиорҳои ҳифзи табиат, ки онҳо ҳаракати боэътимод ва бехатариро дар

минтақаҳои табиӣ таъмин менамоянд. Дар айни ҳол, яке аз ҷузъҳои асосии соҳа ин: таҳияи хатсайру пайроҳаҳои илман асоснокардашуда, таҳияи роҳнамо вабаста ба объектҳои (экосистемаҳои кӯҳӣ, ландшафтҳои табиӣ, гуногуннамудии олами набототу ҳайвонот ва ёдгориҳои табиӣ) ва дигар ҷойҳои ҷолиб сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба шумор меравад. Мутахассисони соҳаро зарур аст, ки хатсайрҳои экологиро мувофиқи давомнокӣ ва намудашон (илмӣ, таърихӣ, фаъол ва ғ.) алгоритми хатсайрҳои экологиро бо назардошти идоракунии оқилонаи муҳити зист ва истифодаи самараноки иқтидори туризми экологии минтақа таҳия намоянд.

### 6. Сатҳи таъмини кадрии (сайёҳии экологӣ) ҳудуд

Норасогии кадрҳодар соҳаи сайёҳӣ дар ҳудуди “*Резервати биосферии Ромит”* ва паст будани дараҷаи касбии кормандони резерват дар фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва рушди босамари он мушкилотҳои зиёдро ба миён меорад. Барои маъмурияти резерват зарур аст, ки дар мадди аввал ба тайёр намудани кадрҳои соҳаи сайёҳии экологӣ чораҳои мушаххас андешанд. Маҳз норасогии мутахассисони сохибихтисос мушкилоти асосии рушди сайёҳии экологро дар худуди резерват ба миён меорад. Кадрхои сохибихтисос дониш, маҳорат ва малакаи махсусро талаб намуда, омили муҳими рушди хизматрасонии босифат дар фаъолияти сайёҳии экологӣ маҳсуб мешаванд. Махсусан норасогии менеҷерони (идоракунандагон) ва роҳбаладони касбӣ (фаннӣ) (ботаникҳо, зоологҳо, геологҳо, муаррихон, экологҳо, фарҳангшиносон ва ғ.), операторони сайёҳӣ, мутахассисони соҳаҳои эҷодӣ (дизайнерҳо, суратгирҳо), кормандони соҳаи хизматрасонӣ ва нигоҳдорӣ эҳсос мегарданд, ки талабот ва дигар мушкилоти марбут ба сафар ва истироҳати сайёҳонро таъмин мекунанд, эҳсос мегарадад. Аз ин лиҳоз, бинобар тағйир ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии соҳа чораҳои таъҷилӣ дидан зарур аст. Мутахассисони соҳа бояд мувофиқи талаботу меъёрҳои бозори байналхалкӣ омода карда шаванд. Ҳалли мушкилоти болозикргардида ба беҳтар гардидани сифати ташкили фаъолияти сайёҳии

экологӣ дар ҳудуди резерват ва пурзӯр намудани масъулият ба ҳифзи мероси табиӣ барои наслҳои оянда мусоидат мекунад.

### 7. Иштироки аҳолии маҳал дар татбиқи барномаҳои сайёҳии экологӣ

Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки муносибати аҳолии маҳаллӣ нисбат ба реҷаи минтақаи ҳифзшаванда, истифодаи анъанавии заминҳои хоҷагидорӣ ва сарватҳои табиӣ мушкилотҳои зиёдро ба миён меорад. Барои ҳалли чунин мушкилот зарур аст, ки аҳолии маҳаллӣ ҳар чӣ бештар ба татбиқи барномаҳои сайёҳии экологӣ ҷалб карда шаванд. Ба роҳ мондани фаъолияти самаранок дар ҳаллу фасли нақшаҳои  барномавии рушди соҳаи сайёҳӣ-экологӣ воситаи муҳимтарини ҷуброни маҳдудияти фаъолияти иқтисодии муқаррарии аҳолӣ  хоҳад гашт.

Ҳамзамон, ин барномаҳо метавонанд сабаби ҳавасмандкунии иҷтимоию иқтисодиро фароҳам оварда, ба ин васила аҳолии маҳаллиро ба идоракунии устувори муҳити зист ва фаъолиятҳои экологӣ ҷалб намояд.

### 8. Дараҷаи ҷалби сайёҳии экологӣ дар ҳифзи табиат

Илман исбот шудааст, ки ташкили оқилонаи фаъолияти сайёҳии экологӣ имкони дастгирии воқеии молиявии чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани аҳамияти минтақаҳои табииро, ки дар шакли аввала нигоҳ дошта мешаванд, таъмин кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, таҷрибаҳо исбот кардаанд, ки муваффақияти чорабиниҳои фаъолияти экосайёҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки асоси тадбирҳо «манъкунанда» набуда, балки онҳо ба манфиатҳои дуҷониба (аҳолии маҳаллӣ ва минтақаи ҳифзшаванда) равона мешаванд. Бинобар ин, мутахассисони соҳаро лозим аст, ки ба таҳияи барномае даст зананд, ки аҳолии маҳаллӣ дар он ҳамчун шарики амалигардондани чорабиниҳои экологӣ шомил гашта, барои онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок бошад. Ҳалли ин мушкилот яке аз омилҳои асосӣ дар рушди сайёҳии экологӣ дохил карда шудааст.

### 9. Нақши сайёҳии экологӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии минтақа

Бо вуди номунтазам ва суст ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳии минтақавӣ дар бораи таъсири он ба  ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ далелҳои

ҷиддӣ овардан душвор аст. Аммо аз ҷиҳати бехатарӣ (расонидани ёрии аввалин, сари вақт аз ҷойҳои хавфнок кӯчонидани сайёҳон ба минтақаҳои бехавф, дар пайроҳаҳои экологӣ расонидани ёрии аввалини тиббӣ, алоқаи дастрас бо хадамоти наҷотдиҳӣ, сатҳи рушди бозор ва инфрасохтори иҷтимоӣ) дар ин самт корҳо идома дорад. Ташкили самараноки фаъолияти сайёҳӣ метавонад на танҳо иқтисодиёти кишварро ба зинаҳои нав барорад, балки ба тамоми ҷанбаҳои рушди ҳудудию минтақавӣ, беҳбудии инфрасохтори иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти ҳифзи табиат таъсири мусбат расонад.

## 10. Равишҳои инноватсионӣ

Ҷанбаи муҳими рушди устувори сайёҳии муосир, ин таҳия ва татбиқи равишҳои нави инноватсионӣ ва роҳҳои ҳалли ғайристандартии рушди сайёҳии экологӣ ба ҳисоб меравад. Раванди ташаккули сайёҳии «устувор», ва «аз ҷиҳати экологӣ тоза» шаклҳои технологии ташкили фаъолияти экосайёҳӣ маҳсуб ёфта он барои пешбурди дастовардҳои навтарини пешравии илми-техникӣ, аз чумла: ба татбиқи принсипи технологияи бепартов, истифодаи устувори мероси табиӣ ва фарҳангӣ, такмили раванди экологӣ ва маърифати экологӣ равона шудааст. Чунин муносибатҳо нисбат ба ҳудуди резерват, гарчанде аз нигоҳи назариявӣ каму беш инкишоф ёфта бошанд ҳам, аммо дар амал то ҳол табиқ нашудаанд.

## 11. Асосҳои меъёрӣ-хуқуқӣ

Сайёҳии муосири экологӣ дар марзи ҲТММ, ки дар он бархӯрди манфиатҳои соҳаи сайёҳӣ, ташкилотҳои экологии соҳаи сайёҳӣ, (ташкилотҳое, ки ба анҷом додани фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ манфиатдоранд) ва ҷамоатҳои маҳаллӣ, ки қисми зиёди сарҳадҳои минтақаи муҳофизатшаванда дар тобеияти онҳо воқеъ аст, ба инобат гирифтанаш зарур мебошад, ки дар ин кор нақши базаи асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бениҳоят калон аст. Чунин базаи ҳуқуқӣ на танҳо барои доираи ҷумҳуриявӣ, балки барои субъектҳои алоҳидаи минтақавӣ аз руи хусусиятҳои минтақаҳои алохида коркард бояд шавад. Ҳудуди “*Резервати биосферии Ромит*” пас аз

таъсисёбии маҳалҳои аҳолинишин ва тағйир додани мақоми он аз “мамнунгоҳ” ба “резервати биосферӣ” заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ такмил наёфта, баъзе нуқтаҳои алоҳидаи аз рӯи маъни хусусияти мухолифатдошта, то ҳоло боқӣ монданд. Аз ин лиҳоз, барои пешгирии ҳолатҳои баҳсбарангез дар рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ зарур аст, ки бо дарназардошти хусусиятҳои ҳудудӣ ва вазъи кунунӣ дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои муосири меъёрии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти сайёҳии экологиро дар асоси принсипи рушди устувор танзим медиҳад, таҳия ва тасдиқ карда шаванд. Қайд кардан зарур аст, ки заминаи меъёрии ҳуқуқии усулҳои идоракунии муҳити зисти соҳаи сайёҳии экологӣ ба стандартҳои умумиҷаҳонӣ, ки аз тарафи ТБС пешниҳод карда шудаанд, пурра мувофиқат намекунад, аз барои ҳамин барои мутахассисони соҳа зарур аст, ки ҳарчи бештар ба таҳияи заминаи ҳуқуқии сайёҳии экологӣ ҳам дар ҳудуди резерват ва ҳам дар миқёси ҷумҳурӣ машғул шаванд. Инчунин бояд қайд намуд, ки барои ташкил намудани фаъолияти устувор ва рақобатпазири сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват қабул намудани як қатор барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла: Стратегияи рушди ҳудудии “*Резервати биосферии Ромит”* зарур мебошад.

## 12. Таҳияи нақшаи генералии рушди сайёҳии экологӣ

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, зарур шуморидем, ки нақшаи генералӣ оид ба рушди соҳаи сайёҳии экологии ҳудудиро таҳия намоем. Чунин нақша ба мо имконият медиҳад, ки минтақаҳои банақшагирифташудаи объектҳои асосии сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар ҳудуди резервати биосферӣ бо назардошти талаботи экологӣ ва хусусиятҳои табиӣ ба таври оптималӣ муайян карда шаванд.

Нақшаҳои генералии рушди сайёҳии экологӣ бояд масъалаҳои муҳимтарини идоракунии фаъолияти сайёҳиро дар ҳудуди резерват, аз ҷумла: муайян намудани меъёри муайяни сайёҳон, намудҳои сайёҳӣ, бо назардошти имкониятҳои экологии ҳудуд; ташкили ҳамкории самарабахш байни ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор: маъмурияти резерват, операторҳои сайёҳӣ ва аҳолии

маҳаллӣ; нигоҳ доштани тавозуни табиӣ тавассути мониторинг ва кам кардани таъсири манфии соҳаи сайёҳӣ, баланд бардоштани маърифати экологии сайёҳон ва сокинони маҳаллиро фарогир бошад.

Бо дарназардошти арзёбии сатҳи ҷолибияти қаламрави "*Резервати биосферии Ромит*", ки аз рӯйи 12 аломат ва 10 система анҷом дода шудааст, дар умум 3,1 холро ташкил намуд *(ҷадвали 3.5).*

| **Гурӯҳи омилҳо** | **Ҷамъи холҳо** |
|---|---|
| Дараҷаи ҷолибияти ҳудуд | 10 |
| Имкониятҳои минтақа барои рушди сайёҳии экологӣ | 10 |
| Ҳолати инфрасохтори объект, ғизо ва манзил | 5 |
| Сатҳи рушди сайёҳии экологӣ | 2 |
| Таҳияи хатсайрҳои сайёҳии экологӣ | 1 |
| Сатҳи таъмини кадрии (туризми экологӣ) ҳудуд | 0 |
| Иштироки аҳолии маҳал дар татбиқи барномаҳои сайёҳии экологӣ | 2 |
| Дараҷаи ҷалби сайёҳии экологӣ дар ҳифзи табиат | 2 |
| Нақши сайёҳии экоэкологӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии минтақа | 3 |
| Равишҳои инноватсионӣ | 1 |
| Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ | 2 |
| Таҳияи нақшаи генералии рушди сайёҳии экологӣ | 0 |
| **Дар умум** | **3.1** |

Ҷадвалӣ 3.5. Арзёбии сатҳи ҷолибияти ҳудуди "*Резервати биосферии Ромит*"» *(бо системаи 10 хола)*

Роҳҳои пениҳодгардидаи банақшагирии самараноки фаъолияти сайёҳӣ ва модели вусъатбахши рушди соҳа барои ҳаллу фасли мушкилот-ҳои умумии соҳаи сайёҳӣ ва коркарди заминаи илмӣ-амалии он мусоидат намуда, он метавонад бо муваффақият барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар марзи дигар мавзеҳои ҳифзшавандаи ҷумҳурӣ самаранок истифода бурда шавад.

## Хулосаи боби сеюм

1. Таҳқиқи вазъи соҳаи сайёҳӣ бо роҳи пурсишномаҳои гурӯҳҳои гуногуни аъзоёни сохтори сайёҳӣ нишон дод, ки ҳамаи шахсони пурсидашуда, рушди сайёҳиро дар ҳудуди резерват равияи натиҷабахш арзёбӣ менамоянд. Дар раванди кор инчунин самтҳои имконпазири рушди ҳудудии сайёҳӣ нишон дода шуда, масъалаҳои асосии соҳаи хизматрасонии рекреатсионӣ-сайёҳӣ баҳогузорӣ карда шудаанд.

2. Бо мақсади ҷалб намудани шумораи зиёди сайёҳони экологӣ, махсусан аз хориҷи кишвар, таъмин намудани шумораи кофии воситаҳои гуногуни ҷобаҷокунӣ, мутахассисони соҳибкасб ва маҳсулоти гуногуни барои сайёҳон пешниҳодшаванда, инчунини бо дигар низоми муайян ба роҳ мондани чорабиниҳои маркетингӣ оид ба оммавигардонии ҳудуди резерват дар бозори сайёҳӣ муфид дониста шудааст. Самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳӣ инчунин зарурияти мувофиқат намудани меъёрҳо бо такмили мунтазами хизматрасониҳо, ҷорӣ намудани механизми инноватсионӣ, ҷустуҷӯйи мунтазами намудҳои нави ташвиқот, гурӯҳҳои нави муштариён ва механизмҳои нави баланд бардоштани сифати хизматрасониро талаб менамояд.

3. Баҳогузории умумии гузаронидашудаи мавзеъи резерват ба раванди бонизоми таъсиррасонӣ ба рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ, муайян сохтани элементҳои асосии идоракунии фаъолияти ҳудудии сайёҳӣ мусоидат намуда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии нерӯи сайёҳии ҳудуд, воситаҳои илман асоснокшуда пешниҳод менамояд. Инчунин, механизми баланд бардоштани самарнокии истифодабарии иқтидори сайёҳии минтақа, ки он маҷмуи объектҳои сайёҳии ҳудуди резерват ва принсипҳои идоракунии самараноки онҳо, андоза ва марҳалаҳои таъсироти байниҳамдигарӣ, воситаҳои таъсирот, ки барои расидан ба натиҷаҳои ниҳои зарур мебошад, таҳқиқ гардид.

4. Дар асоси моделҳои назариявии географияи рекреатсионӣ ва консепсияҳои географӣ омилҳое таҳлил карда шудаанд, ки зуҳуроти мунтазам дар марҳалаҳои гуногуни рушди сайёҳӣ дар ҳудуди резерват

доранд. Инҳо: *натиҷаҳои мутобиқшавӣ (адаптатсия); натиҷаи азхудкунӣ ва натиҷаи комулятивӣ.* Аз ин ҷиҳат, бо мақсади аз байн бурдани чунин натиҷаҳои экологӣ маъмурияти «*Резервати биосферии Ромит*» - ро зарур аст, ки барои танзими фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва рушди устувори ҳудуди резерват меъёрҳои илман асоснокшударо коркард намояд.

5. Механизми баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои сайёҳии минтақа, ки муносибати маҷмӯӣ, аз ҷумла инвентаризатсия ва арзёбии мавзеҳои сайёҳӣ, таҳияи нақшаҳои оптималии идоракунии онҳо ва таҳлили робитаҳои байни ҷузъҳои гуногуни сайёҳиро дар бар мегирад, коркард карда шудааст.

6. Барои баланд бардоштани самаранокии рушди фаъолияти сайёҳӣ дар асоси усули экологӣ-географӣ моделкунонӣ харитаи минтақаҳои сайёҳии экологӣ ва рекреатсия таҳия шудааст, ки дар он мавзеҳои дорои неруи бештари сайёҳии экологӣ дошта нишон дода шудааст.

7. Модели (намунаи) вусъатбахши ҳудудии сайёҳии экологӣ таҳиякардашуда, ҳамчун таҷрибаи иҷтимоӣ-экологӣ барои таъмин намудани амалишавии самараноки нақшаи фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват муҳим буда, он имконоти потенсиалӣ дар рушди инноватсия, маҳдудияти минтақавӣ ва экологии сайёҳиро бо назардошти шароитҳои молиявӣ-иқтисодӣ ва табиӣ баробар ба инобат мегирад.

# БОБИ 4. ДУРНАМОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҲУДУДИ *«РЕЗЕРВАТИ БИОСФЕРИИ РОМИТ»*

## 4.1. Мушкилоти асосии соҳа

Сайёҳии муосир – намуди фаъолиятест, ки амалишавии он ҳалли маҷмуи масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ҳатто сиёсиро тақозо менамояд [72]. Дар ин маврид, қисмати асосии моҳияти муосири фаъолияти сайёҳӣ, ин ҳаракати инсон мебошад, ки он имконият медиҳад, то мақсади истифодабарии устувори захираҳо ва рушди устувори ҷамъият монеаҳои мушкилии географиро паси сар намояд.

Табиати «*Резервати биосферии Ромит*» яке аз мавзеҳои беҳамто ва яке аз платформаи беҳтарин барои татбиқи ҳадафҳои рушди устувор ва аз ҷиҳати экологӣ бехатари истифодабарии табиат муҳим мебошад. Дар ин ҷо, табиат чунин шароитҳоеро фароҳам овардааст, ки ҷанбаҳои зиёди он барои истифодабарии омилҳои дар самти сайёҳӣ-рекреатсионӣ мувофиқ ва мусоид мебошад: мавқеи географии манфиатбахш, муҳити атрофи нигоҳдошташуда, боигарии захираҳои табиӣ, мероси гаронбаҳои табиӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ бо имкониятҳои баланди воқеӣ ва ғайра. Аз ин рӯ, ба туфайли омилҳои зикргардида, солҳои охир ин минтақа ҳамчун объекти диққатҷалбкунандаи сайёҳони ватаниву хориҷӣ гардидааст.

Чи тавре, ки  таҷрибаи пешрафтаи сайёҳии муосир нишон медиҳад, барои рушди самараноки фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ ба ғайр аз захираҳои сайёҳӣ,  инчунин мавҷудияти дигар шароитҳои дар раванди рушди он зарур буда, муҳим дониста шудааст.

Новобаста аз он, ки солҳои охир аз тарафи роҳбарияти минтақа  ва ҷумҳурӣ ба рушди фаъолияти сайёҳии ин мавзеъ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, самти маблағгузории он чандин маротиба баланд бардошта шудааст, аммо аз лиҳози илмӣ-тадқиқотӣ ин ҳудуд то кунун дар канор мондааст. Аз ҳамин лиҳоз, мавзеи мазкур то ҳоло имконият надорад, ки ҳамчун пойгоҳи мустаҳкам барои рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ хизмат намояд.

Таҳлили вазъи соҳаи сайёҳии ҳудуди резерват, ки солҳои охир аз тарафи мо гузаронида шудаанд, нишон дод, ки омилҳои тариқи манфӣ

таъсиррасонанда ба рушди сайёҳии экологӣ хеле гуногун буда, паҳлуҳои мухтариф дорад. Ба қатори омилҳои нисбатан асосӣ мо омилҳои зеринро дохил намудем:

- Мавҷуд набудани механизмҳои натиҷабахш ва моделҳои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват, ки имконияти исбот сохтани мустақилият ва самаранокии худро дар шароитҳои бозори муосир дорад. Ҳаллу фасли самараноки ин масъала ташкил намудани шароитҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди сайёҳии экологиро талаб менамояд. Инчунин, бо роҳи ҳатмӣ ворид сохтани таҳрир ва таъминоти меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барои ташкил намудани муҳити солим ва мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, барои муттаҳид сохтани тамоми соҳаҳои ба фаъолияти сайёҳӣ алоқаманд ва таъминоти умумии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро тақозо менамояд.
- Мавҷуд набудани маркази танзимкунандаи самараноки амалкунандаи фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар сатҳи давлатӣ, минтақавӣ ва ҳудудӣ.
- Мавҷуд набудани ҳисоботи оммавӣ дар бораи фаъолияти сайёҳии мавзеи «*Резервати биосферии Ромит*» дар сомонаи резерват. Ин амал барои тартиби босаводонаи нақшаи рушди стратегии ҳудуди резерват ва саривақт чораҷӯйӣ намудан оид ба ҳифзи сайёҳон ва бартараф сохтани фалокатҳои экологӣ мамоният мерасонад. Чунин муомила имконияти коркарди даромадҳои воқеӣ аз фаъолияти экологӣ-таълимӣ ва сайёҳиро дар ҳудуди резерват аз байн мебарад. Оқибати ин амал ба тақсимоти таъсирнопазири даромадҳо, ки бояд барои ҳалли масъалаҳои ҳифзи табиат, рушд ва дастгирии инфрасохтори зарурии сайёҳии экологӣ, таълимоти экологии аҳолӣ ва омӯзиш дар самти ҳифзи муҳити табиат сарфа шаванд, оварда мерасонад.
- Муаррифӣ ва пешбарии нокифояи шароитҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ, объектҳо, маҳсулоти сайёҳӣ, ҳатсайрҳои сайёҳии экологии ҳудуди резерват, ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи бозори сайёҳии байналхалқӣ.

- Набудани сохтори махсусгардонидашудаи сайёҳӣ (инфрасохтори сайёҳӣ), ки фаъолияти сайёҳии ҳудуди резерватро танзим намуда, тавассути ташкил ва пешниҳод намудани маҳсулоти рақобатпазирӣ сайёҳӣ, ташкили хатсайрҳои тулонӣ, ки ба воситаи сайрҳои экскурсионӣ ҷолибияти ин мавзеъро барои сайёҳон муаррифи намоянд.

- Шуурнокӣ ва маърифати пасти экологӣ ва сайёҳии аҳолии маҳаллӣ. Ин вазъият ба он оварда расонд, ки аҳолии маҳал ва мақомоти маҳаллии Ҳокимияти давлатӣ захираҳои табиии «*Резервати биосферии Ромит*»-ро ҳамчун сарчашмаи иловаии даромади ройгон истифода бурда истодаанд.

- Дараҷаи пасти малакаи тахассусии кормандони резерват. Аз сабаби дуруст дарк накардани моҳияти умумии назариявии фаъолияти сайёҳӣ, бисёр амалиётҳои онҳо, аз ҷумла: истифодабарии табиат дар асоси принсипи рущди устувор дар фаъолияти сайёҳӣ, ташкили маҳсулоти рақобатпазири сайёҳӣ, хатсайрҳои ҷолиби сайёҳӣ, сифатнокунии сайрҳо ва пешниҳоди сатҳи баланди хизматрасониҳо, ки ба рақобатпазирии он дар бозори ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонад.

- Мавҷуд набудани хатсайрҳо, пайроҳаҳои сайёҳии экологии мувофиқи талаботи ҳуҷҷатҳои регламентии таҷҳизонидашуда, дидбонгоҳҳои назоратӣ ва дигар воситаҳо бо дарназардошти системаи ҷобаҷокунии маҷмааи рекреатсионӣ.

- Мавҷуд набудан ё сатҳи пасти шароити инфрасохтори сайёҳии экологӣ (шароитҳои зист, таъминоти хурок, воситаҳои нақлиёт). Дастрас набудани маълумоти махсуси тахассусӣ дар бораи захираҳои резерват, масалан: намудҳои растаниҳо ва ҳайвонот бо эзоҳот, номгӯйи намудҳои эндемикии нодир ва дар холати нестшавӣ карордоштаи набототу ҳайвонот ва ғайра.

- Механизмҳои муайянсозии фаъолияти рекреатсионии имконпазир ва мониторинги натиҷаҳои сайёҳии экологӣ муқаррарнашуда.

- Мавҷуд набудани маводҳои иттилоотӣ-ташвиқотии босифат ва имконоти баромадан ба бозори байналхалқӣ.

- Мавҷуд набудани маҳсулоти сайёҳии махсуси худдии ташкилкардашуда дар резервати биосферӣ.
- Коркарди нокифояи базаи меъёрӣ-ҳуқуқии ба ҳифзи муҳити табиат ва истифодаи захираҳои ҳудуди резерват алоқамандбуда.
- Маблағгузории нокифоя барои резерват бахри нигоҳ доштан ва азнавкунии пайроҳаҳои экологӣ, осорхонаҳо, дидбонгоҳҳои назоратӣ ва дигар таҷҳизоти муҳим барои гузаронидани фаъолияти гуногуни сайёҳии экологӣ.

Албатта, омилҳои дар боло овардашудаи ба рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ таъсири манфӣ расонида бо ҳамин хотима намеёбанд. Ба ҳар ҳол, вақте ки сухан дар бораи рушди соҳаи сайёҳӣ ва пешниҳоди ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» ҳамчун объекти сайёҳии экологӣ меравад, муаррифии нопурра ва ба таври зарури ташкилнашуда, захираҳои бой ва хоси сайёҳии экологии ин ҳудудро муҳим арзёбӣ намекунад.
Инчунин, ба роҳ мондани фаъолияти идоракунии на он қадар бошуурона метавонад таъсири бениҳоят манфиро ба ҷаззобиёти ин минтақаи ҷумҳурӣ, чун маркази сайёҳии экологӣ расонад.

Вобаста ба ин, барои ворид шудан ба бозори байналмиллалии сайёҳӣ ва ба роҳ мондани фаъолият дар асоси рақобатпазирӣ бояд нақшаи стратегӣ ва моделкунонии фаъолиятро дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» коркард намуд. Танҳо бо ҳамин роҳ метавон натиҷаҳои манфии рушди сайёҳии экологиро бартараф сохта, меъёрҳои мувофиқро барои такроран рух надодани онҳо қабул кард.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иқтидори ғании сайёҳии минтақа дар якҷоягӣ бо тамоюлҳои ҷаҳонии рушди сайёҳӣ сармоягузориро ба ин бахш аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳӣ байналмилалӣ хеле умедбахш месозад. Ҳамзамон, ташаккули босамар ва танзими фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» ба қатори равияи афзалиятноки рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва мамалакат, инчунин

омили баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии маҳал дохил намудан мумкин аст.

### 4.2. Самтҳои афзалиятноки сайёҳии экологӣ

Яке аз нишонаҳои афзалиятноки ҳудуди муосири сайёҳӣ, ин афзоиши гуногуни он буда, барои ҷалб намудани сайёҳон ва қобилияти таъмин кардани талаботи моддӣ, маънавӣ ва иттилоотии онҳо имконият фароҳам меорад. Ташкил намудани шароитҳои мусоид барои ҷалб намудани аҳолӣ ба сарватҳои табиӣ, сайёҳат, истироҳат, беҳдошти саломатӣ, маълумотнокӣ дар ин минтақа, ҳамасола диққати сайёҳон ва истироҳаткунандагонро ба худ ҷалб мекунад.

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашудаи сотсиологӣ афзалияти рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» мақсаднок дониста шудаанд.

Мувофиқи вазъи ба амаломада, дар замони муосир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ диққати махсус дода шудааст. Аз ин рӯ, дастгирии ҳаматарафа дар ташкил намудани инфрасохтори сайёҳӣ, ба вуҷуд овардани маҳсулоти рақобатпазирии сайёҳӣ, дастгирии сектори хусусӣ дар сайёҳӣ, ташкил намудани шароитҳои мусоид барои рушди соҳибкорӣ, таъмин намудани дастрасӣ ба захираҳои қарзии рушди системаи молиявӣ-қарзӣ ва ғайра аз муҳимтарин вазифаҳои он ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи имконият шароитҳои мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ бо роҳи мукаммал сохтани меъёрҳои қонунӣ; нисбатан озод кардани (либерализатсияи) тартиботи сарҳадӣ ва гумрукӣ; осон намудани пешниҳоди раводид барои сайёҳон, рушди минтақавии кооператсия бо мамлакатҳои ҳамсоя ва ғ. муҳайё гардида истодааст.

Инчунин, дар ҷумҳурӣ дар замони имруз диққати ҷиддӣ ба тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи сайёҳӣ равона гардидааст. Барои расидан ба мақсади ниҳоӣ имрӯз дар бисёре аз муассисаҳои олии кишвар ва минтақавии он факултетҳои махсус оид ба сайёҳӣ бомуваффақият фаъолият

карда истодаанд. Дар пойтахти ҷумҳурӣ Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ таъсис дода шудаат, ки ҳамасола барои зерсохторҳои марбутаи сайёҳӣ мутахассисони баландихтисос омада карда истодаанд. Системаи бисёрсатҳаи тайёр намудани кадрҳо аз роҳнамоиҳои мактаббачаҳо оғоз гардида, то ташкил намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад.

Барои пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар самти рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ аз ҷониби АМИТ ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам фаъолияти заррас бурда истодаанд.
Барои бештари минтақаҳои сайёҳӣ бо назардошти шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва зарфият, гузаронидани тақсимоти ҳудудии сайёҳӣ-рекреатсионӣ барои коркарди стандартҳо ва меъёрҳои сохтмонӣ гузаронида шуда, ин кор босуръат идома дорад. Меъёрҳои тақвият бахшидани сатҳи таъминоти бехатарии ҷисмонӣ, молиявӣ ва ғизоии сайёҳон коркард шуда истодаанд.
Корҳои тарғиботӣ дар самти сайёҳӣ, аз ҷумла ташкил кардани шабакаи махсуси «эко-сайёҳӣ» дар телевизиони ҷумҳуриявӣ, ки дар он сӯҳбатҳои мунтазам оид ба саҳми воситаҳои ахбори омма дар ҷанбаҳои гуногуни сайёҳӣ, чорабиниҳои гуногун бо мақсади ҷалб намудани аҳолӣ барои рушди сайёҳӣ баргузор гардида, барномаҳои гуногуни иттилоотӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байналхалқӣ гузаронида мешаванд.

Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо оид ба муарифии мероси таърихӣ-фарҳангӣ ва анъанаҳои халқҳои дар ҳудуди Тоҷикистон сукунатдошта, дастгирии ҳаматарафа ба онҳо расонида мешавад. Ба ғайр аз ин, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ марказҳои гуногун ташкил карда шудаанд, ки дар онҳо хизматрасониҳои машваратӣ-иттилоотӣ барои аҳолӣ расонида мешаванд.
Ҳамасола дар ҳудуди кишвар имкониятҳои географӣ васеъ гардида, шумораи хатсайрҳои ҳавоӣ зиёд шуда истодааст. Аз ин рӯ, диққати махсус ба таъмири роҳҳои автомобилгард дода мешавад, ки онҳо мувофиқи стандартҳои байналмиллалӣ объектҳои гуногуни сайёҳӣ ва мавзеҳои тамошобоби таърихӣ-меъмориро бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ мепайванданд.

Ҳамзамон, ба рушди категорияҳои гуногуни воситаҳои ҷобаҷокунии сайёҳон низ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Бо ин мақсад меҳмонхонаҳои мавҷудбуда ва сохтмони меҳмонхонаҳои гуногун таъмиру азнавсозӣ карда мешаванд. Дар баробари ин,  шароитҳо барои ташкил намудани ҳаргуна нишастҷойҳо, ба монанди: истироҳатгоҳҳои хаймавӣ, кемпингҳо, хонаҳо барои меҳмонҳо, истироҳатгоҳҳои оилавӣ, фардӣ ва дигар воситаҳои ҷобаҷокунӣ шароит муҳайё карда мешаванд.

Чунин корҳои барномавӣ ба чараёни зиёдшавии сайёҳон дар ҷумҳурӣ ва махсусан ба ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит»* таъсири мусбӣ мерсонад. Ин омил даромади маблағро ба иқтисодиёти минтақа ва мамлакат зиёд намуда, афзоиши даромади андоз ба буҷет ва баланд бардоштани сатҳи кортаъминкуниро ба аҳолӣ таъмин менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» дорои шартҳои объективӣ барои рушди босубот ва устувори фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ  буда, дар бозори сайёҳӣ ба  маҳсулоти сайёҳии экологии ин ҳудуд диққати ҷиддӣ дода мешавад. Аз ин ҷиҳат, дар ҳудуди минтақа ташкил намудани саноати экологии аз ҷиҳати иҷтимоӣ равонагардида, манфиатбахш ва рақобатпазир мебошад, зеро он  метавонад талаботи сайёҳон ва рекреантҳоро дар хизматрасонии гуногуни сайёҳӣ таъмин намояд.

Чи тавре ки муайян гардид, имконоти сайёҳии «*Резервати биосферии Ромит*»  метавонад ба таври пурра афзалияти рақобатнокии худро дар шакли фаъолияти муайяни сайёҳӣ-рекреатсионӣ  амалӣ намоянд.

Натиҷаи таҳқиқоти бисёрсола ва таҳлили ҳамаҷонибаи бозори сайёҳӣ ба мо имконият дод, ки намудҳои нисбатан ҷолиб ва афзалиятноки сайёҳии экологӣ ва роҳҳои истифодабарии самараноки онҳоро муайян намоем. Ин амал шуҳрати «*Резервати биосферии Ромит*» -ро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд ва рақобатпазир мегардонад.

Ба қатори онҳо чунин намудҳои сайёҳии экологӣ дохил мешаванд:

1. *Маърифатӣ;*

*2. Илмӣ;*

*3. Рекреатсионӣ;*

*4. Сайёҳии экологии деҳотӣ (агротуризм).*

**Сайёҳии экологӣ-маърифатӣ.** Табиати «*Резервати биосферии Ромит*» имкон дорад, ки дар ташкил намудани фаъолияти сайёҳии экологӣ ҳамчун ниҳоди мустақил сайёҳонро ба омӯзиши донишҳои нав дар бораи табиат, гуногунии биологӣ, намудҳои нодири намояндагони олами наботот ва ҳайвонот, сохтор ва амалиёти геоэкологии системаи кӯҳӣ ва арзишҳои таърихию фарҳангӣ ҷалб намояд. Ҳифзи иқтидори табиӣ ва фарҳангӣ-таърихии минтақа нерӯи муҳимми сайёҳии «*Резервати биосферии Ромит*» маҳсуб меёбад. Ба туфайли он, нақши нотакрори ин ҳудуд ҳамчун маркази сайёҳӣ, барои он гурӯҳӣ сайёҳоне, ки ба мавзеъ ташриф меоваранд ва талаботи хешро дар хусуси дарки сарватҳо ва хусусиятҳои хоси воқеияти гирду атроф, ки барои инсоният аҷоиб ва шавқовар мебошад, ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Чунин намуди сайёҳии экологиро ба таври зерин роҳандозӣ кардан мумкин аст:

1. Сайёҳии экологӣ дар мавзеъҳои вайроншуда, тағйирнаёфта ё суст тағйирёфта (дар зери таъсироти инсон).

2. Сайёҳии экологии дар мавзеъҳои маданикардашуда ва тағйирдодашуда мувофиқи талаботи аҳолии минтақа.

Дар мувофиқа бо мақсадҳои пешбинишуда, ин намудҳои сайёҳии экологиро бо назардошти равияҳои зерин метавон чунин ташкил намуд:

1) Сайёҳатҳои экологӣ бо мақсадҳои варзишӣ дар маҷмааҳои экологии ҳуди резервати биосферӣ;

2) Назорат аз раванди гузариши процессҳои ҳаётӣ ва омӯзиши системаи экологии дастнорас ё тағйирнаёфтаи ҳудуди резерват бо сафарҳои фарҳангӣ ва омӯхтани донишҳои экологӣ;

3) Сайёҳатҳои экологӣ бо мақсадҳои омӯзиши мавзеҳо ва объектҳои таърихӣ ҳудуд ва атрофӣ резерват;

4) Истироҳат дар мавзеҳои дилкушои табиат  бо мақсадҳои ҳиссиётӣ ва эстетикӣ;

5) Саёҳатҳои табобатӣ дар заминаи  омилҳои табиии ҳудуди резерват.

Бояд қайд кард, ки ташкили фаъолияти сайёҳии экологӣ-маърифатӣ дар ҳудуди резерват якчанд намудҳои объекти омӯзишро дар бар мегирад. Объектҳои маърифатии сайёҳони экологӣ системаҳои экологӣ ва биосенозҳои том, элементҳо ва маҷмааҳои экологӣ, ландшафтҳои зебои табиӣ, аксбардори ва ғайра. Ҳар як аз ин намуди сайёҳӣ метавонад ба манфиатҳои гуногун ва афзалиятҳои меҳмонон мутобиқ карда шавад. Масалан, барои оилаҳои кудакдор барномаҳои махсусе тартиб додан мумкин аст, ки бозиҳо ва вазифаҳоро дар табиат дар бар мегиранд. Барои дӯстдорони аксбардор – турҳои аксбардорӣ ва наворҳои рӯзгор бо фарҳанги аҳолии маҳаллӣ, ва роҳбаладии касбӣ; барои олимон бошад – экспедитсияҳои илмӣ бо имконияҳои гузаронидани тадқиқот.

Объектҳои муҳимми сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват аз омилҳои зерин иборат мебошанд: экосистемаҳои табиии нисбатан халалдорнашуда ё минтақаҳои тағйирнаёфта, объектҳои ботаникӣ, зоологӣ, геологӣ ва объектҳои ба ин монанд, намудҳои алоҳидаи биологӣ: – наботот, ҳайвонот, паррандагон ва ҳашарот, шоҳпаракҳои ғароиб, намоишҳои ботаникӣ, зуҳуроти табиӣ, ки дар давраи муайяни ҳаётӣ бо назар расида, даштҳои сабзу хуррам, манзараи табиати кӯҳии баҳорӣ,  ландшафтҳои табиии-антропогенӣ, объектҳои геологӣ ва гидрологӣ (кӯҳҳо, харсангхо, ғорҳо, чашмаҳои шифои, обҳои зеризаминӣ ва шаршараҳо), объектҳои экологӣ-фарҳангӣ, экологӣ-этнографӣ ё археологӣ, бозёфтҳои таърихӣ, археологӣ, палеонтологӣ ва дигар мавзеҳои диданибоб шуда метавонанд [43].

Ба қатори саёҳатҳои ҷалбкунанда, сайёҳии деҳот ё «сайёҳии сабз», обӣ ва сайёҳатҳои кӯҳиро низ дар ҳудуди экосистемаи резерват метавон шомил намуд.

Шакли гузаронидани сайёҳии экологӣ-маърифатӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» метавонад дар шакли сайёҳии экскурсионӣ (намоишӣ), роҳпаймоии экологӣ ё урдугоҳҳои мавзуии тобистона ташкил карда шаванд.

**Сайёҳии экологии илмӣ** – ин намуди сайёҳӣ на танҳо назария, балки амалия низ мебошад, ки он доираи васеъи фаъолиятҳоро: иштирок дар экспедитсияҳои тадқиқотӣ ва корҳои саҳрои, то иштирок дар чорабиниҳои гуногун аз қабили: форумҳо, слётҳо (бозиҳои шавқовар), конференсияҳои илмӣ, ҷаласаҳо дар фазои кушод ва дигар сафарҳои мақсадноке, ки бо ҷамъоварии маводҳои илмӣ дар бораи захираҳо ва ҳодисаҳои дар минтақа ба амаломада равонагардида, дар бар мегирад. Ин як имконияти хубест барои олимон, донишҷӯён ва ҳар нафаре, ки ба илм таваҷҷӯҳ дорад, вақти муфидро гузаронад ва дониши худро васеъ намояд.

Барои рушди сайёҳии илмӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» шароитҳои мусоид мавҷуд буда, онҳо бо роҳи ташкил намудани саёҳатҳои табиӣ-табиатшиносӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ амалӣ мегарданд. Ба намудҳои нисбатан афзалиятноки ин намуди сайёҳӣ - турҳои биологӣ, ботаникӣ, геоботаникӣ, геодезӣ, геологӣ, гидрологӣ, ихтиологӣ, энтомологӣ, палеонтологӣ, инчунин сайрҳои экологӣ-фарҳангӣ, мушоҳидаи падидаҳои табиат, ки дар рафти онҳо иштирокчиён имкони шоҳиди равандҳои аҷиби табиӣ, ба мисли муҳоҷирати паррандагон, гулкунии растаниҳои нодир, тағйир ёфтани манзараҳо дар фасли гунонуни сол дохил мешаванд.

**Сайёҳии экологии рекреатсионӣ.** Мақсади асосии ин намуди фаъолияти сайёҳӣ - ин истироҳат дар фазои кушоди табиат мебошад. Дар солҳои охир ин намуди фаъолияти сайёҳӣ таваҷҷӯҳи ҳарчи бештари одамонро ба худ ҷалб намудааст. Ҷаҳони муосир, ки бо рушди босуръати технологӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, инчунин афзоиши мушкилоти техногенӣ, ки дар заминаи авҷи босуръати равандҳои саноатикунонӣ ва урбанизатсия (шаҳрсозӣ) рӯй дода истодааст, одамонро ҳарчи дучори ҳар гуна бемориҳои системаи асаб (стрес) гардонидааст. Дар посух ба ин талабот одамон ба истироҳат ва

барқарор намуданӣ саломати босуръат афзоида истодааст, ки ин боиси рушди фаъолияти сайёҳӣ гардида истодааст.

Қисми зиёди аҳолӣ баҳри барқарор намудани саломатии худ хоҳиши дур будан аз ҷамъиятро ба воситаи омилҳои мусоиди табиӣ, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, дарёфт намудани ҳаловати эстетикӣ, бартараф кардани бемориҳои системаи асаб кӯшиш мекунанд, ки аз таъсиротҳои манфии чаҳони муосир озод шаванд.

Шароити табиии «*Резервати биосферии Ромит*» мавзеи ниҳоят мувофиқ барои гузаронидани ин намуди истироҳат шуда метавонад. Дар ин ҷо барои гузаронидани чунин шакли фаъолият ва гузариш ба сайёҳии рекреатсионӣ ҳама гуна шароитҳои зарурӣ мусоид мебошанд.

Шакли фаъоли сайёҳии рекреатсиониро метавон ба воситаи саёҳати пиёдагардӣ ё трекинг, ҷамъоварии занбуруғ, буттамеваҳо, гиёҳҳои шифобахш, шикор, моҳигирӣ, кӯҳнавардӣ, сайёҳии обӣ, спелеосайёҳӣ (сайёҳӣ-ғорӣ), делтапланеризм (сайёҳӣ-ҳавоӣ), сайёҳат бо дучарха, асп ва ғайра, ки воситаҳои нақлиётии аз ҷиҳати экологӣ бехатар маҳсуб ёфта, зарари худро ба муҳити гирду атроф намерасонанд, амалӣ мегардад.

Шароити ниҳоят мусоид барои гузаронидани шаклҳои гузариши сайёҳии экологии рекреатсионӣ дар ин ҷо муҳайё гардидааст. Барои ин дар ҳудуди резерват ва гирду атрофи он шароити мусоид барои истироҳати сайёҳон дар урдугоҳҳои хаймагӣ, сайругашт дар ҳудуди минтақа, сайри чорбоғ ва дигар шароити мусоид барои шикор, моҳигирӣ, ҷамъоварии ҳадяҳои табиат, ки дар асоси принсипҳои устувори табиат амалӣ карда мешаванд, мавҷуд аст.

**Сайёҳии экологии деҳот ё агросайёҳӣ**. Дар заминаи резерват ташкил намудани сайёҳии деҳот бениҳоят манфиатбахш мебошад. Ин намуди фаъолияти сайёҳӣ барои иштирокчиён имконият медиҳад, ки як қисми ҷомеаи маҳалли гарданд: дар хонаи сокинони деҳот зиндагонӣ мекунанд, бо сокинони маҳаллӣ хӯрок хуранд, хулас дар расму оин ва ҳунарҳои мардумӣ иштирок намоянд. Дар раванди ин саёҳат онҳо имконият пайдо мекунанд, ки

на танҳои таомҳои асилро, ки мувофиқи анъанаҳои қадимӣ омода карда шудаанд, санҷанд, балки тарзи пухтани онҳоро низ аз худ намоянд. Чунин саёҳат ба сайёҳон таассуроти фаромушнашаванда бахшида, ба онҳо имкон медиҳад, ки фарҳанги мардуми маҳаллиро хубтар дарк кунанд. Ҳамзамон, имконият доранд, ки дар фестивалҳо, идҳо, чорабиниҳои варзишии шавқангез (роҳпаймоӣ, сайёҳат дар қаиқ, саёҳат бо дучарха, моҳигирӣ ва ғ.) иштирок намоянд.

Сайёҳии деҳотро метавон дар якҷоягӣ бо сайёҳии фарҳангӣ-маърифатӣ, беҳдошти саломатӣ ва таърихӣ рушд дод, зеро дар ин ҷо қариб ҳамаи муассисаҳо (хоҷагии қишлоқ, фарҳанг, маориф ва ғ.) дар баргузории чунин чорабиниҳо ҷалб мегарданд.

Рушди сайёҳии деҳот барои таъминоти рушди устувори на танҳо ҳудуди резерват, балки нуқтаҳои маҳалҳои аҳолинишини гирду атрофи он мавҷудбуда, низ мусоидат менамояд.

Ин равия ба воситаи принсипҳои (қонунҳои) зерин амалӣ мегардад:

– *универсалӣ* (истифодаи захираҳои гуногуни иқтидори мавзеъ барои беҳбудии иҷтимоӣ-иқтисодии нуктаҳои аҳолинишини деҳот);

– *яклухтӣ* (робитаи муттақобилаи ҳама ҷузъҳои таркибии ин самт: «табиат–аҳолӣ –хоҷагӣ»-ро барои ташкил намудани пешниҳоди яклухт ба бозори сайёҳии деҳот дар назар дорад);

– *муҳофизатӣ (м*уносибати ғамхорона ба манзараҳои нодири деҳот ва истифодабарии устувори онҳо дар рушди фаъолияти сайёҳӣ);

– *ҳамкорӣ* (дар ҳамкори бо сокинони маҳаллӣ, тиҷорат ва ҳукумат ташкил намудани маҳсулоти рақобатпазири сайёҳӣ бо максади беҳтар намудани ҳаёт дар дехот ва расидан ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии он);

– *амалишавӣ (ин қисмат* фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниходшудаи истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолро дар бар гирифта он бо мақсади амалӣ гардидани манфиатҳои иқтисодӣ аҳолии деҳот ва қонеъ гардонидани талаботи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагонро дар бар мегирад) [65, 145, 171].

Вобаста ба ин рушди он дар ҳудуди «*Резервати биосфериии Ромит*» бениҳоят манфиатбахш мебошад, зеро он, дар маҷмӯъ ба тамоми принсипҳои рушди устувори истифодабарии захираҳои табиии маҳал мувофиқат мекунад.

## 4.3. Дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*»

Новобаста аз камбудиҳои мавҷуда, рушди самараноки фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» яке аз равияҳои афзалиятноки иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологии ҳудудӣ, минтақавӣ ва дар маҷмуъ ҷумҳуриявӣ ба шумор меравад.

Дар асоси таҳлили омилҳое, ки ба рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват монеа мешаванд, аз тарафи мо якчанд меъёрҳо муайян гардидаанд, ки барои бартараф намудани онҳо мусоидат менамоянд:

1. Коркарди барномаи давлатӣ оид ба рушди сайёҳии экологӣ дар марзи ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадафи асосиашон ба муттаҳидкунии эҷодии ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ ва ташаббусҳои соҳибкорӣ дар ин самт равона гардидаанд;
2. Рушди объектҳои инфрасохтории сайёҳии экологӣ, ки дар замони муосир омили монеашавандаи қабули сайёҳон маҳсуб меёбад. Онро метавон дар асоси соҳавикунонии лоиҳаҳои сайёҳии маблағгузории калондошта, оид ба намудҳои афзалиятноки сайёҳӣ, амалӣ кард. Барои амалӣ намудани ин барнома чунин пайдарҳамии фаъолият талаб карда мешавад: – такмили иншооти мавҷуда ва бунёди иншооти нави сайёҳии экологӣ, бунёди пайроҳаҳои экологӣ; – таъмини дастрасии сайёҳон ба ҳудуди резерват, инфрасохтори зарурӣ (истгоҳи мошинҳо, марказҳои иттилоотӣ); – ташаккул додани хатсайрҳои гуногуни сайёҳӣ, истеҳсоли арғумонҳои хотиравӣ ва ташкили хидматрасониҳои иловагӣ (сайрҳо ва дарсҳои маҳорат); – ҷалби сокинони маҳаллӣ ба фаъолияти сайёҳӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ; – ҷалби сармоягузорӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак; – пешбурди фаъолонаи маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори сайёҳии ватанӣ ва байналхалқӣ;

Дар *расми 4.1.* харитаи мавзеъҳои ҳудудӣ барои рушди намудҳои афзалиятноки сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит» оварда шудааст.




*Расми 4.1. Харитаи мавзеъҳои ҳудудӣ барои рушди намудҳои афзалиятноки сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит»*

Ҳалли босуботи ин масъалаҳо метавонад вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаро хеле беҳтар намуда, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкории хурд дар соҳаи сайёҳӣ, ворид кардани ихтисосҳои нав дар самти баланд бардоштани нуфузи тахассусии соҳаи сайёҳӣ ва қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни хизматрасонии сайёҳӣ мусоидат намояд.

Барои ташкил намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар заминаи мавзеи резерват дар навбати аввал бояд сохторҳои давлатӣ ва қисман сармоягузорони ватанӣ  ҷалб карда шаванд. Ба ин кор дар навбати аввал гурӯҳи ташкилотҳои соҳибкорони дар марзи резерватбуда, мақомотҳои идоракунии давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои илмӣ-таълимӣ ҷалб карда шаванд. Онҳо имконияти дар якҷоягӣ ташкил ва таъмин намудани раванди фаъолияти сайёҳӣ ва истифодабарии маҷмуи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии  минтақаи сайёҳиро ба роҳ монанд.

Ҳангоми зарурат метавон сармоягузоронро аз мамлакатҳои хориҷ барои ташкил намудани объектҳои асосии саноати сайёҳии экологӣ ва инфрасохтори он ҷалб намуд. Ин на танҳо барои баланд бардоштани рафтуомади сайёҳони экологӣ имконият медиҳад, балки шумораи ҷойҳои корӣ зиёд гардонида, боиси паст гардидани вазъияти зиндагии иҷтимоӣ мегардад. Амалишавии ин нақшаҳо фаъолияти маъмурияти минтақавиро оид ба рушди лоиҳаҳои соҳаи сайёҳӣ дар ҳудуди «*Резервати биосферии Ромит*» ва таъминоти молиявӣ ҷиҳати ҷалби маблағҳо барои зарурати рушди сайёҳии дохилӣ ва беруна дар назар дорад.

Ба қатори амалҳои афзалиятнок, дар заминаи бинои асосии *«Резервати биосферии Ромит»* ташкил намудани марказҳои иттилоотӣ ва тиббӣ, фаъолияти хизматрасониҳои иловагӣ оид ба қабули сайёҳон, ташкили корхонаҳо ва дар назди онҳо ба фурӯш мондани маҳсулоти сайёҳӣ (тӯҳфаҳо ва дигар маҳсулот барои ҳадя) – ро ба роҳ мондан зарур аст. Ҳамзамон, пешниҳод намудани маҳсулоти нодири истеҳсоли маҳаллии иникоскунандаи хусусиятҳои миллӣ-минтақавӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии фарҳангӣ-маишӣ зарур шуморида мешавад.

Эҷоди чунин маҳсулот муносибати маҷмӯӣ, аз ҷумла таҳқиқоти илмӣ, таҳлили бозор ва таҳияи стратегияҳои самараноки идоракуниро талаб намуда, қоидаҳои зеринро дар бар мегиранд:

– муайян намудани номгӯйи объектҳои сайёҳии худуди резерват, муайян кардани иштирокчиёни асосии бозори сайёҳӣ ва арзёбии иқтидори иҷтимоию иқтисодии минтақа;

– таҳлили фазои иттилоотии минтакаи сайёҳӣ, барномаҳо ва лоиҳаҳои рушди сайёҳии экологии ҳудуд;

– омода намудани тавсияҳо оид ба рушди равияҳои асосии фаъолияти сайёҳии экологӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси минтақа ва вазъи иҷтимоии он;

– механизми алоқаи дуҷониба бо сайёҳон, муассисаҳои хизматрсонии сайёҳон ва аҳолии маҳалл.

3. Ташкил намудани маркази махсуси экологии сайёҳӣ, ки ба он – иттиҳодияҳои махсус, муассисаҳои экологӣ-сайёҳӣ ва ташкилотҳои хурду миёна дохил шуда он на танҳо ба ташкили фаъолияти сайёҳии экологӣ, балки омӯзиши масъалаҳои рушди сайёҳии экологӣ машғул шавад;

4. Ташкил намудани базаи махсуси иттилоотӣ ва системаи маълумотӣ оид ба объектҳои сайёҳӣ-экологии резерват, имконоти рушди фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсиониро оид ба самтҳо ва сафарҳои бо сайёҳии экологӣ вобастабуда, равона менамояд. Таҷрибаи пешқадами муассисаҳои ҳудудҳои ҳифзшаванда нишон медиҳад, ки чунин амал имконияти калони таъсиррасонии мусбиро ба ҷараёни паҳншавии маълумот дар бораи сайёҳии экологии ҳудудӣ мерсонад ва шумораи зиёди иштироккунандагони ин соҳаро дар ҷорӣ намудани андешаи пешрафтаи замони муосир ҳавасманд гардонад;

5. Баҳогузории объективӣ ва воқеии захираҳои табиии ҳудуди резерват амали муҳим буда, тавассути он сарҳад дар байни талабот ва манфиатҳои сайёҳони экологӣ, рекреантон ва муассисаҳои ҳифзи муҳити табиат мушаххасан муайян мегардад. Барои мисол, барои экосайёҳон омилҳои муҳимтарин, ин хусусиятҳои табиии минтақа, гуногунии биологӣ ва имкониятҳои тамошои ҳайвоноти ваҳшӣ мебошад. Рекреантҳо бошанд, бештар ба шароити бароҳати фароғатӣ, таъмини инфрасохтор ва амнияти экологӣ таваққӯҳ дорандю. Ташкилотҳои ҳифзи табиат дар навбати худ ба ҳифзи экосистемаҳои табиӣ ва гуногунии биологӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Ҳар се гурӯҳ ба ҳифз ва истифодаи устувори минтақаҳои табиӣ манфиатдор мебошад, гарчанде ки афзалиятҳо ва равишҳои онҳо метавонанд гуногун бошанд;

6. Гузаронидани барӯйхатгирӣ ва ҷориккунии системаи шиносномавии объектҳои дорои аҳамияти сайёҳии экологӣ дошта ва ба низом даровардани сифати дастрасии маълумот оид ба ҷойҳои тамошобоби минтақа зарур буда, объектҳои он барои сайёҳони экологӣ тавсиф карда шаванд;

7. Ташкил намудани кадастри пурраи ҳамаи захираҳои табиӣ, сайёҳии экологии минтақа ва баҳогузории пурраи онҳо. Чунин маълумот тасаввуроти

умумиро дар бораи минтақаи сайёҳӣ пешниҳод намуда, имконияти баҳогузории амиқи диққатҷалбии онро барои фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ муайян сохта, бо ҳамин диққати мақомоти идоракуниро ба рушди самарбахши намудҳои барои мавзеи мазкур афзалиятнокро ҷалб менамояд;

8. Ба низом даровардани раванди омодакунӣ ва бозомӯзии касбии мутахассисонро дар самти сайёҳии экологӣ бо якчанд роҳ гузаронидан мумкин аст:

– таъсиси ихтиссоси «сайёҳии экологӣ» бо гирифтани дараҷаи ихтиссоси мувофиқ, дар чаҳорчубаи ҷараёни таълимӣ дар Донишгоҳи байналмилаллии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ бо ворид намудани барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои таълимии коркардашуда, дар мактабҳои олии дохилӣ ва хориҷи кишвар. Ин барои донишҷӯён имконият фароҳам меорад, то дар ҷараёни таълим азхуд кардани салоҳияти тахассусӣ, донишҳои асосӣ ва маҳорату малакаи худро такмил дода, барои амалӣ шудани фаъолияти тахассусиашон дар ҳудуди ҷумҳурӣ мусоидат намояд;

– ташкил намудани курсҳои дарозмуддат оид ба омода намудани мутахассисони ихтиссоси «Сайёҳии экологӣ». Чунин таҷриба дар Туркиё, Исроил ва мамлакатҳои қитъаи Авруосиё мавҷуд аст, ки муҳлати таълими ихтиссоси сайёҳии экологӣ аз 2 то 4 сол давом ёфта, он ба системаи маълумоти олӣ бо барномаи пурра дохил мешавад [62]. Баъди ба охир расидани ин курсҳо довталабон аз таҷрибаомӯзӣ гузашта, имтиҳоноти давлатиро месупоранд ва мунтазам аз курсҳои такмили ихтисос мегузаранд;

– ташкил намудани курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба омода намудани мутахассисони «Сайёҳии экологӣ». Чунин курсҳо барои довталабони дорои дараҷаи бакалаврӣ гузаронида мешаванд. Омӯзондани ин малакаи сайёҳии экологӣ барои роҳбаладон дар асоси маълумоти доштаашон ба роҳ монда мешавад. Мӯҳлати чунин курсҳо дар мувофиқат ба хусусияти барномаи таълимӣ аз якчанд ҳафта то якчанд моҳ давом меёбад. Ин курсҳо ба ташаккул додани салоҳият дар соҳаи «Сайёҳии экологӣ» равона гардида,

барномаи ин курсҳо малакаи назариявию амалӣ ва донишҳои зарурии ин соҳаро дар бар мегирад;

– таъсиси маркази ягонаи омодасозии кадрҳои соҳаи экосайёҳӣ на танҳо такмили ихтисоси мутахассисон, балки ягонагии стандартҳои сифатро дар ин самт таъмин менамояд. Дар ин марказ барномаҳои таълимӣ таҳия, омӯзиш ва атестатсияи мутахассисон дар равияи "Сайёҳии экологӣ", ки дар ниҳоят он на танҳо имконияти баланд бардоштани касбияти мутахассисон, балки сифати фаъолияти сайёҳии экологиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низом медарорад.

9. Ташкил намудани системаи таъсирбахши рушди таъминоти ташвиқотӣ, иттилоотӣ ва пешбарии сайёҳии экологии минтақавӣ дар бозори ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии сайёҳӣ. Чунин фаъолият имконият дорад, ки дар баробари сайёҳони нав, инчунин сармояҳои навро барои рушду оммавӣ шудани сайёҳии экологии минтақавӣ ҷалб намояд;

10. Ба талаботҳои беруна мусоидат намудани фаъолияти сайёҳии экологӣ тавассути маблағгузории пойгоҳи моддӣ-техникии инфрасохтори сайёҳӣ;

11. Ташкил намудани системаҳои мувофиқи истифодабарии захираҳои табиӣ-сайёҳӣ;

12. Гузаронидани стандартизатсия ва сертификатсияи хизматрасониҳои сайёҳӣ;

13. Тақвият бахшидани дастгириҳои давлатӣ оид ба фаъолияти сармоягузорӣ;

14. Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи экосайёҳӣ бо шариконӣ хориҷӣ, махсусан бо муассисаҳои минтақаҳои муҳофизатшаванда имкон медиҳад, ки ин мавзеъ ба технологияҳои пешрафта, усулҳо ва таҷриба дар рушди ин соха дастрасӣ пайдо кунад. Ҳамкорӣ бо ин муассисаҳо метавонад дар амалишавии лоиҳаҳои муштараки тадқиқотӣ, табодули мутахассисон, эҷоди маҳсулоти муштараки сайёҳӣ ва иштирок дар форуму конферонсҳои байналмилалӣ мусоидат намояд.

Дар ҷараёни таҳлили меъёрҳои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват меъёрҳои гуногун пешниҳод гардиданд, ки онҳо мувофиқи моҳияташон ҳаммаъно набуда, ҳалли таъҷилии худро металабанд.

Бояд қайд кард, ки мушкилӣ дар барқароркунии реҷаи махсус дар ҳудуди резервати биосферӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин минтақа аз назари мутахассисони соҳа дур мондааст. Аз ин лиҳоз, бо назардошти ҷой додани нуқтаҳои аҳолинишин дар марзи он, рушди босуръати сохтмони мавзеъҳои истиқоматию субъектҳои хоҷагидорӣ ва минтақаи фаъолияти хоҷагидории онҳо ба системаи мураккаби экологӣ табдил ёфтааст.

Дар чунин ҳолат моро зарур аст, ки тамоми комплекси табиӣ ва барқарор кардани реҷаи махсуси муҳофизатро дар тамоми минтақа ба вуҷуд орем. Аз ин лиҳоз, марҳалаи якуми рушди сайёҳии экологиро дар марзи ин ҳудуд бо роҳбаладӣ таҷрибадор ва пайроҳои сайёҳӣ-омӯзишии пешакии банақшагирифташуда: якрӯза (пайроҳаҳои рӯзҳои истироҳат) ва бисёррӯза (бо дарозии даҳҳо километр) ташкил ва ба роҳ мондан зарур аст. Ташкил намудани сайёҳии экологӣ тавассути пайроҳаҳои экологии таълимӣ низ афзалиятнок дониста мешаванд. Ин амал низ ҳадафи омӯзишӣ дошта, раванди он барои шиносоӣ пайдо кардани сайёҳон бо объектҳои табии ҳудуди резерват бо мақсади баланд бардоштани маърифатнокии экологии онҳо ва васеъ намудани ҷаҳонбинии сайёҳон оид ба табиат равона шудааст.
Ташкил намудани сайёҳии экологӣ дар ин пайроҳаҳо тарафҳои зиёди мусбӣ дорад. Сараввал сайёҳони экологиро барои гузаштан аз монеаҳо мавриди омӯзиш қарор дода, ба мушкилиҳои пешомада (ҳаёти сайёр) онҳоро мутобиқ сохта, зарурияти усулҳои дастгирӣ ва ёрии байниҳамдигариро ҳангоми саёҳат дар табиат ба онҳо меомӯзад. Нақша ва сохтори ин фаъолият аз рӯйи мақсади омӯзишии сайёҳат гуногун мешавад: рост, ҳалқамонанд, радиалӣ ва дар мавридҳои алоҳида низ метавон нақшаи омехтаро истифода бурд. Нақшаи ниҳоиро аз рӯйи мавқеи ҷойгиршавии объектҳо ва мақсадҳои сайёҳии экологӣ метавон чунин тартиб дод: қисман – пиёдагардӣ, қисман – аспсаворӣ (дар минтақаҳои мушкил ва дурдаст). Чунин сафарҳо барои

сайёҳони экологӣ имконияти ҳисси баланди омӯхтани тамоми нозукиҳои табиати биосферии резерватро фароҳам меоваранд.

Мақсади стратегии фаъолияти сайёҳии экологӣ ин ташаккули рақобатпазирии солонаи маҳсулоти экосайёҳӣ ба дараҷаи меъёрҳои байналмиллалӣ расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад. Чунин роҳ барои таъмин намудани рушди устувори иҷтимоӣ -иқтисодии ҳудуд ва минтақа, дар маҷмуъ хело мусоид мебошад.

Пешниҳод намудани чунин маҳсулоти сайёҳии беҳамтои инноватсионӣ бо коркарди баъзе унсурҳои он, имконпазир ва афзалиятнок мебошад. Чунки иқтидори табиии *"Резервати биосферии Ромит"* аз ҷиҳати муҳити табии беҳамто доштанаш ва аз рӯи зебогиҳои ландшафтҳои кӯҳӣ ва гуногунии биологӣ бо дарназардошти намудҳои нодир, реликтӣ, эндемикӣ, камшумор ва муқимӣ бо мероси қадима доштанашон барои рушди босуботи фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ин ҳудуд хизмат намуда, шумораи зиёди сайёҳони экологиро ба ин минтақа ҷалб менамояд.

Ба масъалаҳои мақсадноки рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологии ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* дохил мешаванд:

- фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ барои рушди сайёҳии экологӣ;
- ҷалби сармоя ба рушди ин соҳа;
- таъсири ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии маҳаллӣ;
- баланд бардоштани стандартҳои сифат ва сатҳи хизматрасонӣ;
- ҷорӣ намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои сайёҳии экологӣ;
- афзоиши даромади аҳолии маҳаллӣ тавассути рушди сайёҳии экологӣ;
- ҳифзи гуногунии биологӣ ва мероси табиии минтақа;
- рушди устувори минтақа бо назардошти маҳдудиятҳои экологӣ.

Самаранокӣ ва муваффақияти рушди минтақавии сайёҳии экологӣ аз рӯйи чунин меъёрҳо баҳогузорӣ карда мешавад:

– ҷараёни инкишофи шумораи ҷойҳо барои ҷобаҷокунии сайёҳони экологӣ;
– ҷараёни инкишофи шумораи объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ;

– ҷараёни ишкишофи ҷойҳои корӣ;
– ҳаҷми маблағҳои ҷалбгардида барои рушди сайёҳӣ;
– шумораи сафарҳо ба ҳудуди минтақа.

Дар асоси таҳлили гуфтаҳои боло метавон хулоса баровард, ки барои ноил шудан ба рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *"Резервати биосферии Ромит"* на тагҳо монеаҳои мавҷударо бартараф кардан кардан зарурият дорад, балки мувозинати байни манфиатҳои иқтисодӣ, найзҳои мардуми маҳаллӣ ва ҳифзи мероси табииро таъмин кардан лозим аст.

Меъёрҳои пешниҳодгардида барои қабул намудани таҷрибаҳо ва анъанаҳои ҷаҳонӣ омили калидӣ буда, аллаккай самаранокии худро дар мамлакатҳои дигар исбот сохтаанд. Дар замони муосир, гарчанде ки кӯшишҳои муайян барои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват ба харҷ дода шуда бошанд, бо вуҷуди ин суръаташон паст буда, ҷалби оммавии сайёҳони экологӣ нокифоя мебошад.

Меъёрҳои пешниҳодгардида муттаҳидии қувваҳои гуногуни худи сайёҳон ва мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, сармоягузорони фардӣ ва соҳибкоронро тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ, самаранок ба роҳ мондани  фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* барои минтақа афзалиятҳои васеъ мекушояд. Барои таъсири нави ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва ҷалби сармоя сатҳи зиндагии мардуми маҳаллӣ куллан беҳтар мегарданд. Ҳифзи табиати нодири мавзеъи резерват на танҳо нигоҳдории гуногунии биологии мавзеъро таъмин мекунад, балки минтақаро барои сайёҳони аз ҷиҳати экологӣ огоҳ аз тамоми ҷаҳон ҷалб менамояд. Дар натиҷа, минтақа ба сӯи рушти устувор такони қавӣ хоҳад гирифт, ки рушди иқтисодӣ, некӯаҳолии иҷтимоӣ ва ҳизи муҳити зистро муттаҳид месозад.

## Хулосаи боби чорум

1. Аз натиҷаҳои маводҳои пешниҳодгардида метавон хулоса баровард, ки омилҳои ба рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* таъсиррасонанда гуногун ва серпаҳлӯ буда, чунинанд: *омилҳои табиӣ-иқлимӣ ва географӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, демографӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ.*

2. Дар асоси таҳлили вазъи муосири фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* рақобатпазирии он дар бозор бо истифодабарӣ аз методи банақшагирии стратегии SWOT: таҳлил – муайян сохтани тарафҳои қавӣ-заиф, имконот-хатарҳои минтақа муайян гардид.

3. Барои пурра амалӣ гардидани афзалиятҳои рақобатнок дар шаклҳои муайяни фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ намудҳои нисбатан аҷоиб ва рақобатпазир дар ин минтақа, ки барои ҷалби сайёҳон ва таҳкими мавқеи минтақа дар бозори сайёҳӣ иқтидори бештар доранд, муайян гардиданд, ки ба зумраи онҳо дохил мешаванд: *маърифатӣ, илмӣ, рекреатсионӣ ва саёҳии деҳот (агросайёҳӣ).*

4. Дар асоси таҳлили бахши сайёҳии ҳудуди резерват, омилҳои гуногун ва серпаҳлӯ муайян гардиданд, ки таъсири бениҳоят манфиро ба дараҷаи диққатҷалбкунии ин ҳудуди беҳамтои ҷумҳурӣ, ҳамчун маркази сайёҳии экологӣ (ҷиҳати баромадан ба бозори байналмиллалӣ ва ба роҳ мондани фаъолият дар асоси рақобатпазирӣ) мерасонанд.

5. Ташаккул ва рушди устувори сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват ба таври ҷиддӣ омӯзиши консепсияҳои назариявии идоракунии соҳаро талаб мекунад. Бо назардошти вазъи ба амаломада, зарурияти ташкил намудани шаклҳо ва методҳои нави идоракунӣ, ки аз тарафи бозори байналхалқии сайёҳӣ пешниҳод карда мешаванд, муҳим мебошанд.

6. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди резерват бо фаъолияти самараноки системаи умумии фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар минтақа алоқаманд мебошад. Бо мақсади истифодабарии пурраи иқтидори захираҳои сайёҳии ҳудуди резерват, дар оянда, ба ғайр аз пойгоҳи моддӣ-техникии мавҷудбуда, зарурияти ташкил

намудани шабакаи яклухти хонаҳои меҳмонқабулкунандаи нархашон гуногун, рушди инфрасохтори сатҳи миллӣ ва сектори алоқаи телевизионӣ дар асоси ҷалб намудани сармояҳои ватанию хориҷӣ ва ғайра ташкил карда шавад.

# ХУЛОСАИ УМУМӢ

